
ХИРМАНИ СУХАН
Китоби дуюм

# ХИРМАНИ СУХАН

***(баргузидаи ҳикоя ва қиссаҳои адибони ӯзбек)***

(КИТОБИ ДУЮМ)

Мутарҷим ва мураттиби китоб

**ЮНУСИ ИМОМНАЗАР**

«TUBO NASHR»
Тошканд – 2024

КБК: 83.3[5Ӯ]
УӮК: 821.512.133.09
И 47

Юнуси Имомназар. Хирмани сухан. [Матн] – Тошканд: «TUBO NASHR», 2024, 208 саҳ.

**Мутарҷим ва мураттиби китоб**

Юнуси ИМОМНАЗАР

**Муҳаррир**

Насиба ЗАЙНИДДИНОВА

Насри ӯзбек дар давоми сад соли охир на танҳо дар хиттаи Осиёи Миёна ҳамчунин дар миқёси ҷаҳонӣ ба наҳви аҳсан шинохта шудааст. Дар пешрафти он бештар аз чаҳорсад нафар адиб бо осори каму беши худ саҳм гузоштаанд. Асарҳои бешумори нависандагони ӯзбек ба забонҳои гуногун тарҷума шуда дастраси дӯстдорони адабиёт гардидаанд. Аз ҷумла, хонандаи тоҷик низ бо беҳтарин намунаҳои насрии ӯзбек ошно аст.

Ин китоб бо саъю эҳтимоми адиб ва мутарҷими нозукбин Юнуси Имомназар фароҳам омада, давоми китоби аввали «Хирмани сухан» аст ва ҳамроҳ бо шарҳи мухтасари зиндагӣ, намунаҳоеро аз осори нависандагони шинохтаи ӯзбек дарбар мегирад.

Китоби мазкур ба сифати як хрестоматияи адабӣ барои такмили дарсҳои адабиёти донишомӯзон ва ба хонандагони синну соли гуногун пешниҳод мегардад.

ISBN 978-9910-9928-4-1

© Имомназар Ю, 2024
© «TUBO NASHR», 2024

# ХУДОЙБЕРДӢ ТӮХТАБОЕВ
# (1932 – 2021)



*Худойбердӣ Тӯхтабоев 17-уми декабри соли 1932 дар деҳаи Каттатагоби вилояти Фарғона ба дунё меояд. Пас аз даргузашти падар бо маслиҳати хешу ақрабо модари ӯ шавҳар мекунад. Худойбердии хурдсолро падаркалону модаркалонаш бобои Эркабой ва Робиабибӣ ба тарбияи худ мегиранд. Феълу атвори ӯ дар заминаи парвариши бобои боғбон ва момои афсонагӯй шакл мегирад.*

*Айёми наврасии Худойбердӣ Тӯхтабоев ба солҳои ҷанги ҷаҳонии дуюм рост меояд. Ӯ соли 1949 омӯзишгоҳи омӯзгории Хӯқанд ва соли 1955 Донишгоҳи давлатии Тошкандро хатм мекунад. Фаъолияти кориашро бо касби омӯзгорӣ оғоз карда (1955 – 1958), тайи солҳои мухталиф дар идораи рӯзномаю маҷаллаҳои «Тошкент ҳақиқати» (1958 – 1962), «Совет Ўзбекистони» (1962 – 1970), «Гулистон» (1970 – 1972), нашриёти «Ёш гвардия» (Гвардияи ҷавон, 1972 – 1976), маҷаллаҳои «Гулхан», «Ёш куч» (Неруи ҷавонӣ, 1977 – 1980) ва Бунёди байналмилалии «Олтин мерос» (Мероси тиллоӣ, 1980 – 1998) кор мекунад.*

*Худойбердӣ Тӯхтабоев пас аз чордаҳ соли ҳикоя ва фелетоннависӣ аз эҷодиёти худ қонеъ нашуда, бо як таҳаввули ботинии хос ба дунёи бачагон рӯ меоварад. Пайи ҳам осори ӯ – маҷмӯаи ҳикояҳои «Шитобкор» (1961), «Пас аз фелетон» (1962), «Пайроҳаҳо» (1966), «Таронаи муҳаббат» (1967), «Ҷони ман, шарти худ гӯй» (1969), қиссаҳои «Сир ифшо шуд» (1963), «Кулоҳаки сеҳрнок» (1964), «Саргузашти Омонбой ва Давронбой» (1974), романҳои «Савори деви зард» (1968), «Марги деви зард» (1973), «Ҷавонаки панҷ бачадор» (1976), «Сари заррини қасосгир» (1981), «Солҳову роҳҳо» (1983), «Диёри харбузаҳои ширин» (1986), «Чашмони маҳзун» (1988), «Одамони биҳиштӣ» (1996), «Наврасон дар талоши духтар», «Салтанати харгӯшҳо», «Ба духтар санг наандозед» ба табъ мерасад. Қиссаи афсонавии «Кулоҳаки сеҳрнок» яке аз аввалин китобҳои нависанда аст, ки ба забони русӣ тарҷума ва соли 1970 дар озмуни умумикишварӣ (собиқ Иттиҳоди Шуравӣ) ба унвони беҳтарин асари бачагона шинохта шуда буд.*

*Адиб соли 1972 ба Ҷоизаи созмони ҷавонони Ӯзбекистон, соли 1982 ба унвони «Корманди шоистаи фарҳанги Ӯзбекистон» ва соли 1989 ба Ҷоизаи давлатии Ӯзбекистон ба номи Ҳамза муфтахар мегардад. Аз соли 1991 инҷониб узви Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон буд. Асарҳояш ба чандин забон, аз ҷумла, ба забонҳои тоҷикӣ, қирғизӣ, туркманӣ, озарӣ, арманӣ, русӣ, украинӣ, белорусӣ, молдовӣ, эстонӣ, латвӣ, литвонӣ, финӣ, булғорӣ, маҷорӣ, олмонӣ, чехӣ, италиёӣ тарҷума шудаанд.*

*Нависандаи халқии Ӯзбекистон Худойбердӣ Тӯхтабоев 22-юми марти соли 2021 дар синни 89-солагӣ аз олам чашм мепӯшад.*

## БУЗҲОИ ВАҲШӢ
*(афсона)*

Буд набуд будгор буд, замин набуд шудгор буд, ин воқеа на дар замони пешина, балки дар ҳамин рӯзгори мо дар шаҳри Тошканд рух дода буд. Аз ин воқеаи ҳайратовар ҳатто одамони боақлу ҳушёр саросема шуда, ба андеша фурӯ рафтанд. Мардуми шаҳр аз шигифту тааҷҷуб гиребон даст гирифтанд...

Бачаҳои гузар дар мобайни хонаҳои дувоздаҳошёна, дар майдонаки кушоду боҳаво, ки аз сӯйи падаронашон сохта шуда, пур аз реги сурх буд, бо ҳаёҳу давутозкунону муаллақзанон бозӣ мекарданд. Дар миёни бачаҳои бозикун писараки боҳушу зираке ба исми Фаррух буд. Ӯ ба ҳавопаймои худ, ки дар ҳақиқат аз ҳавопаймоҳои аслӣ монданӣ надошт (онро падараш дар зодрӯзи вай ҳадя карда буд), хоҳари калонӣ Сорохон, бародараш Ҳумоюн ва дӯсти ба меҳмонӣ омадааш Расулҷонро савор карда, гоҳ ба росту гоҳ ба чап ронда мегашт. Ҳама шоду хурсанд хандидаю ғиревкунон аз бозӣ лаззат мебурданд. Баногоҳ, ҳа-ҳа, ғайриинтизор воқеаи ҳайратоваре рух дод. Ҳавопаймо бо садои баланд гурросзанон, аз паси худ дуди каб-кабуд баровarда, аввал баробари хонаҳои дувоздаҳошёна, сипас ба монанди шоҳин нӯли каҷашро ба пеш ёзонида ба осмон боло шуд ва парвозкунон дар байни ҳалқа-ҳалқа абрҳои сап-сафеди шиновар аз назарҳо ғоиб гардида рафт.

Фаррух аз осмон фарёд зад:

– Хайр, дадоҷон!

Сорохон бо садои баланд овоз дод:

– Апаҷон, агар оби дег ҷӯшида сар равад айби ман не!

Расулҷон гуфт:

– Очаҷон, ман фардо ба боғча намеравам!

Ҳумоюн низ ким-чиҳое гуфта дод зад, аммо суханҳояш аз миёни ғуввоси беохир ба гӯш нарасид. Ҳавопаймо бошад, бо ҳамон паридан наистода парвозкунон рафт. Аҳёнан дар миёни абрҳои сапедгун, ки бо шаклу намои кӯҳонӣ[1] ҳамдигарро пеш карда мерафтанд, ғарқ шуда мегузашт ва баъзан ҳам ба коми абрҳои бадвоҳимаи сиёҳе, ки ногаҳон пайдо мешуданд, даромада, аз назарҳо ғоиб мегардид. Дар назари Расулҷон гоҳе равшании офтоб ялт-ялт ҷило медоду гоҳе низ торикӣ чунон ғафс мешуд, ки ҳатто бинии худро надида, ба ҷойи он гӯшҳояшро даст-даст карда мемонд.

Дар заминбудаҳо гиребон гирифта, хеле муддат бо даҳони боз аз паси онҳо чашм дӯхта истоданд. Агар як иддаи одамон «лаълиҳои паррон бачаҳоро дуздида бурданд» гӯянд, баъзеи дигар ба рух додани воқеаи сеҳрноке ишора

[1] **Кӯҳон** – баромадагии пушти шутур, ки аз равғану чарбӣ анбошта шудааст

мекарданд. Дар байни онҳо як нафар марди боҳуштаре низ буд, ки гарданашро ба боло ёзонда, бо садои шунаво изҳор намуд: «Дар дохили бозичаҳои чопонӣ гардонаи[2] хурдакак мешавад ва айнан ҳамон қитъа ногаҳон ғаррас зада ба кор медарояд. Пеш аз он ки ҳавопайморо ба бача диҳанд, онро ба як устои моҳир нишон додан лозим буд!»

Ҳамин тавр, ҳар чӣ буд буду ҳавопаймо дар осмон ғуввосзанон парвоз мекарду парвоз. Дар дили сайри ҳавоӣ Фаррух дудаста фармонро дошта, бо хушҳолӣ ба сухан омад:

– Ур-ра! Ана, ба ин мегӯянд кайфу сафо!

Сорохон изҳори ҳол кард:

– Ман тарсида истодаам.

Расулҷон бошад, худро шердил гирифта овоз дод:

– Ман бебоку далерам, ҳеч гоҳ наметарсам!

Ҳумоюн ҳам хомӯш наистод.

– Чӣ кунам, хоби ман меояд, – гуфт ӯ.

Нӯки ҳавопайморо ба мисли нӯли шоҳин каме ба поин каҷ сохта будаанд. Ногаҳон аз ҳамон нӯли каҷ садое ба гӯшҳо расид: «Агар натарсӣ, худатро гум накунӣ, мард бошӣ, ба мироду мақсадат мерасӣ!» Он нидо ҳам ба овози момои Фаррух, ҳам ба овози бобои Расул хеле монанд буд. Бо шунидани садо чашмҳои худро калонтар кушода ба пеш нигоҳ карданд, вале ҷуз ҷаҳаннами торикӣ чизи дигар наменамуд. Ҳавопаймо дар он ҳол ғаррасзанон парвоз мекарду парвоз. Фалак ба дараҷае бепоён буд, ки бачаҳо пай намебурданд ба пеш мераванд ё ба қафо. Аҳёнан аз гирду барашон ҷирмҳои осмонӣ милт-милт ҷилодеҳону зув-зув садо дардода гузашта мерафтанд. Ҳангоми намудор шудани онҳо нисфи осмон гӯё медурахшид. Як дафъа ҳавопаймо чунон боло рафт, ки сари Сорохони навча ба ахтарони осмон расам-нарасам шуд. Ҳумоюн ҳам хост як ситораро бо даст бигирад, вале он ахтар бо ишораи «ба ман расида наметавонӣ», чашмак зада, дар дили ҳаво босуръат аз назарҳо нопадид гардид.

Сайругашти осмонӣ, сафари пур аз ҳаловат давом меёфту давом. Ба вақти замин чӣ қадар парвоз кардани худро намедонистанд, аммо ба вақти фалак то як сол сафар карданашонро аз ҳама пеш Расулҷон пай бурда монд. Чаро ки Расулҷон ба вақти фалак соле як бор гурусна мемонд. Чун батамом холӣ шудани шикамашро ҳис кард, гумон бурд, ки як сол дар парвоз будаанд. Ногаҳон садои ғуввосии ҳавопаймо қатъ гардид ва он ба мисли мурғи тирхӯрда калавида-калавида ба поин сарнишеб шуд. Расулҷон тарсид. Бачаҳо намедонистанд, ки хурсанд шаванд ё ғамгин, беовоз дар ҷойи нишаст ба ҳамдигар часпида гирифтанд. Ҳавопаймо оҳиста-оҳиста фуруд омада дар канори як ҷангалзор, бар рӯйи майсазоре фуруд омад. Ҷойи нишасти ҳавопаймо чунон зебо буд, ки аз таърифаш забон оҷизӣ мекунад, чанд муддат гарангу лол истоданд. Аз ниҳояти ҳайрату шигифт даҳони Фаррух боз монд. Ҳама ҷо сабзу хуррам, дар ҷӯйборе шилдирросзанон оби зулол ҷорӣ мешуд. Аз атроф оҳанги дилнавози рӯдҳо, таронаи гуворои чирчиракҳо ва чириқ-чириқи мурғакони ҷангалзор ба гӯш мерасид, ки гӯё ин ҳама инъоми табиат

---

[2] **Гардона** – муҳаррик, мотор

тозаомадагонро «расидан ба хайр» мегуфт. Шаббодаи сарду мулоим вазида, рухсори ҳар якеро нармакак масҳ карда мегузашт. Хуршед ҳам бо ноз анвори маҳини худро ба атроф мепароканд. Фаррух аз хурсандӣ дар курта нағунҷида гуфт:

– Чӣ қадр маза!

Ошиқу шайдои гулҳо Сорохон илова кард:

– Эҳ-ҳа, гулҳои лола низ шукуфтаанд!

Расулҷон ҳам, ҳарчанд бо гумони будубоши ҳайвонҳои ваҳшӣ дарақ-дарақ меларзид, худро ҷасур нишон дода гуфт:

– Ман дигар аз ҳеч чиз наметарсам!

– Оре, аз ҳеч чиз натарсед. Агар гург ҳам ояд, ман ҳастам! Ана ин хел зада, ба замин яксон мекунам! – Ҳумоюн бо гуфтани ин сухан аз ҷо ҷаҳида хест ва пойи росташро ба боло бардошта афшонд.

Хайрият, ки худро гум накарданд, шердил монданд. Аз адирҳо гузаштаравон, гулҳои ранг ба рангро чида-чида гулдастаҳо сохтанд. Дар пайроҳаҳои тангу тори ҷангалзор роҳравон занбӯруғ чиданд. Занбӯруғҳое, ки баъзеашон ба монанди хонтахтаи Расулҷонино ва кулӯлашаклҳояш ба андозаи сари Фаррух буданд.

Дар охир, ба як теппаи хушманзари сабзпӯш расида дар фикр монданд, ки акнун чӣ кор кунанд. Хастагӣ ва бар замми ин, гуруснагӣ ҳар якеро азият медод. Хурдиҳо аз дасти шиками холӣ ба ҳиқ-ҳиқ даромаданд. Сорохон чӣ кор кардани худро надониста ба мисли бузғола маъос зада фиристод. Вақте ки дар деҳа ба хонаи момояш мерафт, дар он ҷо ба бузғолаҳо тақлид карда маъосзаниро аз онҳо ҳам беҳтар ёд гирифта буд. Дар ин заминҳо бузҳои ваҳшӣ бисёр буданд. Аз мобайни онҳо яке бо ноз кебида-кебида ба самти бачаҳо қадам ниҳод. Очабуз ба назди Сорохон омада, бо ишва сару сураташро ба пойҳои ӯ молидан гирифт, бо забони гармаки худ ба лесидани зонуҳои духтарак пардохт. Ба назар чунин менамуд, ки гӯё ҷонвар аз бачаи худ ҷудо шудааст, шояд ҳам бузғолааш туъмаи гургҳои ваҳшӣ шуда бошад. Сараввал бачаҳо каме тарсиданд. Азбаски Ҳумоюн ба фарқи гургу буз намерафт, инро гург гумон карда, ҳатто заданӣ ҳам шуд...

Сорохон буздӯширо медонист, инро момояш дар деҳа ёд дода буд. Чун дид пистони буз пури шир, ба монанди хамири тағора варам кардааст, раҳмаш омад, хеле афсӯс хӯрд. Бадани бузро молида дар худ фикр кард, ки агар ширашро дӯшида партояд, пистонаш сабук ва аз азоб раҳоӣ меёбад. Бо ин хаёл бадани очабузро бештар хорумол кард ва ба пистонакҳои чун ғаврак[3] овезони вай даст расонда, оҳиста-оҳиста ба дӯшидан даромад. Аз шири ширгарм ду-се бор кафашро пур карда хӯрд. Инро дида Расулҷон ҳам бо майли тамом гуфт:

– Ба ман ҳам деҳ, шир мехӯрам.

Фаррух низ овоз баланд кард:

– Ба ман ҳам ду каф хӯрон!

[3] **Ғаврак** – сумак *(найчае, ки байни пойҳои тифли гаҳворабанд мегузоранд)*

– Шиками ман аз ҳама бузургтар, ана бинед! Ман аз ҳама калонам, се каф мехӯрам, – гуфт Ҳумоюн ва барои қадди худро баландтар нишон додан ба рӯйи ангуштони пояш рост истод.

Сорохон аз ҷумлаи духтарони боҳушу кордон буд. Ба хотири херхаша накардани додарон, ба ҳар се, шабеҳи бузғолаҳое, ки модарашонро мемаканд, бо навбат кафашро пур карда шири гарм хӯронд. Аҷиб, гӯё ки чашмае буд, шири очабуз ҳеч тамом намешуд!

Шомгоҳон фаро расид. Шаб ба оҳистагӣ пардаи тори худро ба атроф паҳн кард. Аз тарафи ҷангал ҳар гуна овози даҳшатноки ҳайвонҳои ваҳшӣ – уллоси тӯлонии гурги гурусна, мисли ин ки дигаронро масхара мекард, чирроси борики шағол, ингоси гирямонанди рӯбоҳи маккор ба мисли фарёди кӯдакон, арроси баланди воҳиманоки хони ҷангал – шер ба гӯш расид. Аз ин ҳама бачаҳо тарсиданд, хеле-хеле ба ваҳшат уфтоданд. Ба ҳамдигар зич часпида, дарақ-дарақ меларзиданд. Ҷоғҳои Расулҷон ба якдигар нарасида, дандон ба дандон мезад. Ба ҳар эҳтимол, бисттой санг чида оварда дар назди худ ҷамъ карданд. Ҳумоюн аз тарси гург як сангро ба андозаи сараш дар даст дошта менишаст.

Агар ҳолати вазнин пеш ояду ҳаёти инсон дар хатар бошад, ақли фарзанди одамизод тезтар кор мекардааст. Дар он ҳолат ақлу ҳуши Расулҷон низ хеле тезу тунд ба кор даромад.

– Оташ меафрӯзем! Як вақт ба кӯҳ рафта дида будам, сангро ба санг занӣ алов мебарояд, – гӯён аз ҷо ҷаста хест ӯ. – Урра, ман ҳисоби корро ёфтам, ур-ра-а...

Сорохон сухани додари меҳмонашро ҷонибдорӣ карда гуфт:

– Рост мегӯйӣ, фақат санги чахмоқ ёфтан лозим, аз чахмоқсанг тез оташ мерӯяд, аз санги сиёҳ не... Ба деҳа рафта санг ҷамъ карда будем, инро нағз медонам.

Азбаски ҳама ҷо торик буд, натавонистанд аз миёни сангҳо санги чахмоқро ташхис диҳанд. Дар ҳар сурат, рафта-рафта аз кадоме оташ меҷаҳад гӯён, шуруъ карданд ба задани сангҳо ба якдигар. Як вақт домани Ҳумоюн шароразанон оташ гирифт. Ӯ аз санги дасташ паридани ахгарро надида монд. Ҷаста аз ҷо хесту фарёд зад:

– Ур-ра-а-а... Ман алов даргирондам!

Сорохон дод зад:

– Тез куртаата каш!

Бачаҳо ҳама зираку боақл буданд. Медонистанд, ки барои хомӯш нашудани оташ чӣ кор кунанд. Бо як чашмпӯшӣ аз хасу хасрӯбаю чӯбҳои хушки атроф оварда, забонаи оташро баланд карданд. Теғи аланга чунон баланд шуда рафт, ки аз чинорҳои гирду атроф ҳам болотар баромад. Сорохон ба додараш дил дода гуфт:

– Аз сӯхтани либосат ғам махӯр! Бароят аз пашми ана ҳамин бузи наздамон як куртаи нағз мебофам.

Шабона ҳама ба якдигар часпида ба хоб рафтанд. Сорохон зуд-зуд бедор мешуд, ба рӯйи гулхан чӯбу чахс мепартофт. Як-ду бор Расулҷон «оча, ман

фардо ба боғча намеравам» гӯён нимхобу нимбедор ғурунгос зада монд. Фаррух низ хаёломез сар бардошта, бо чашмони баста мегуфт, ки нони дастам чӣ шуд, ҳамин ҳозир мехӯрдам... Ҳумоюн аз тарси гург санги калонеро дар бағал гирифта то саҳарӣ, то даме, ки гӯшҳояшро тоб дода аз поҳояш кашиданд, наҷунбида хоб рафт.

Субҳ дамиду ҳама аз хоб хестанд. Эҳ-ҳа, диданд, ки тамоми бузҳои аз тарси ҳайвонҳои даранда пинҳоншуда ба назди очабузи бебача омада, дар атрофи гулхан ҷамъ шудаанд, ҳисобашон бешумор. Бузғолаҳои навзоди хушрӯяк диккасзанон ҷастухез мекарданд. Ҳумоюн онҳоро дида ба чанд хаёл рафт: шояд ин ҳама буз ба атрофи гулхан барои гарм шудан омадаанд, ё барои ҷон ба саломат бурдан аз дасти ҳайвонҳои ваҳшӣ, ё ки барои дӯшонида сабук кардани пистонҳояшон омадаанд? Ва шояд ҳам сабаби асосӣ чизи дигар асту ӯ намефаҳмад?.. Фаррух бо як бузғола сар ба сар мезанам гӯён аз пасаш давид, аммо ба даст оварда натавонист. Бузҳои нар – такаҳо қадди боло, шоххҳои тез доштанд ва ришҳояшон ба мисли риши бобои қурутфурӯш чунон дароз буд, ки агар одам беихтиёр медид, тарсида мемонд. Расул ба пушти яке аз чунин такаҳои боҳайбат нишастанӣ шуду натавонист. Чун «ма-а» гӯён овози баланд сар дод, ӯ гурехта дар паси хоҳараш руст шуд.

Сорохон на танҳо зирак, ҳамчунин духтари боҳуш буд. Модараш беҳуда «асалакам» гӯён навозиш намедод. Ҳар гоҳ додаронаш «аз шир шикамам дард мекунад, жвачка диҳед», «бобои қурутфурӯш чаро намеояд», «дар замин хоб намеравам» ё ки «хунук хӯрдам» гӯён доду бедод роҳ меандохтанд, ҳамаашонро бо ҳар роҳ ором мекард. Ба мисли мураббии боғча сарҳояшонро молида, аз пешониҳояшон бӯса бардошта, навозиш медод. Бузҳоро дӯшида барои оташи шаб ҳезум ҷамъ мекард. Ӯ соли гузашта бо дугонааш ба деҳа, ба хонаи бобои кулол рафта, дар он ҷо роҳу равиши аз гил сохтану дар оташ пухтани косаро ёд гирифта буд. Ҳатто ҳамон бобои кулол як косаи сохтаи ӯро дар дами оташ сурх карда пухта буд. Инак, «ман ҳам коса месозам, бар рӯйи санг гузошта мепазам» гӯён, дарҳол додаронро ба ёрӣ даъват кард ва ба кор дасту остин барзад. Аз миён ҳафт рӯз гузашту чордаҳто коса ва ёздаҳто пиёла ва ҳарчанд каме каҷукилеб буд, панҷто табақ ҳам сохта омода кард. Ҳумоюн аз хурсандӣ бо косаҳо бозӣ мекунам гӯён, ба осмон партофта-партофта якеро шикаст ҳам.

Вақте ки мегӯянд, одам ҳангоми дучор шудан ба хавфу хатар бениҳоят боақл мешавад, ҳақ асту рост! Бо мурури замон ақлу ҳуши ҳар як бача меафзуду меафзуд. Расул ва Фаррух худро ба мисли бузғола вонамуд карда, бо нозу нуз маъосзаниро ёд гирифта, чорто бузи дӯшоиро ба даст одат кунониданд. Дӯшиданро низ омӯхтанд. Вақте ки Расул медӯшид, Ҳумоюн бузро аз гарданаш ба оғӯш кашида, молиш дода меистод. Бештар ҳамонанди бузғола гаваккашон рафта пушт ба осмон мехобид ва пистонҳои мулоими бузро ба даҳон гирифта луқ-луқ мемакид. Як бор Расул надониста пистонакро газида буд, ки буз бо почакаш ба сари ӯ фуровард. Аз он пас очабуз макида натавонистани Расулро дониста наздик шудан намемонд.

Баъдан пухта хӯрдани шири бузро ёд гирифтанд. Дар сангҳои зарди табақмонанд чурғот мехобонданд. Ба хотири заҳролуд нашудан дар оғози кор аз гиёҳҳои худрӯй кам-кам хӯрда медиданд. Шикамашон агар дард намегирифт, аз он пас ба бисёртар хӯрдан руҷуъ мекарданд. Ба фарқи анор, нок, себ ё меваҳои дигар намерафтанд, аммо бо шикамсерӣ мехӯрданд.

Он макон дар асл нишемангоҳи бузҳои ваҳшӣ буд. Гала-гала мегаштанд. Тӯдаҳо ба ҳамдигар омехта намешуд. Расулҷон як такаи бемори маҳинпашмро, ки ба мисли такаҳои дар ферма парваришёфта ҷуссаи бузург дошт, дармон дода, оҳиста-оҳиста ба худ ром кард ва онро савор шуда дар чарогоҳҳо ба сайр баромад. Дар оғоз ба омадани падаронашон умед бастанд, роҳ поиданд, ба теппаҳо баромада гоҳ ба осмон, гоҳе ба самти ҷангалзор дида дӯхтанд, ҳатто гиряву фиғон ҳам бардоштанд. Чун диданд коре аз дасташон намеояд, бо мурури замон ба танҳоӣ хӯ гирифтанд. Сорохон дар як хуми дастсохт аз шири бузҳо қаймоқ ва дар дигаре равғани зард ҷамъ мекард. Аз пашми бузҳо ба зери по кӯрпаҳои ғафс ва ба боло китфпӯшакҳои нарм сохт. Аз меваҳои худрӯй ҷамъ оварда, хушк карда, ба зимистон омодагӣ медид. Аҳёнан, ҳамон лаҳзае, ки падару модар ё ёру наздикони худро ба ёд оварда бо хӯрӣ гиряву нола мекарданд, аз фуки ҳавопаймои қадрдон овози шинос баланд мешуд: «Агар натарсӣ, худатро гум накунӣ, ба муроду мақсадат хоҳӣ расид. Ин дунё барои одамони ҷасур ва инсонҳои мард аст!» Боре бо шунидани ин овози руҳбахш Фаррух аз ҳиқ-ҳиқ бозистода аз Сорохон пурсид:

– Ман писари ҷасур ҳастам, рост мегӯям-а, апа?

– Рост, ҳамаамон ҷасурем, – ба гап ҳамроҳ шуд Ҳумоюн.

– Мо аз гургҳо ҳам наметарсем, наметарсем! – гӯён ҳама бачаҳо ба бозӣ даромаданд. Расулҷон ангуштонашро қирсосзанон ва Ҳумоюн ба пеш хамшавон рақс мекарданд. Фаррух ду дасташро дар паҳлу дошта, як бор ба пеш, бори дигар ба пушт ҷаҳида-ҷаҳида доди бозиро медод.

Ба ҳамин минвол, рӯзҳо пайи ҳам мегузашту мегузашт. Мурури вақтро бо гуруснаю сер будани Расулҷон ҳисоб мекарданд. Агар се ваъда гурусна мешуд, ба ҳисоби як рӯз медонистанд. Ҳисоб то даҳ ҳазор рафту он тарафашро хато карданд. Чаро ки, аз даҳ ҳазор пасро шумурдан барои ҳамаашон мушкил буд. Бо ин ҳол, бекор нанишастанд. Ҳумоюн бузҳои фарбеҳро баргузида ҳалол мекард. Нима-нима пора кардани гӯштро ёд гирифт. Қассоби дастбакоре шуд. Расулҷон бо тамринҳои зиёд бар рӯйи санги тафсон пухта гирифтани гӯштро омӯхт. Фаррух ҳам аз шохи дарахт сих сохта, бо он кабобпазиро пеша кард. Сорохон бошад, эҳ-а, то бист ҳунарро азхуд намуд. Масалан, агар кафшҳои аз пӯсти буз сохтаашро медидед, аз даҳонатон об мерафт! Ва Ҳумоюн ҳам ба кори аҷоибе даст зад...

Иттифоқан, дар канори ҷангалзор шере сукунат дошт. Ҳумоюн аксаран гаваккашон ба он ҷо рафта, дар қафои дарахт пинҳон шуда, дурудароз шерро тамошо мекард. Сабаби ин одатро худаш ҳам намедонист, аммо, аз мушоҳида даст намекашид. Рӯзе аз рӯзҳо модаршерро мори калони заҳрдоре газиду бачаи дувоздаҳрӯзаи он «ятим» монд. Ҳумоюн шербачаи бепарасторро дар як халтаи пашмин печонида овард ва кам-кам шири буз дода калон кард. Ҳайвони хурдак

ба вай ром шуд. Дар оғоз бо додараш Фаррух ба гардани шербача ресмони пашмин баста, навбат ба навбат гардиш медоданд. Бо гузашти замон ба пушташ нишаста гаштанро ёд гирифтанд.

Як рӯз Ҳумоюн орзуи дилашро ба забон овард:

– Эй кош, ба шер савор шуданамро дадоҷонам медид!

Фаррух ба сухани ӯ қувват дода гуфт:

– Агар бо худамон мебурдем, ман ба пушти вай савор шуда ба боғча мерафтам.

Расулҷон илова кард:

– Дар кӯчаи мо ҳеч кас аз шер наметарсад!

Ва он лаҳза Сорохон бачаҳоро накӯҳиш дод:

– Эҳ, гапро кашол надода ба сари хӯрокатон биёед-чи! Шӯрбо сард мешавад!

Бо ин амр, ҳама дар атрофи деги сангини калон ҷамъ шуда, бо чумчаҳои сангин фӯрт-фӯрт ба хӯрдани шӯрбои доғ пардохтанд.

Бачаҳо корҳои рӯзро дар байни якдигар баробар тақсим карда буданд. Сорохон чордаҳто бузро медӯшид. Расулҷон шир пухта ҷурғот мехобонд ва онро сохтаю пухта равғани зард мегирифт. Равғанҳои зарди омодаро Сорохон дар хумҳои дастсохти худашон гузошта даҳонашро мебаст. Фаррух аз пушти деги сангин рӯзу шаб оташ меафрӯхт. Ба ӯ «оташкор» гӯён ном ҳам гузошта буданд. Ҳумоюн бар рӯйи як тахтасанг нишаста, бо ҳавсалаи зиёд аз чака кашк[4] месохт. Ӯ кашкҳои худро то даҳ ҳазор шумурду ҳисоби он тарафашро надониста, боқимондаро бе шумориш ба халта андохт. Боре сарашро бардошта гуфт:

– Ба он сӯй ки рафтам, бо сақич иваз мекунам.

– Ман равғани зардамро фурӯхта автомат мегирам ва тарр-тар-р андохта мегардам, – бо ҳавас орзуи дилашро баён кард Расулҷон.

Фаррух чӣ гуфтани худро надониста, як нафаси амиқ кашиду лаб кушод:

– Ман дар оғӯши додоҷонам хоб меравам...

Зиндагиашон ба ин тариқа мегузашту мегузашт. Азбаски ҳавои берун хеле сард буд, бачаҳо  дар бағали якдигар ҷо шуда дароз мекашиданд. Аз он метарсиданд, ки мабодо болояшон боз монда хунук хӯранд. Дар яке аз чунин шабҳо ҳама бехабар аз ҳамдигар баробар хоб дида, «очаҷон!» гӯён бо як овоз бедор шуданд. Дигар, хобашон парид, ба суҳбат даромаданд. Падару модарони худ, занаки фарбеҳи яхмосфурӯшро аз сари нав ба ёд оварданд. Фаррух андаке гиря ҳам кард, аммо бе оби дида.

– Ман фардо меравам, – гуфт вай ҳиқ-ҳиққунон, – агар трамвай набошад пиёда меравам.

Ҳама ба ҳолаш хандиданд, чаро ки дар ин маконҳо, дар кишвари осмонӣ трамвай чӣ кор мекунад? Инро Фаррух низ медонист, аз ин рӯ, якҷоя бо бародарон худаш ҳам ба завқ омад. То хаста шудан ҳама хандиданд. Субҳ фаро расиду рӯз шуд, бо қаймоқу равғани зард ноништа карданд. Сипас ҳар яке дубора аз пайи шуғли худ рафт. Расулҷон пас аз дорую даво кардан ба такаи

[4] **Кашк** – курут

ромшудаи худ савор шуда, барои хабар гирифтан аз бузҳои чарогоҳ ба роҳ баромад. Сорохон маҷбур шуд ба ҷамъ кардани тухмии гулҳои худрӯй пардозад. Фаррух дар назди ҳавопаймое, ки худашонро оварда буд, бо бузғолаҳо шохҷанг бозӣ мекард... Ана ҳамон дам аз фуки каҷи ҳавопаймо, ки ба нӯли шоҳин монанд буд, садои фораме беист ба гӯш расид: «Натарсидӣ, худатро гум накардӣ, акнун ба муроду мақсадат мерасӣ, омода бош, ба диёри худ бармегардӣ». Фаррух ин овозро шунида саросема шуд. Давида ба назди Сорохон рафт ва чӣ гуфтани худро надониста ба мисли бузғола ба ҷастухез даромад. Дар як дам ҳама гирди ҳам ҷамъ омаданд. Овози дилнишин такроран садо медод. Оҳ-оҳ, чӣ қадр хурсандиовар буд ин овоз! Рухсори ҳар яке чун гул шукуфт. Аз хушҳолии онҳо ба шавқ омада мурғони нағмахон ба сурудан пардохтанд. Майсазори чарогоҳ беист сар меафшонд, гӯё ки ин рӯзи некро ба дӯстони худ табрик мегуфт. Бо ин ҳол, бачаҳо дудила шуданд: агар биравconfigured, ба ин макони кашфкардаашон, ки аҷоиботи фаровон дорад, дилвопас хоҳанд монд; агар дар ин ҷо зиндагӣ кунанд, падару модар, холаи фарбеҳаки яхмосфурӯш ва дигар азизонро пазмон хоҳанд шуд...

Хеле аҷиб, дар ҳамин вақт боз як муъҷиза рух дод. Ҳавопаймои онҳо оҳиста-оҳиста васеъ шуда варам карда рафт, гӯё ки касе онро аз дохил пуф мекард.

– Меравем! Ба диёри азизу қадрдони худ бармегардем! – бо ҳам овоз доданд бачаҳо, чунки дар ҳамон лаҳза хонаҳояшон дар назари ҳар яке аз тамоми муъҷизаю аҷоиботи он макон хушрӯтару азизтар ҷилвагар мешуд.

Онҳо хеле чиз ҷамъ оварда буданд. Бисту як ҳазор хуми пур аз равғани зард, чордаҳ хум қаймоқ, наздики сию як ҳазор дона кашк, се халта алафи худрӯйи хушконида, як халта базри гулҳои мухталиф, кӯрпаю малофаҳои бофташуда аз пашми буз, чахмоқсангҳо, очабузи халоскор, ки бо шираш ҳамаро сер карда буд, такаи вафодори Расулҷон, ки савор шуда мегашт, шербачаи ромшуда... Ҳамаашро, ҳар чизе, ки буд, ба ҳавопаймо бор карданд. Як шабу як рӯз фақат бо борзании чизучора машғул шуданд. Охирсар, ҳама ба ҳавопаймо, ки беист ғаррасзанон ба парвоз омода буд, савор шуданд. Онҳо ба берун дида андӯхта, пушти ҳам овоз доданд:

– Хайр, бузҳои қарини мо!

– Хайр, саҳроҳои гулпӯшу майсазор!

– Хайр, хонаҳои сангини ба дил наздик!

– Хайр, ҷангалзор!

Бо гуфтани ин суханҳои хайру маъзур бачаҳо гоҳе гиря мекарданд, гоҳе механдиданд. Ҳавопаймо ғуввосзанон аз думи худ дуди каб-кабуд бароварда парвоз кард. Сипас ба монанди болгард[5] пасту болошавон, хатти худро ба росту ба чап ивазкунон парвозашро идома дод. Аз фуки ба мисли нӯли шоҳин каҷи он ҳамон каломи дилгармкунандаи пештар пайи ҳам ба гӯш мерасид: «Натарсидӣ, худатро гум накардӣ, дунё аз они мардон аст, ана ба муродат расидӣ!»

[5] **Болгард** – чархбол, вертолёт

Ба вақти фалак чанд моҳу чанд сол парвоз карда гаштани худро ба ёд оварда натавонистанд, лекин дар роҳ ёздаҳ бор гурусна шудани Расулҷонро барои шумориш асос хонда, замони парвозро тахминан маълум карданд. Ҳавопаймо аз майдончаи бозии дар миёни хонаҳои дувоздаҳошёна сохташуда ба ҳаво парида буд. Пас аз бозгашт низ рост омада дар ҳамон ҷо ором нишаст кард. Сорохон, Ҳумоюн, Расулҷон паси ҳам ҷаҳида-ҷаҳида ба поин фуромаданд. Фаррух, ки фармони ҳавопайморо дар даст дошт, аз ҳама охир пиёда шуд. Хеле аҷиб, одамони майдонаки бозӣ ҳамон тавре ки вақти парвоз баҳсу мунозира мекарданд, то ба ҳол ҳамон тарз мубоҳиса доштанд.

– Лаълиҳои паррон онҳоро рабуда бурданд.

– Не, ту намедонӣ. Ҳавопаймо ногаҳон парида рафт, пас, сеҳрнок будааст.

– Сухани беҳуда! Ҳавопаймо дар худ гардонаи махфӣ доштааст...

Хулласи калом, ба ин монанд суханҳову талошҳо ба поён намерасид.

Сипас, яку якбора ҳамаашон сокит шуданд, аз саёҳати осмонӣ сиҳҳату саломат баргаштани бачаҳоро дида, бо шигифту ҳайрат ҳама об дар даҳон монданд.

Барои чӣ хомӯшу сокит шуданд, касе намедонист...

# ФАРҲОД МУСОҶОН
# (1933 – 2013)



*Фарҳод Мусоҷон 19-уми декабри соли 1933 дар гузари Ӯқчии шаҳри Тошканд ба дунё омадааст. Падараш Мусоҷон Алимуҳаммадов арбоби давлатӣ буд. Ӯ соли 1937 бо ҷурми «душмани халқ» табъид мешавад. Модараш Башоратапа низ пас аз гирифторӣ шавҳар аз кори рӯзноманигорӣ сабукдӯш мегардад. Бо вуҷуди ин ҳама сахтиҳо, Фарҳоди наврас аз зиндагӣ дилмонда нашуда, тамоми саъю талоши худро барои рӯз дидану дониш омӯхтан равона мекунад.*

*Фарҳод Мусоҷон мактаби миёнаро тамом карда, ба шуъбаи форсӣ-дарии факултаи шарқшиносии Донишгоҳи давлатии Осиёи Миёна дохил мешавад. Пас аз фаро гирифтани таҳсилоти олӣ дар идораи маҷаллаҳои «Шарқ юлдузи» (Ситораи Шарқ), «Ғунча», рӯзномаи «Ӯзбекистон маданияти» ва бахши адабиёти радиои Ӯзбекистон фаъолият мекунад. Соли 1967 ба студияи филмбардории «Ӯзбекфилм» даъват мешавад. Ду сол дар Маскав курсҳои олии филмбардориро фаро гирифта, аз соли 1970 то соли 1999 дар соҳаи синамо машғул ба кор мешавад.*

*Нахустин ҳикояи адиб бо номи «Дар деҳаи миёни ду кӯҳ» соли 1956 дар маҷаллаи «Шарқ юлдузи» чоп шудааст. Аввалин маҷмуаи ҳикояҳояш соли 1959 ба табъ мерасад. Аз он пас пайи ҳам наздики сӣ номгӯйи китобҳои нависанда, чунончи, «Аз пайи хуршед» (1963), «Нафаси баҳор» (1964), «Кам наёр, Алиқулов!» (1965), «Як қулт оби чашма» (1972), «Рӯзи душанбе, пас аз ноништа» (1974), «Сунбула», «Бо ёди кӯчабоғ» (1977), «Ҳиммат» (1984), «Кӯчабоғ» (1987), «Тамошои муфт» (1989), «Шамшер ва соз» (2000), «Лафз» (2003), «Дили насӯхтаи ман», «Ситораи экран» ба дасти хонандагон мерасад. Асарҳои адиб дар баробари мавзуъҳои боаҳамияти рӯзгор, лаҳзаҳои гуворои ҳаёти кӯдакон ва наврасонро низ фаро мегирад. Гузашта аз ин, адиб муаллифи даҳҳо асари саҳнавӣ («Кабӯтари сапед», «Талвоса», «Тамошо давом дорад», «Имтиҳон») ва филмҳои ҳунарӣ («Хонае дар зери офтоби сӯзон», «Сари касе», «Ду дидаам дар роҳи туст», «Ҳувайдо», «Нури абадӣ», «Маҳбубаи ман», «Ман муштоқи ту ҳастам», «Аския», «Масхарабоз»...) ва филмҳои мустанад («Шиканҷаи афюн», «Ҳувайдо», «Маҳзун», «Ба хидмати шумо ҳозирам», «Ишқи ватан»...) мебошад.*

*Фарҳод Мусоҷон Нависандаи мардумии Ӯзбекистон аст, ба Ҷоизаи ба номи Ғафур Ғулом ва нишони «Меҳнат шуҳрати» сазовор гаштааст. Ӯ 28-уми майи соли 2013 дар Тошканд аз олам чашм мепӯшад.*

## САБАҚ
*(ҳикоя)*

Агар зиндагӣ бо як маром гузарад, дилбазану бемаза мешавад. Бо омад-омади соли нав ана ҳамин гуна авзои ногувор ба маротиб тағйири ҳол мекунад ва дар қалбҳо орзуву умедҳои тоза ҷӯш мезанад. Кору ташвишҳои нав, аз қабили интихоби ҷойи баргузории ҷашн ва ҳамраҳони солинавӣ, таҳияи хӯрокҳо, бахшидани ҳадяву дастовезҳо касро ба андеша водор месозад...

Ширкате, ки дар он Очилака кор мекунад, калон нест, ҳамагӣ аз ҳафт нафар таркиб меёбад: раису котиба ва панҷ корманди дигар. Ҳама бо якдигар аҳлу қаринанд, гарчи ҳар яке феълу хӯйи хоси худро дорад. Соли навро низ доиман бо ҳам пешвоз мегиранд.

Қабл аз итмоми соли кӯҳна Очилака ҳамкоронро гирди ҳам хонда, домани маслиҳат густурд. Ӯ гуфт:

– Бародарон, бо гузашти айём моҳ ба моҳи дигар даст дода, иди Соли нав ҳам наздик шуд, омодагиро бояд оғоз кунем. Акнун фурсате расид, ки ба як қарор биёем, чанд сӯмӣ мепартоем?

Дарҳол яке аз ҳамкорони серҷоғу гапдон Хуррамов ба сухан омад:

– Тақсир, шумо худатон сару сарвар ҳастед, харҷи мешударо ҳисоб кунеду ба сари кас фалон сӯм меафтад гӯед бас, мо дар хидматем!

Очилака дар идомаи маслиҳат изҳор кард:

– Боз як маслиҳати дигар! Агар розӣ бошед, раиси навамонро ҳам фаро мехонем, одами бад наменамояд, хоксору сода барин. Аз омаданаш як моҳ мегузарад, вале ҳанӯз ҳам танҳо, мисли бегонаҳо мегардад, бояд ба сафамон ҳамроҳ кунем.

Хуррамов дубора аз ҳама пештар сухани «сару сарвар»-ро маъқул карда гуфт:

– Бошад, ба сафамон мегирем!

Очилака идома дод:

– Хеле хуб, агар ҳама инро мехоҳад, харҷҳоро ман хомчӯт карда мебароям, сипас боз ҷамъ мешавем. Дарвоқеъ, ин дафъа дар манзили кӣ пешвоз мегирем, навбат ба кӣ омада буд?

Хуррамов боз ҳам пешдастӣ кард:

– Навбати Забеҳулло! Бале, аз они шумост-а, Забеҳулло?

– Оре, аз ман, – бо фурӯтанӣ лабханд зада гуфт Забеҳулло, ки то ин дам ба суҳбат ҳамроҳ нашуда хомӯш менишаст, – аммо...

Очилака суоломез такрор кард:

– Аммо, яъне чӣ?

Забеҳулло пеш аз гуфтани нияти худ нигоҳе хиҷолатомез ба сӯйи ҳамкорон афканд. Ӯ одаме буд, ки ба ҳеч кас бадиро раво намедид, хӯйи нарму

беозор дошт. Дар давоми солҳои ҳамкорӣ бо касе баҳсу даъво накардааст, ғавғо роҳ наандохтааст. Танҳо як нуқсонаш ба дил наменишаст – лаганбардорӣ. Ҳамкорон ин хислати ӯро нағз медонистанд, вале нороҳат намешуданд, ба рӯй ҳам намеоварданд. Ӯ бо камҷуръатӣ гуфт:

– Нағз шуд, ки ҷашни Соли навро ба ёд овардед, Очилака, худам низ мехостам гиреҳи ин сухан боз шавад. Маро бубахшед, ғайричашмдошт як муаммо пеш омад. Ин бор одати ҳарсолаамон барҳам мехӯрад, ба назарам.

Очилака аз ин қабил найрангҳои мулоими Забеҳулло огоҳ буд, аз ин рӯ, дарҳол сухани ӯро бурида гуфт:

– Забон нахоида дардатро рез!

– Дардам ҳамин ки, се рӯз пештар боҷаи паркентиам омаду маро ба ҷашн даъват кард. Он лаҳза бо хирагӣ ба вай ҷавоби дуруст надодам, вале пас аз рафтанаш дар балои зан мондам. Бовар мекунед ё не, ӯ доду бедод роҳ андохта мегуфт: «Чаро якравӣ мекунӣ? Ҳар дафъа иди Соли нава бо ҳамкоронат мегузаронӣ, ҳадди ақал як бор ин рӯза барои хешовандони ман ҳам ҷудо кун, осмон омада ба замин намечаспад!»

Чуноне ки лофзан ё одами айбдор барои пинҳон кардани дурӯғ ва ё исботи бегуноҳии худ суханро кашол медиҳад, Забеҳулло низ баҳудаю беҳуда забон гарм мекард:

– Албатта, мешуд занро аз роҳ зада ё пӯписа карда ҷоғашро баста монам, лекин тарафи нозуки масъала ҳам буд. Гӯё ки рӯзи дигар хушк шуда бошад, таваллуди боҷаам ҳамин сию якуми декабр аст, бар замми ин, имсол юбилеяш – ба панҷоҳ медарояд. Дар чунин рӯз ӯро суроғ накардан айб аст. Аҷаб нест, ки гумон барад аз дастовезу савғо гурехтаам.

Очилака майдагапию илтимосу илтиҷои бехудро бад медид, аз ин хотир, суханро кашол надода изҳор кард:

– Чӣ ҳам мегуфтем, узрат будааст, дар назди боҷаат набояд шармзада шавӣ. Мо бошем, худамон пешвоз мегирем.

Забеҳулло нафаси осуда кашида афзуд:

– Оре, ин дафъа ҳамин хел вазъият пеш омад. Худо хоҳад, соли дигар идро бо ҳам мегузаронем.

Масъала ба осонӣ ҳал шуд. Забеҳулло акнун метавонист нақшаи кашидаи худро бе мушкилӣ рӯйи об барорад. Ӯ вақти аср чашми ҳамкоронро чапғалат дода, номаълум ба дафтари раис даромад. Таъзиму тавозуъро ба наҳви аъло ба ҷо оварда, илтиҷоомез лаб ба сухан кушод:

– Рабим Қудратович, маро маъзур доред, бо коре воҷиб ба наздатон омадам.

Раис курсиро нишон дода ба нишастан муроот кард ва бо эҳтиром гуфт:

– Марҳамат, гӯшам ба шумо, чӣ кори воҷибе будааст?

– Гап сари ин ки... – Забеҳулло дар худ печида бо тамаллуқ забон хоид, – ман аз пайи як масъалаи нозук, росташро гӯям, бо як илтимос ба наздатон омадам.

Ҳар як раҳбари нав барои ин ки ба эътимоду ҳурмати кормандон сазовор шавад, саъй мекунад худро оқилу доно ва меҳрабон нишон диҳад. Аз ин рӯ, раис бо илтифот гуфт:

– Бо хотири ҷамъ гап занед, Забеҳулло Ҳалимович. Агар аз дастамон ояд, ҳар гуна илтимосро ба ҷо хоҳем овард. Ҳарчанд ҳамдигарро хуб наозмудаем, дар бораи шумо тасаввуротам ҳаст. Гузориши моҳонаатонро дидам, коратон пухта, мукаммал. Мо бояд ба шумо барин коршиносон такя кунем.

Забеҳулло аз ин таърифи раис қабат-қабат гӯшт гирифта, бо хушомад афзуд:

– Ҳазор бор ташаккур, Рабим Қудратович, хеле дуруст фармудед, ки ҳанӯз ҳамдигарро наозмудаем. Мақсуди банда низ ҳамин аст – аз наздик донистани якдигар. Дар коргоҳ, чи хоҳему чи на, муносибат расмӣ мешавад. Чанд гоҳест, ки шуморо ба хонаам даъват карданӣ будам. Афсӯс ки гоҳ ину гоҳ он сабаб шуда, нақшаам ба пушт меуфтод. Бинед, ки ният холис будааст, соли нав ҳам қариб омад. Бо ин баҳона азм кардам ба хидмататон бирасам. Агар ба каси дигар ваъда надода бошед, шаби ид ба кулбаи мо ташриф биёред, сарамон ба осмон мерасад.

Ҳарчанд аз раисиаш вақти зиёде намегузашт, ба чунин илтифот сазовор шудани худро дида, сарвар руҳбаланд гардид. Гуфт:

– Аз ин ки эҳтиром мегузоред, сипосгузорам, Забеҳулло Ҳалимович, насиб бошад, ҳатман мегузарем.

Забеҳулло аз раис бештар хушҳол шуд.

– Ташаккур, Рабим Қудратович, чун хоҳишамро қабул карда ризоят медиҳед, ман бениҳоят сарбаландам. Пас, гап якто – шоми Соли нав мунтазир мемонем. Ин ҳам адреси мо, – Забеҳулло ба дасти раис даъватномаашро дод, – ёфтани манзиламон хеле осон аст, дар бағали меҳмонхонаи «Тӯрон».

Раис бо лабханди маҳин гуфт:

– Коре карда меёбем.

Забеҳулло бо хурсандӣ падруд гуфта, ҳамон замон дар худ андешид: кор пухт, акнун омодагӣ бояд дид, доди зиёфатро бояд дод!

Аз миён як рӯз гузашту ба назди раис Очилака даромад. Ӯ мулозимат карданро намеписандид, аз ин боис, бе такаллуф муддаои дилашро арз кард:

– Рабим Қудратович, ҳар сол бо ҳамкорон ҷашн гирифтани Соли нав ба ҳукми одат даромадааст. Танҳо ҳисобдорамон Кӯпайсинов ба хотири бисёр будани бачаҳояш дар хона пешвоз мегирад. Котибаатон Лайлохон ҳам ҳамроҳ намешавад, ҷавон-дия, бо ҳамсолонаш меравад. Раҳбари аввалаамон низ ҳамеша бо мо буд. Ният кардем имсол анъанаамонро идома диҳем. Аз ин хотир, шуморо аз ҷониби ҳамкорон ба ҷашн даъват менамоям.

Раис тааҷҷубомез чанд лаҳза ба корманди худ нигоҳ карда монд. Ин нигоҳро Очилака ба навъи худ фаҳмид. Ӯ, ки аз кӯйи хушомадгӯйӣ фарсаххо дур буд, бе мулоҳиза илова кард:

– Шояд ҳам ба ҷое даъватӣ бошед ё одат кардаед, ки дар хона пешвоз гиред... Дар ҳар сурат, ҷойи гила нест, аз мо як даҳан гуфтан, он тараф хоҳиши худатон.

Раис ҳам суханро кӯтоҳ карда лучу пӯстканда гуфт:

– Аввалан, ташаккур аз бобати даъват. Худам низ ният доштам бо кормандон аз наздик ошно шавам, лекин гап сари ин, ки дирӯз Забеҳулло Ҳалимович ҳам ба манзилаш фаро хонд, хоҳиш кард шоми Соли навро бо ҳам гузаронем.

Очилака ин гуна рафтори ҳамкорашро аслан тасаввур накарда буд. Ғарқи ҳайрату шигифт зери лаб гуфт:

– Не-е, ба ростӣ?

– Чӣ, хабар надоштед? – бо савол ҷавоб дод раис. – Худатон гуфтед, ҳар доим соли навро бо ҳам пешвоз мегирем!

Очилака бар хилофи Забеҳулло ӯро нафурӯхт.

– Ҳатман ба мо ҳам мегӯяд, фақат... ризояти шуморо гирифтан хостааст, зоҳиран. Майлаш, узр.

Очилака нороҳату мушавваш ба ҷойи кор баргашт. Болосари Забеҳулло омаду бо оҳанги тамасхур ба ӯ дида дӯхта истод. Забеҳулло ноҳинҷор шуда пурсид:

– Чӣ гап, ин қадар ду чашм мондӣ?

– Ҳеч, ёрӣ лозим нест?

Забеҳулло ҳайрон шуд.

– Чӣ хел ёрӣ?

Очилака бо истеҳзо гуфт:

– Дар интихоби ҳадя барои зодрӯзи боҷаат азоб накашидай, мабодо? Агар ҳанӯз ба як хулоса наомада бошӣ, мо ҳам ба имдод расем? Охир, ҳамеша ҳавои ҳамдигарро дорем, аз рӯйи садоқат, чӣ гуфтӣ?

Ҳарчанд суханҳои таҳдори ҳамкор вуҷудашро сӯрох карда мегузашт, Забеҳулло сир бой надод.

– Лутфи шумо зиёд, гӯед ки, занак мушкиламонро осон кард, қарор шуд ба боҷаам ҷома туҳфа кунем.

Очилака ғайриодӣ писханде зада ба ақиб гашт ва ба ҷойи худ нишаст...

Вақти аср ӯ Хуррамов ва Бобосалмоновро ба гӯшаи хилват хонда, ҳар чӣ буд, гуфта дод. Амали хуфиёнаи Забеҳулло ҳамкоронро сахт нороҳат кард.

Хуррамов даст аз гиребон фуроварда гуфт:

– Аҷаб хушомадгӯест ин номард! Бо чоплусиаш дар пӯстини раиси қаблӣ ҷо шуда буд, акнун мехоҳад ба побӯсии дигарӣ шитобад. Вале ин шумиаш гарон тамом мешавад, мо ҳам адаби ӯро медиҳем!

Ҳамкорон забон як карданд, ки таъзири Забеҳуллоро диҳанд. Бо ин қасд сир бой надода хомӯш гаштанд.

Рӯзҳо бо як мижа задан гузашту шоми Соли нав фаро расид. Азбаски Забеҳулло устои фароҳам овардани зиёфат буд, ин дам низ беҳтарин харидҳоро – аз қазӣ гирифта то меваҳои тар – ҳамаро анҷом дод. Ниҳоят, аз давутози зиёд хаста шуда, ба рӯйи тахтхоби нарм дароз кашид, то нафас рост кунад. Ба ҳамсараш чой фармуда ба болини пар паҳлу зад. Ҳанӯз як пиёла чой нахӯрда буд, ки занги дар садо дод. Ҷаста аз ҷо хест ва бо иштиёқи истиқболи раис дарро боз кард. Дарро кушоду сари ҷо шах шуд: дар дами остона на раис,

балки Очилакаю ҳамсараш меистоданд. Лол мондани ӯро дида, Очилака бо истеҳзо гуфт:

– Ҳа, тақсир, фаромӯш кардӣ меҳмони расидаро ба дохил бихонӣ?

Забеҳулло базӯр лаб ҷунбонд:

– Не-е, биёед... хуб ҳастед шумо?

Очилака бо ҳамон лабханди маънодор афзуд:

– Бо ҳамсарам ба хонаи боҷаам мерафтем, хонаатонро зер карда нагузарем гуфта, барои як дам ҳам бошад, хостем даромада Соли навро табрик гӯем.

Забеҳулло бо зӯр даҳон инҷ карда гуфт:

– Кори хуб кардаед, марҳамат, ба дохил дароед.

Ҳамсари ӯ Рисолатхон ҳам аз ошпазхона баромад ва бо меҳмонон гарм ҳолпурсӣ кард. Меҳмонро ба дохил роҳнамоӣ карда изҳор намуд:

– Омаданатон айни муддао шуд, Рихсихон! Медонед, ҳасиб гузоштан чӣ қадар майдакорӣ аст, ба ман ёрӣ мерасонед.

Занҳо ба ошпазхона ва мардҳо ба пазироӣ даромаданд. Очилака мизи калони оростаро дида ба шигифт омад.

– Ана инро ороиши дасторхон гӯянд мешавад, ғайр аз ҷони одам ҳама чиз ҳаст-е! Маълум ки барои пешвоз гирифтани меҳмонҳои нозук суфра оростаед, гап нест!

Забеҳулло зери лаб ғурунгид:

– Не-е, аз ҳад зиёд баҳо медиҳед.

– Дар воқеъ, мехостӣ ба назди боҷаат равӣ, бале?

– Акнун ба роҳ баромаданӣ будем, – ҷавоб дод Забеҳулло забон хоида.

Очилака аз гуфтани суханҳои таҳдор худдорӣ намекард:

– Чун рафтанӣ будаед, магар шарт буд ин ҳама ороиши хон?

Забеҳулло аз пайи баҳонаҷӯйӣ шуд:

– Чӣ гӯям, дасторхон оростан хосияти хуб дорад, тамоми сол дар манзил серию пурӣ ва барака мешавад. Ғайр аз ин, барои табрики Соли нав шумо барин ёру бародарон, хешовандон, ҳамсояҳо омада мераванд, барои як дам ҳам бошад, – Забеҳулло «барои як дам ҳам бошад»-ро бо таъкид арз кард.

Очилака дубора сухани нешдор зад:

– Келин гуфт ҳасиб мемонам, он ҳам барои онҳоест, ки ба як дам омада мераванд?

Забеҳулло саъй кард худро ба даст гирад:

– Тақсир, магар мешавад ба хонаи касе бо дасти хушку холӣ рафт, ба хусус дар ҷашни Соли нав?

Очилака пичингомез гуфт:

– Эҳ, бубин, ки ба ҳамин ҳам ақлам нарасидааст! Аммо, боракаллоҳи ту, ҳамкор! Аз тоифаи касоне шудаӣ, ки ҳар гоҳ бихоҳанд аз об хушк дармеоянд.

Забеҳулло ҳанӯз ин кинояро ҳазм накарда, аз нав садои занги дар баланд шуд. Ин бор ҳам фикри «раис омад» ба зеҳнаш зад. Бо шитоб дарро кушоду боз ҳам гаранг шуд: дар дами остона ин дафъа Бобосалмонов бо занаш меистод.

– Бо ҳамсарам ба хонаи боҷаам мерафтем, хонаатонро зер карда нагузарем гуфта, барои як дам ҳам бошад, хостем даромада Соли наватонро табрик гӯем...

Забеҳулло бо оҳанги аламнок гуфт:

– Хуб коре кардаед, марҳамат, ба дохил дароед.

Кадбону ҳамсари Бобосалмоновро низ ба самти ошпазхона роҳбаладӣ кард, мардҳо дар меҳмонхона танҳо монданд. Чашмони Забеҳулло алақ-палақ шуда, худаш мисли мурғи посӯхта ноором буд. Очилака ин ҳоли ӯро пай бурд ва таҳдор пурсид:

– Ҳа, тақсир, бесаранҷом менамоӣ?

Забеҳулло ӯро ба ҷид фаҳмида, устокорона ба сухан даромад:

– Боҷаамон бо чашми чор мунтазири мо мондагист. Медонед, дар деҳаҳо ҷашни Соли навро аз пешин сар мекунанд. Паркент ҳам ба шаҳр наздик нест, то он ҷо расида рафтан машаққат дорад.

Дар айни ҳол аз нав занги дар садо дод. «Ана акнун раис худаш омадагист», бо ин андеша Забеҳулло бașаст ба самти даҳлез рафт. Дар дами дар Хуррамовро диду мӯйҳои сараш рост хест. Ӯ низ дар рӯ ба рӯяш сухани ҳамкоронро такрор мекард:

– Бо ҳамсарам ба хонаи боҷаам мерафтем, хонаатонро зер карда нагузарем гуфта, барои як дам ҳам бошад, хостем даромада Соли навро табрик гӯем.

Забеҳулло бо сахтӣ сапедии дандонҳояшро нишон дод ва дар ҳоле ки зардиҳояш ба рӯй медамид, меҳмононро ба дохил фаро хонда лаб ҷунбонд:

– Хуб коре кардаед.

Суханҳои яксони ҳамкорон Забеҳуллоро машкук сохт. Боз ҳам бештар ба ташвиш омад. Ҳарчанд таҳи дилашро гурбаҳо чанг мезаданд, саъй кард меҳмоннавозиро идома диҳад. Ӯ бо мулозимат гуфт:

– Бифармоед, ба дасторхон меҳрубон шавед, як дам гап дода менишинем.

Очилака аз гуфтани суханҳои киноямез даст намекашид:

– Не, акнун вақти хестани мо шуд, шумо ҳам бояд ба меҳмонӣ равед, дер нашавад. Орзу дорем соли нав барои ҳама омаду пешравӣ, файзу барака фароҳам оварад!

Хуррамов сухани ӯро давом дод:

– Дуоятон мустаҷоб гардад, бародар, аввали сол бад нест, бароямон бобарор меояд. Дирӯз Рабим Қудратович ба сафари даҳрӯза ба Ҷопон парвоз карданд. Яъне, даҳ рӯз худамон хону худамон бек хоҳем буд!

Забеҳулло бо шунидани ин пайғом бепарво гуфт:

– Рабим Қудратович то бегоҳии дирӯз сари кор буданд, чӣ хел як он рахти сафар бастаанд?

– Оре, тамоми рӯз дар кор буданд. Бегоҳӣ соатҳои ҳашт буд, ки телефонам занг хӯрд. Аз тамошои телевизор сар бардошта гӯширо гирам, Рабим Қудратович. Гуфтанд, ки фавқулода маъмурият пеш омад, рафта истодаам. Ду-се супориш доданд. Мо ҳам аз он аноиҳо нестем, бо он телефонашон «дар вақти набуданам назорат карда гард» гуфтанӣ буданд,

албатта. Ду ҳасиби қазӣ, чор қурс фатирнон, каме меваи тар гирифта ба фурудгоҳ баромадам. Сафар ба хайр гуфтаму баргаштам.

Забеҳулло ҳушу ҳавоси худро аз даст дода, ду дида ба ҳамкорон андохта меистод. Каме ба худ омад, ба ҳар эҳтимол, бо амри таваккул пурсид:

– Фақат супориш доданд? Мабодо, дигар ҳеч чиз нагуфтанд?

– Дар ҳақиқат, хуб шуд, ки ба ёдам овардед. Ба Забеҳулло Ҳалимович диҳед гӯён ин номаро доданд, – Хуррамов аз ҷайбаш як лифофаи хурдро баровард, – марҳамат.

Дар нома каломи кӯтоҳе навишта шуда буд: «Забеҳулло Ҳалимович, аз ин ки ба рӯйи ҳамкорони худ по гузошта лаганбардорӣ кардед, ташаккур. Мебояд садоқатро аз шумо омӯхт». Ӯ номаро хонда ҳангу манг шуд.

Очилака пурсид:

– Чӣ навиштаанд?

Забеҳулло чашм аз ҳамкорон гурезонда ба замин дида дӯхт ва бо истодагарӣ изҳор намуд:

– Сухани хосе нест, дар гузоришам хатое рафта будааст. Навиштаанд, ки ҳамон иштибоҳро ислоҳ кунаму аз он пас ба раёсат фиристам.

Очилака бепарда гуфт:

– Не-е, магар мешавад корманде мисли шумои пухтакор хато карда бошад?

– Ҳама хато мекунад, фақат Парвардигор беайб аст, гуфтаанд.

– Ин гапат ҷон дорад, ҳар кас хато мекунад, вале муҳим ин аст, ки хаторо ба гардан гирифта аз пайи ислоҳи он кӯшад. Иштибоҳро дида истода худро ба нодонӣ задан камоли мунофиқист.

Забеҳулло зери лаб ғур-ғур кард:

– Албатта, ҳамин хел.

Ӯ ба роҳи раис нигарон буд, вале бо шунидани ин суханҳо умедашро канд. Ҳарчанд аз як сӯ ба харҷи калону омодагии бесобиқа дилаш месӯхт, аз ҷониби дигар худро сабук ҳис кард. Агар дар айни ҳол раис меомад, ӯ дар пеши ҳамкорон шарманда мешуд. Ҳеч гап не, дили роҳбарро ягон дафъаи дигар хоҳад ёфт, ҳанӯз ҷашнҳо дар пеш аст: рӯзи бонувон, Наврӯз... Ғайриихтиёр, ба зеҳнаш фикри хубе омад. Ӯ гуфт:

– Нигоҳ кунед, мегӯянд, меҳмон атои Худост! Барои ҳамин, ман як пешниҳод дорам, ҳамаатон дар ҳамин ҷо бимонед, соли навро мисли ҳамеша бо ҳам пешвоз мегирем.

Очилака садо баланд кард:

– Чиҳо мегӯйӣ?! Ту ки ба хонаи боҷаат даъватӣ будӣ, магар аз ёдат рафт?

– Ба манзили боҷаам фардо субҳ меравам, тамоми рӯз бо ҳам нишаста хумор мешиканем. Ӯ аҳли фаҳм аст, нороҳат намешавад. Шумоён ҳам бо боҷаҳои худ дертар менишинед.

Очилака боз ҳам пичинг парронд:

– Дар уболи ин ҳама таом намонам мегӯйӣ, шайтон! Бо чӣ умедҳое омода шудаанд, фақат ба худат аёну ба Худо!

Ногаҳон занги дар баланд шуд, ин дафъа Забеҳулло ба он таваҷҷуҳ накард. Лаҳзае нагузашту аз самти даҳлез овози ҳамсараш шунида шуд, ки мегуфт: «Ҳой дадояш, меҳмонҳо омаданд».

Ҳамин ки Забеҳулло ҷаста аз ҷо хест, Очилака пеши роҳашро гирифта гуфт:

– Исто, дар хусуси он нома ба раис лом-мим нагӯй. Азбаски дар пешвоз гирифтани иди Соли нав чап доданӣ шудӣ, онро ман навишта будам.

Забеҳулло ҳанӯз ҳавоси худро ҷамъ накарда буд, ки Рабим Қудратович ҳамроҳи ҳамсараш бо виқор ба пазироӣ даромада омад.

– Аҳли ҷамоа ҷамъ-ку! Ана ин корро ба маромаш расондаед, Забеҳулло Ҳалимович, гирди ҳам овардани ҳамкорон аҷоиб шудааст, – гуфт раис ва ба пешгаҳ гузашт.

Забеҳулло билофосила хушомад зад:

– Хушхабар ё туҳфаи ғайримунтазираро сюрприз мегӯянд. Мо ҳам ба шарафи ҷашни Соли нав хостем шуморо хурсанд кунем, сардор.

Раис ба ваҷд омада илова кард:

– Бе шӯхӣ, хеле хурсандибахш аст бароям.

– Камина ҳам дар остонаи соли нав сабақ, бубахшед, сюрприз гирифтам. Маълум ки бегона каму костиамонро ошкоро намегӯяд, бадтар шавад гӯён қасдан пинҳон нигаҳ медорад. Дӯст бошад, баръакс, дашном дода ба роҳи рост ҳидоят мекунад, – Забеҳулло ба хотири пай набурдани раис пардапӯшона сухан гуфт ва бо ин роҳ узри худро ба ҳамкорон низ расонда монд.

– Тақсир, ин нозу неъматҳоро бо ҳам мебинем ё фалсафа гӯш карда менишинем? – устокорона дар миён гап андохт Очилака, ки аз оҳанги суханаш маълум буд аз гуноҳи ҳамкори худ гузаштааст.

Забеҳулло ҳамоно ҳазломез гуфт:

– Шуд, даҳони баста – тилло, дигар фақат барои ғизо лаб во мекунем.

Ҳама мулоим хандиданд. Забеҳулло, ки аз ҳамкорон «тозиёна» хӯрда дар хиҷолат монда буд, акнун шоду хуррам менишаст. Охир, чаро хурсанд набошад? Раисро даъват карданӣ буд, ба нияташ расид, бар замми ин, тибқи анъана ҳамкорон низ гирди ҳам ҷамъ омаданд. Аз ин рӯ, хушомадгӯйиву тамаллуқро ба авҷи аъло расонда, саъй кард ҳам дили раисро ба даст оварду ҳам дили ҳамкорони қаринро...

# ЎЛМАС УМАРБЕКОВ
# (1934 – 1994)



*Ўлмас Умарбеков 25-уми январи соли 1934 дар шаҳри Тошканд зода шудааст. Ӯ хатмкунандаи шуъбаи журналистикаи факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Осиёи Миёна (1956) мебошад. Фаъолияти кории худро бо касби рӯзноманигорӣ оғоз намуда, солҳои зиёд дар идораи радио кор кардааст. Наздики даҳ сол роҳбарии «Ўзбекфилм»-ро ба уҳда дошт. Муқаддаман аз соли 1982 дар вазифаи муовини вазири Фарҳанги кишвар ва дертар ҳамчун вазир кор мекунад. Соли 1985 раёсати Иттиҳодияи нависандагони Ўзбекистонро ба дӯш мегирад. Ҳамзамон ба сифати раиси Иттиҳоди нависандагони Осиё ва Африқо, ноиби Шӯрои олии Ҷумҳурии Ўзбекистон ва муовини раиси Девони Вазирони ҷумҳурӣ фаъолият мекунад.*

*Нахустин китоби адиб – «Ҳикояҳо» (1958). Баъдан маҷмуаи ҳикояҳояш бо номҳои «Номаатро интизор мемонам», «Арзи дил» (1960), «Бобочормағз» (1961), «Ситораҳо», «Ба ман бовар надорӣ?» (1962), «Зиндагӣ ҷовидонист» (1964), «Чарос» (1966), «Пул»[6] (1968), «Таронаҳои булғорӣ» (тарҷумаи шоирона аз забони булғорӣ), «Баргҳои заррин» (1972), «Амонат» (1976, дар заминаи ин ҳикоя асари саҳнавӣ низ офарида шудааст), «Вақте ки замин месӯзад» (1993) ба табъ мерасад. Ӯ ҳамчунин муаллифи романҳои «Одам шудан мушкил» (1970), «Фотима ва Зуҳро» (1994) ва қиссаҳои «Муҳаббатам, маҳбубаам» (1963), «Кӣ бегам аст?» (1965), «Фарзанди ҷанг» (1972), «Борони тобистон» (1973), «Парастуи сапед» (1974) мебошад. Гузашта аз ин чанд драма маҳсули хомаи ӯст, аз қабили: «Обҳои равон» (1971), «Туҳмат» (1987), «Мӯйсафед» (1991), «Барои худ талош кун» (1992). Ҳамчунин аз ӯ як асари публитсистӣ таҳти унвони «Номаҳо ба духтарам» («Дар остонаи ҳаёти ҷовидон») ба ёдгор мондааст.*

*Ўлмас Умарбеков соли 1992 ҳамчун Нависандаи мардумии Ўзбекистон шинохта мешавад, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Ҳамза (1980) ва Арбоби шоистаи ҳунари Ўзбекистон (1984) мебошад.*

*Адиб 10-уми ноябри соли 1994 дар шаҳри Тошканд аз олам чашм мепӯшад.*

---

[6] **Пул** – *ин ҷо:* кӯпрук

# АМОНАТ

*(ҳикоя)*

Вақте ки Бобои Сарсонбой ба маркази ноҳия омад, офтоб акнун ба андозаи карчи чӯгири[7] тулуъ мекард. Кӣ медонад, шояд аз он ки ҳанӯз саҳарӣ ҳукми худро меронд ё хунукӣ даромада буд, сафи бозориён тунук ва равуои одамон кам ба назар мерасид, на шӯру мағал буду на ҳарҷумарҷи рӯзҳои бозорӣ. Мӯйсафед дар дил хурсанд шуд: «Ҳа, хуб аст, ин дафъа дер намондам. Бозор акнун авҷ мегирад».

Бо ин хаёл лигоми аспро афшонд. Якронаш[8] низ, дар ҳоле ки бо гӯшҳои овезон хомӯшу бо майли худ меомад, мунтазири ин амр буд магар, ҳаракатро ба самти поин, ба тарафи дарё давом дода йӯрға зад. Ин маҳалҳоро ба мисли соҳибаш хуб мешинохт. Чун калон шуда ба пушт зин гирифтааст, ҳар рӯзи якшанбе тамоми Ҳисорро давр зада ба ин ҷо меомад. То назди чойхонае, ки гӯё ба навъи амонат дар бағали пули борики тахтаӣ бино шуда буд, омада меистод. Пас аз он ки дарёро сел шуста рафт, маҳз ҳамин ҷо ба шакли номутаносиб васеъ гардид ва аз солҳои ҷанг инҷониб, аз тирамоҳи дергоҳӣ то баҳор маҳалли бозор аст. Ҷавонони аз чор сӯ омада низ аз ҳамин ҷо ба ҷабҳа рафта буданд. Чойхонаи «солманд» бо сутунҳои пӯсидаи худ аз он солҳо нишона...

Бобои Сарсонбой вақтҳои пеш аспи худро ба яке аз ин сутунҳо баста мемонд. Худаш бошад, ё бозорро давр мезад, ё то пешин дар чойхона нишаста доди ҳангомаро медод. Ҳар гоҳ ҳавсалааш сар мерафт, намози пешинро хонда ба роҳи худ пас мегашт. Якрон муддатҳои тӯлонӣ ба ин ҳол хӯ нагирифт, як-ду бор ҳатто лигомашро канда гурехта, аҳли бозорро сарсон карда буд. Гузашта аз ин, бо саркашӣ дар миёни роҳ поҳояшро ба замин тиргак карда аз роҳравӣ бозмеистод. Вале, бо ин гарданшахиҳо ба мақсуд нарасид, аз соҳибаш нағзакак тозиёна хӯрд. Акнун бошад, одат кардааст. Бобои Сарсонбой вайро дигар намебандад ҳам. Асп бо ихтиёри худ то назди сутун омада, фуромадани соҳибашро мепояд. Чашмонашро пӯшида, ба як пойи худ дам дода, наҷунбида меистад...

Ин дафъа низ чунин рафтор кард. Бобои Сарсонбой аз асп пиёда шуда рост ба чойхона даромада рафт. Якрон нафаси амиқ кашид, назаре ба атроф андохт. Як гови ало дар зери пул гӯсолаи мӯйпахмоқи худро, ки аз сардӣ меларзид, бо меҳр мелесид. Якрон чанд муддат ба он нигоҳ карда истоду зиқ шуд. Хамёзае кашида чашмонашро пӯшид.

---

[7] **Чӯгири** – навъи харбуза

[8] **Якрон** – аспи нажодӣ ва асил *(маъмулан, сурхранг аст, бо ёлу думи сапед)*

Бобои Сарсонбой дар канори тиреза, ки як чашмаки калонаш шикаста буд, чорзону нишаста гирифт. Аз рӯзи бино шудани чойхона ҳамин ҷо нишастгоҳи ӯст. Агар то вай касе ҳам менишаст, бо омаданаш дарҳол ҷойро холӣ мекард. Пеши тиреза барои тамошои майдони бозор хеле муносиб буд. Агар касе аз рӯйи пул ҳам мегузашт, аз нӯфи нигоҳи ӯ дур намемонд, раҳгузарро ба хубӣ дида метавонист.

Чойхонадор дар даст чой, ӯро дида гуфт:

– Сарсонбой, сари ҳолӣ? Боз омадӣ?

Бобои Сарсонбой абрувони каммӯйи аз офтоб зардшудаи худро болопоин карда, нимғурма бо суол ҷавоб дод:

– Чӣ, вазниниам ба ту афтод?

– Тез доғ нашав, аз дили сӯхтаам мегӯям. Чизе бадтар аз интизорӣ нест.

Бобои Сарсонбой ҳарфе назад. Имрӯз кайфияти ӯ, мисли ин ки ба нияти деринааш даст медод, хуш буд, аммо бо ин сухани ошнояш дилтанг шуд. Дар идомаи каломи ӯ, «як ту кам будӣ, намешавад чоятро дода соятро гум кунӣ?» гуфтан хосту боз худдорӣ кард. Бо вуҷуди ин, сухани чойхонадор Мадумарака ҷон дошт. Баъд аз омадани хати сиёҳ аз писараш, бечора даҳ сол мунтазир монд. Ҳамсараш ҳам аз дасти фарзанди бехату хабар қариб ки обу адо шуд. Худаш мисли чӯб хушку лоғар гардид. Оқибат тоқат накарда азо гирифт. Саргармиаш фақат обуҳавои ҳамин чойхона...

Дар воқеъ, сухани имрӯзаи Мадумар беҳуда набуд. «Аз дили сӯхтаам мегӯям…», гуфт ӯ. «Наход ки ҳолам то ин ҳад ҳузнангез бошад?», бобои Сарсонбой бо ин андеша беихтиёр ҳис кард, ки дилашро чизе мехарошад. Лабонаш ларзид, риши чун хок зардгуна ба бех кашида шуд. Гӯё чизе дар гулуяш дармонд. Суст гардидани аъзои баданашро пай бурда дод зад:

– Аҳмақ, агар интизор шавам ба роҳи ту менигарам?! Ба ту ғайр аз Азроил касе мунтазир нест! Кай мулло шудӣ, ки ба ман панд медиҳӣ?!

Мадумар паст наомад, бо заҳрханд ҷавоб дод:

– Аз худ нарав, чунин шудаам, ки ҳар рӯзи бозор башараатро мебинаму дилам беҷо мешавад. Дар ҳамон қиру адирҳо рамаатро бонӣ карда гардӣ намешавад? Ба ҳар кӣ лозим шавӣ худаш ёфта мегирад. Боз худат медонӣ. Ба ман бошад, шабу рӯз дар ҳамин ҷо бихоб. Дар ин роҳи дароз худат танҳо омада меравӣ, мабодо мурда намонӣ мегӯям, бетамиз!

Бобои Сарсонбой каме худро ба даст гирифта гуфт:

– Агар бимирам, ягон мусалмоне ёфт мешудагист барои хок кардан. Худо аз ту нигаҳ дорад, аз чой ки мезанӣ, аз кафан ҳам заданат накд.

– Ҳа, ҳаминро зудтар намегӯйӣ? Чойи тоза дам кардам, хӯр ба заҳру маргат!

Мадумарака аз чойи дамкардааш рехта як пиёла ба бобо дароз кард. Чун одам кам буд, худаш ҳам дар паҳлуи ӯ нишаст.

Бобои Сарсонбой бо оҳанги ҷиддӣ пурсид:

– Ягон хабари нав нашунидӣ?

– Агар мешунидам, ҳамон лаҳза дунболат одам мефиристодам, не, хабаре нест...

Дар миён хомӯшӣ уфтод. Мадумарака худро ноҳинҷор ҳис кард, ҳарчанд дилаш намебоист, фӯрткашон як-ду қулт чой нӯшид.

– Зебӣ чӣ хел? Сиҳату саломат гаштааст?

– Бад нест, – нигоҳе ба тиреза афканда гуфт Бобои Сарсонбой, – имрӯз базӯр ба роҳ баромадам. Ба ин тараф омаданамро дониста нисфи шаб асбро ба саҳро сар додааст.

Мадумарака бо нигаронӣ пурсид:

– Дашном додӣ?

– Не, ба он шӯрпешонӣ ҳам душвор. Дигар дашном намедиҳам.

– Хорӣ надеҳ, бечора ғайр аз ту каси дигар надорад.

– Хор намекунам, лекин... – Бобои Сарсонбой яке қиқир-қиқир хандида монд.

Мадумарака ҳайрон шуд:

– Чӣ гап?

– Ман ба вай чизе нагуфтаам, аммо чаро асбро ба саҳро меронад? Охир, медонад, пиёда ҳам бошад, меоям. Ғайр аз ин, Якрон бо шунидани атсаам давида дар наздам ҳозиру нозир мешавад. Инро дидаю дониста ба саҳро сар доданаш чӣ маънӣ дорад?

Мадумарака аз сухани ошнояш ба завқ омада гуфт:

– Дилаш бароят месӯзад, бародар.

– Дили ман намесӯзад? Ба ӯ раҳми худам ҳам меояд. Танҳоӣ ганда. Ту низ инро нағз мефаҳмӣ. Лекин, чӣ илоҷ? То қиёмат ин амонат аст. Бо ин қарз намехоҳам ба гӯр равам. Охир, фаҳмидан лозим. Баъд кӣ...

– Ассалому алайкум-м-м!..

Одамон ба дохил даромаданд. Риштаи суҳбат канда шуд. Мадумарака аз ҷой бархест.

Чанде нагузашта, ба одати маъмул, бозор ба ҷӯш омад, шӯру қиём шуруъ шуд. Ба шавқуни бачаҳо ва баъосу маъоси гӯсолаю гӯсфандон садоҳое ба монанди «баракаашро диҳад»-и даллолон зам мешуд, гӯё ки дарёи хушки хомӯш шабеҳи селоби пурҳаёҳуйи баҳор ҷон гирифт.

Бобои Сарсонбой дубора ба тиреза нигоҳ кард. Пул аз бисёрии равуокунандагон мисли шутур мелӯккид. Он замон ҳам ба мисли ҳозир лӯккида меистод. Вақти гусел кардани писараш ҳам, ҳангоми хайрухуш кардан бо Ҳайдаралӣ ҳам...

Аммо он замон одамон фақат ба як самт мерафтанд. Аксари онҳо дигар аз пул пас наомаданд – яке бедому дарак шуд, яке аз олам даргузашт. Аз рафтани писараш ҳам ним сол сипарӣ нашуда хати сиёҳ расид. Он вақт дунболи рама дар Узумли мегашт. Гӯсфандонро дар он бари соҳил ба доманаҳои тоза нешзада ронда, худаш ҷойивазкунон дар зери Тошқалъаи чордеворгашта менишаст. Офтоб рост болои сар омада буд, акнун мехост аз хӯрҷинаш чакка бароварда сарфи ноҳор кунад. Ҳамон дам аз ҷониби деҳа овози баланди гиряи занона шунида шуд. Доду бедоди зан дар кӯҳҳо акси садо дода, чунон ҷарангос мезад, ки Бобои Сарсонбой тарсида рафт. Аз ҷо хеста ба поин чашм дӯхт. Зане лаб-лаби сой бо мӯйҳои парешон ва даст афшонда

меомад. Ӯро аввал нашинохт. Поинтар фуромад. Танҳо баъд аз наздик шудан бо пероҳани ҳаворангаш ба назар гарм тофт. Ӯро шинохту дилаш сих зад.

– Зебӣ! Ман дар инҷоям, Зебӣ! – гӯён сарозер ба поин давид.

Зебихола баробари дидани вай худро дошта натавонист, бо алам баландтар гиря кард. Бобои Сарсонбой аз бозувони ӯ дошта ба сӯйи худ кашид ва пайи ҳам савол дод:

– Чаро доду бедод мекунӣ?! Чӣ шуд?

– Ғафур... Ғафурҷон... – аз даҳони Зебихола дигар сухане наомад, бо дард фарёд зада коғази дасташро ба шавҳар дароз кард.

Бобои Сарсонбой номаи хурдаки сабзро дида ҳамаашро фаҳмид. Мадумарака низ ҳамин гуна нома гирифта буд... Бобои Сарсонбой хатро нахонд, дасту пояш ях зад, сари ҷо шах шуда монд. Худо барояш як фарзанд дода буд, онро ҳам бисёр дид.

Ҳайдаралӣ бошад, пас аз як моҳи рафтан аз хонаи падар бедому дарак шуд. Дӯсти писарашро худаш то ноҳия гусел карда буд. Ӯ касе ҳам надошт, ки барояш дуои сафар гӯяд.

Ҳамон рӯзи рафтан Ҳайдаралӣ ба харароба ду сар гӯсфандро бор карда овард. Он дам аз омадани хати сиёҳи Ғафур як сол мегузашт.

– Амак, инҳо дар назди шумо бимонанд, – бо хиҷолат гуфта буд Ҳайдаралӣ, – падарам гӯсфандро нағз медиданд. Пас аз омаданашон тӯй-пӯй медодем... Албатта, агар малол наояд...

Бобои Сарсонбой ҷавоб дода буд:

– Хуб шудааст, писарам, ба рама ҳамроҳ мекунам. Ҳеч ҷойи малолу заҳмат надорад.

Гӯё ки бо писараш хайрухуш мекард, Ҳайдаралиро дар болои пул ба оғӯш кашид, тамоми вуҷудаш ба ларза даромад.

– Ҳамеша дар амон бош, писарам! – гуфт ӯ ва чашмони пур аз оби дидаашро нишон надода, ба ҷавон бастаи додаи ҳамсарашро дароз кард. – Инро холаат дод, гир.

– Раҳмат.

– Агар тавонистӣ, қабри Ғафурро зиёрат кун, дар Исталинград.

Дар миёни шавқуну ҳаёҳу ин суханашро Ҳайдаралӣ шунид ё не, намедонад. Ба ҳар ҳол, Бобои Сарсонбой медид, ки ӯ ким-чиҳое гуфта сар меҷунбонд.

Инак, аз он воқеа ҳам бист сол мегузарад. Ҳайдаралӣ на писари ӯро зиёрат кард, на аз худаш ягон пайғоме фиристод. Ду гӯсфанди ба амонат гузоштааш аз чил сар бештар шуд. Ба хотири омехта нашудан бо гӯсфандони дигар ба гардани ҳар яке поралаттаи сурх баста баромад. Бобои Сарсонбой намехост, ки мабодо Ҳайдаралӣ омада монаду чудо кардани гӯсфандон мушкил шавад. Наомад ӯ. Зинда аст ё даргузашта – касе намедонад. Идораю одами напурсидааш намонд. Охир, вақте ки на исми хонаводагиаш маълум асту на суроғааш, магар ёфтан мумкин аст? Ошноёнаш маслиҳат медоданд:

– Сарсонбой, дигар аз пояш нагард, худатро овора накун.

– Касе, ки аз он гуна ҷаҳаннам зиндаю саломат бармегардад, магар ду гӯсфандашро мепурсад?! Худоро шукр, ҳама ҷо серию пурӣ, агар гӯсфанд лозим шавад, бозор пур. Беҳтар ин ки, ба бозор баро. Ӯро мешиносӣ, агар сараш дар амон бошад, дар ҳамин ҷо зиндагӣ кунад, худашро нишон медиҳад.

Ин маслиҳат ба Бобои Сарсонбой маъқул уфтод. Аз он пас ягон рӯзи бозорро канда накарда омада меравад. Рӯзҳои дигар аз пушти гӯсфандон дар адиру пуштаҳо рамабонӣ мекунад. Хастаю монда шуда охирҳои ҳафта ба хона бармегардад. Раис ҳоли ночори ӯро дида чанд бор гуфт: «Шуд, бобо, ҳамин қадар заҳмат кашидед кифоя, акнун ҷавонҳо кор кунанд!» Аммо Бобои Сарсонбой гӯш надод. Охир, чӣ хел гардан фурорад? Гӯсфандҳои Ҳайдаралиро кӣ бонӣ мекунад? Моли одами ҳафт пушт бегонаро кӣ ба уҳда мегирад? Агар нигаҳбонӣ ҳам кунад, оё аз таҳи дил мекунад?

Беҳуда нагуфтаанд, пирию ҳазор иллат. Солҳои пеш ҳафта-ҳафта рӯйи по мегашт, вале хастагиро намедонист. Ҳоло бошад, ним рӯз роҳ нарафта мадораш хушк мешавад, фақат ба нишастан майл мекунад. Як рӯз дар теппаи Узунли монда шуда менишаст, ки ногаҳон садои тири туфанг баромад. Бо тарси ин ки гӯсфандеро напарронда бошанд, бо шитоб ба поин фуромад. Дар зери навдаҳои ба дарахтони арча печидаи ток се-чор ҷавон чанд шишаро ба рӯйи харсанг дарчида ба нишон мегирифтанд. Мӯйсафедро дида яке аз онҳо бо писханд гуфт:

– Бобо, ин чӣ гап, ҳама кабкҳои кӯҳистонро андохта[9] намак зада мондаед-чӣ? Якто ҳам наменамояд?

– Шикори кабк дар зимистон хуб аст, писарам. Чи, ба сайд омадед?

– Ҳа, сар гирифта ба ин тарафҳо омадем, гуфтанд, дар ҳамин адирҳо кабк бисёр аст.

– Мешавад, хеле бисёр аст, фақат дар зимистон.

Яке аз ҷавонҳо аз зери арча дод зад:

– Бобо! Биёед ба ин тараф! Ана аз ин якто бо мо занед.

Ҷавон то лаби пиёла шароб рехта ба ӯ дароз кард. Бобои Сарсонбой бо лабханд гуфт:

– Ман намехӯрам, писарам, то имрӯз ба даҳонам набурдаам.

Ҷавон бошад, калав-калавон наздиктар омад, бо шилқинӣ гуфт:

– Аввал як хӯрда бинед, гап ҳаст, бобо. Не нагӯед, гиред, бардоред!

Бобои Сарсонбой пиёларо ба қафо тела дода эътироз кард:

– Писарам, ман намехӯрам, ҳар чӣ хоҳед гӯед, мешунавам, аммо ин бароям бегона аст.

Яке аз ҷавонҳо, ки туфанг дар даст тир холӣ мекард, ба сухан ҳамроҳ шуд:

– Боборо маҷбур накун!

– Набошад, худам бардоштам, – гуфт ҷавон пиёларо сар кашида ва ба паҳлу сар гардонда дароз уҳ кашид, – бобо, шикор баҳона шуду ба ин ҷо барои дамгирӣ баромадем. Аз гӯсфандҳоятон якторо фурӯшед. Дар ҳамин ҷо як ташкилӣ карда меравем.

---

[9] **Андохтан** – *ин ҷо:* паррондан, тир задан

Бобои Сарсонбой сарашро хам карда хомӯш монд. Пас аз лаҳзае бо хиҷолат сар бардошт:

– Афсӯс, бачаҷон, фурӯхта наметавонам, моли худам нест. Агар ба деҳа гузаред, аз ҳар хона ёфта метавонед. Ҳатто худам ҳам медиҳам. Инҳо – амонат. Агар чунин намебуд, як гӯсфанд чизе нест, садқаи саратон мекардам!

– Эҳ, ҳамин хел?

– Ҳа, бачам.

Ҷавон хандида гуфт:

– Агар худамон яктояшро гирифта ҳалол кунем-чи?

– Ин кори хуб нест, ба амонат хиёнат намекунанд, бачам.

Ҷавон ба шӯр омад:

– Хеле бахил будаед, бобо! Як гӯсфанд чӣ арзише дорад магар, аз одам ҳам азиз аст? Акбар!

– Чӣ гуфтанӣ ҳастӣ? – ба сухан ҳамроҳ шуд ҷавони дигаре.

– Гард, якеро дошта меоварем. Ҷавобашро ба раис худамон медиҳем.

Ҷавонҳо ба самти Тошқалъа роҳ пеш гирифтанд. Бобои Сарсонбой як он дод зад:

– Истед! Шумо бачаҳои мусалмонед ё не?! Ба забони одамӣ гуфтам, ки моли ман нест, ин гӯсфандон соҳиб надоранд! Бист сол мешавад моли як ҷавони ба ҷанг рафтаро мепоям. Оё инсоф доред?!

Ҷавонҳо бо шунидани ин сухани мӯйсафед беихтиёр сари ҷо истоданд. Хиҷолатомез паси ҳам ба қафо гаштанд. Яке аз онҳо гуфт:

– Бубахшед, бобо, надонистем.

Пирамард дигар ҳарфе назад. Ранги рӯяш чун дока канда буд, лабонаш беист мепариданд.

– Бобо, узр!

Бобои Сарсонбой боз ҳам чизе нагуфт. Як дам сари ҷо истод, сипас оҳиста қадамзанон ба сӯйи қалъа роҳ пеш гирифт.

Вақте ки ин воқеаро бо дард ба Мадумарака нақл кард, ӯ дергоҳ ба андеша рафт. Ниҳоят, бо мулоҳиза ба сухан омад:

– Мехоҳам фикрамро гӯям, ту нороҳат нашав.

– Хуб, чӣ гуфтанӣ ҳастӣ?

– Беҳтар аз ҳама, ин гӯсфандҳоро ба колхуз деҳ. Худатро ин қадар зери азоб намон. Чӣ фарқ дорад – дар ту бошад ё дар он ҷо? Магар колхузиён онҳоро мехӯранд? Ҳар гоҳ Ҳайдаралиат омад, аз ҳамон ҷо пас мегирад.

Бобои Сарсонбой ҷавоб надод.

Чанд муддат ба бозор дида дӯхта нишаст, шояд ҳамин маслиҳати ошнояшро аз мадди хаёл мегузаронд... Дар ҳақиқат, намедонист чӣ кор кунад.

Нисфирӯз даромад, равуои одамон дар бозор тунук шуд. Барои онҳое, ки натавонистанд моли худро фурӯшанд, фақат тамошои бозор буду бас. Ҳолати хуши Бобои Сарсонбой, ки саҳарӣ дошт, барҳам хӯрд. Ин бор низ касе шабеҳи Ҳайдаралӣ пайдо нашуд.

«Наход ки аз дунё гузашта бошад? – бо ин хаёл бадани мӯйсафед ларзид. – Не, набояд ин қадар ҳалокат рух диҳад. Чандин бедаракшудагон баргаштанд,

аҷаб нест, ки ӯ ҳам омада монад. Мехост тӯй диҳад, бо ин баҳона ман ҳам шодию сур медидам. Ҷашни арӯсиро худам мегузарондам...»

Бо ин гуна хаёлҳо чанд муддати дигар нишаст. Бозор ба поён расид. Қариб ҳама пароканда шуда рафтанд. Аз ҷониби ошхона бӯйи палов ба димоғ зад. Мӯйсафед аз ҷой наҷунбида менишаст.

– Сарсонбой!

Бобо ба худ омада ба самти овоз рӯ гардонд. Он тарафтар Мадумарака меистод.

– Гап ҳамин, гуфтаи маро кун. Бо ин ҳол чӯби қоқ шуда мемонӣ.

Мӯйсафед чизе нагуфт. Аз гӯшаи маҳсиаш як сӯм бароварда ба рӯйи лаганча гузошту аз ҷо хест.

– Меравӣ? Ош дам кардам, хӯру баъд ба роҳ баро.

– Дафъаи дигар, – Бобои Сарсонбой аз кат фуромад, ба самти дар қадам зада афзуд: – Хайр!

То назди дар омаду чизе ба ёдаш омад магар, ба пас гашт ва изҳор намуд:

– Наход ту ҳам намефаҳмӣ?! Охир, худам, бо дастони худам гирифта мондаам, бояд худам пас диҳам...

Мадумарака хомӯш истод. Танҳо ҳангоми рафтани ошнояш аз паси ӯ гуфта монд:

– Ба Зебӣ салом гӯй!

Аспи қиравбаста соҳибашро дида гӯшҳояшро алвонҷ дод. Бо ноз сарашро ба ду ҷониб афшонд ва ба зина наздик шуд. Бобои Сарсонбой бо як ҷаҳиш ба пушти зин нишасту лигомро ба даст гирифт ва овоз дод:

– Рафтем.

Якрон бо чобукӣ йӯрға зада ба роҳ уфтод. Дар рафтори ӯ низ ба мисли дили соҳибаш умедворие ҳис мешуд...

## ЭРКИН САМАНДАР
## (1935)



*Эркин Самандар 22-юми марти соли 1935 дар деҳаи Навхоси ноҳияи Ханқаи вилояти Хоразм зода шудааст. Пас аз мактаби миёна таҳсили олиро дар факултаи забон ва адабиёти ӯзбеки Донишкадаи омӯзгории Хоразм мегирад (1957).*

*Фаъолияти кории Эркин Самандар дар мактаби миёнаи ба номи Беруниии ноҳияи Қӯшкӯпир (1957 – 1958), рӯзномаи «Пахтакор овози»-и ноҳияи Урганҷ, Кумитаи радиои вилояти Хоразм (муҳаррири барномаҳои ӯзбекӣ, 1959 – 1961), Кумитаи вилоятии ҳизби коммунистии собиқи Хоразм (1963 – 1967; 1990), Кумитаи телевизиони Ӯзбекистон (сармуҳаррир дар студияи «Ёшлик», 1967 – 1969; мудири шуъбаи барномарезӣ, 1969 – 1975; сармуҳаррири барномаҳои адабӣ-драмавӣ, 1975 – 1977), рӯзномаи «Хоразм ҳақиқати» (мудири шуъба, сармуҳаррир, 1961 – 1963; 1977 – 1990), Девони вазирони Ҷумҳурии Ӯзбекистон (муовини нахуствазир, 1990 – 1993) сурат гирифтааст.*

*Нахустин китоби шеърии Эркин Самандар бо номи «Дурахшиши Ому» соли 1966 ба табъ мерасад. Баъдан маҷмуаҳои дигар, аз қабили, «Осмони пурнур», «Ҷавонии дунё» (1970), «Вафо гавҳар аст» (1975), «Фаслҳои муҳаббат» (1973), «Соатҳои ҷавонии ман» (1979), «Соатҳои қабул» (1980), «Бачаҳои соҳил» (1982), «Асарҳои мунтахаб», «Роҳи дил» ба дасти хонандагон мерасанд, ки дар кул мавзуоти одамият, табиати зебо, ишқу муҳаббати инсонӣ, муҳаббат ва вафо, давутозҳои зиндагӣ, армону гумонҳоро фаро мегиранд. Дафтарҳои шеърии «Дафтари Фаронса», «Навад дақиқа» (ҳашттоиҳо), «Таронаҳои шом» бошанд, хулосаҳои фалсафии шоири ҷаҳонгардро ифода мекунанд. Ӯ муаллифи достонҳои «Аспи сангини осмон», «Сандуқи тилоӣ», «Садоҳои озод», «Номаҳои ишқӣ» низ мебошад.*

*Эркин Самандар ба унвони нависанда чандин ҳикоя, қисса ва романҳои адабию таърихӣ навиштааст. Асарҳои ӯ бо номҳои «Соҳили дарёгумкарда» (роман, 1989), «Чоҳи Худо» (роман, китоби якум: 1989), «Садоҳо аз умқи чоҳ» (роман, китоби дуюм: 1989), «Паҳлавон Маҳмуди Пурёи Валӣ» (2000), «Султон Ҷалолиддин» (роман, 2007), «Гирдбодгуна ё худ Огаҳӣ» (роман, 2009), «Мургони мағриб» (роман, қисса ва ҳикояҳо, 2011), «Чоҳи Худо» (роман, 2012) дар пешрафти адабиёти ӯзбек нақши босазо доранд.*

*Адиб ба унвони драматург низ чандин асар офаридааст, чунончи: «Ҷавоҳир» (драмаи мусиқавӣ, 1984), «Шамшери аҷдод» (драмаи таърихӣ, 1986), «Башорат» (драмаи мусиқавӣ, 1988), «Ҷалолиддин Мангубердӣ» («Ҳуҷраи бегона», асари саҳнавӣ, 1988), «Арабмуҳаммад Баҳодурхон» (драмаи таърихӣ, 1992), «Дунёи дилам» (мазҳакаи мусиқавӣ, 2012). Нависанда бо чандин қисса ва эссеи худ ба дили хонандагон роҳ ёфтааст. Муаллифи филмҳои мустанад-публитсистии «Такя», «Диёри ҳазораспиён», «Аваз Ӯтар», «Мадраҳим Шерозӣ», «Ҳикматҳои роҳи тулонӣ», «Хева», «Сайри регзор», «Роҳҳои тақдир» мебошад.*

*Дорандаи нишони «Дӯстӣ» Эркин Самандар аз соли 1990 Журналисти шоистаи Ӯзбекистон аст.*

## МУРҒОНИ ОЛАМИ ҒАЙБ

*(ҳикоя)*

КароМОТИ шайх то ба гӯши Ҷуҷи расида буд, ҳанӯз қабл аз тохтутози худ ба Урганҷ медонист, ки ӯ сеҳру ҷоду дорад. Ба овозаҳои шунидааш, аз қабили, оби дарёро бармегардонад, ҷилави девҳоро мегирад, китоби бастаи дасти одамонро саҳифа ба саҳифа мехонад, гоҳ бовар мекарду гоҳ не. Бо ин ҳол, чун медид шаманҳои овозадори Хоқони бузург ба илми шайх қоил меоянд, дар дилаш ба ҷойи гумон бовар менишаст.

Муҳосираи Урганҷро оғоз намуд, аммо даст ёфтан ба дарвозаҳои шаҳр хеле сахт буд. Бо чашмони худ медид, ки ҳар гоҳ симои шайх дар болои девори қалъа намудор мешуд, дастаҳои ҳамлавар ақибнишинӣ мекарданд. Итминонаш ба овозаҳо бештар гардид.

Муҳосира ҳафт моҳи расо идома ёфт. Лашкари чун мӯру малах беҳисоб то омадани неруҳои ёрирасон дарвозаи қалъаро хароб карда, ҷангро дар дохил – дар майдону гузарҳо идома медод. Ҳамин ки Ҷуҷи пай бурд гирифтани гузарҳо аз ғасби қалъа ҳам мушкилтар мегузарад, боз ҳам ба фикри каромоти шайх рафт. Дар замири мафҳуми «каромот» ӯ кӯчидани ҳайбати инсониро аз ботин ба зоҳир ва мутаассир шудани одамонро мефаҳмид ва чунин мепиндошт, ки мағлубнопазирии хоразмиён низ ба хотири доштани ҳамин гуна виқору салобати вуҷудашон аст. Гӯё дар қалби ҳар як урганҷӣ чунин неруи хориқулодаи шайх ҷойгир шуда, ӯро ба шер мубаддал мекард. Эҳ, кош Ҷуҷи ҳам чунин ҳазрате медошту дар мағзи дили ҳар як муғул ҳамин гуна маҳобату шуҷоати шеронаро ҷойгузин месохт...

Урганҷ дар арафаи таслим шудан буд. Чун аскарони ҳамлавар то хонақоҳи Наҷмиддин Кубро расиданд, Ҷуҷиро беш аз пеш иштиёқи озод кардани шайх фаро гирифт. Мехост дунболи ӯ одам фиристаду ризояташро бигирад ва сарашро дар амон нигаҳ дорад. Аммо ин нияти саркарда ба бародари хурдтар аз ӯ Чиғатой хуш наомад. Бародар бо тундӣ гуфт:

– Шайх ҳеч гоҳ ба мо ёр намешавад, бояд сари ӯро аз тан ҷудо кунем.

Ҷуҷи андешаманд ҷавоб дод:

– Ин сар ҳама сар нест, шайх фардо ба дарди мо мехӯрад.

Чиғатой бошад аз фикри худ нагашт.

Чанд моҳ аз ин пеш ҳам гапашон гурехта буд. Ҷуҷи ҳар қадар мекӯшид Чиғатой сухани ӯро қабул кунад, аммо бародар ба аҳдаш устувор мемонд. Он замон Чиғатой асири васвасаи хароб кардани садди об ва ғарқ кунондани Урганҷ шуда буд. Ӯ сухани охири худро чунин баён кард:

– Танҳо бо ҳамин роҳ мумкин аст ин қалъаи якраву гапношунав таслим шавад, бояд ҷазо бубинад!

Ҷуҷи мегуфт:

– Не, ҳеч гоҳ намехоҳам Урганҷ зери об монад. Ба ман на мулки хароба, балки ҳисори сарватманду обод лозим аст!

Ин дархости Ҷуҷи бесабаб набуд. Қабл аз тохтутоз Чингизхон ба ӯ гуфта буд, ки «Урганҷро таслим кун, бигузор он мулки ту бошад». Аз ҳамон дам инҷониб Ҷуҷи орзу мекард, ки ин кишвари дар ҳафт иқлим овозадор ва ҳисори боҳашаматро соҳиб шавад. Чиғатой бошад...

Дар ниҳоят, баҳси миёни ду бародарро худи Чингиз ҳаллу фасл кард. Ӯ гуфт:

– Урганҷро на Ҷуҷи ва на Чиғатой, балки писари хурдиам таслим мекунад, – ва хонзода Ӯқтойро бо сипоҳи хос ба сӯйи Урганҷ равона кард.

Аз ин боис, ҳар чӣ Ҷуҷи мехост ҳамон тавр шуд, қалъа зеру забар нашуда ба даст медаромад ва ин ҳолатро ӯ аз ақли падар ва уҳдабароии Ӯқтой медонист. Барои яктарафа кардани баҳси худашу Чиғатой низ ӯ бо умед ба додари хурдӣ нигарист. Ӯқтой амр дод:

– Ҳавои шайхро дошта бошед, дар зери пой намонад, ба ҳар ҷое дилаш кашад, ба ҳамон сӯ равад.

Чеҳраи Ҷуҷи шукуфт. Зери чашм ба сӯйи Чиғатой дида андохт. Шояд аз ғояти қаҳр буд, ки бинии паҳни нопайдои ӯ гӯё бештар ба дохил фурӯ рафта буд...

Дар ин замон ҳазрати Шайх Наҷмиддин Кубро дар айвони кушод ғарқи андеша танҳо менишаст. Аз майдону гузарҳои оғушта ба ҷанг қасар-қусур садоҳои нохуш, шиҳакашии берабти аспон, наъраю фиғонҳои беохир, нолаҳои пур аз армону ваҳшату нафратомез шунида мешуд. Ин ҳама нидоҳои хунин ҳамзамон бо харошидани қалби хастаи ӯ ҳаводиси даҳшатзоро ба хотираш меовард, мурғи хаёлаш дар паҳнои бепоён парвоз мекард. Шайх хеле муддат сари ҷо нишаста монд. Бо либоси равшани оҳорӣ, бо риши сапеду симои нуронӣ ҳамоно ғарқи хаёлоти маҳзун ба назар расид. Ӯ шаш моҳ пештар низ дақиқан бо ҳамин ҳолат, бо чеҳраю чашмони андӯҳгин мунтазири «вохӯрӣ» нишаста буд.

Он дам, дар нахустин мулоқот ӯ (Хоҷаи Хизр) таназзули салтанатро ёдрас намуда, ҳама саҳву гуноҳон, фисқу фасоди кишварро як-як ба чашми шайх нишон дода буд. Оре, он замон ҳамдигарро маҳву нобуд кардани мусалмонон, нофармонию бадкориҳои дарбориён, хунрезиҳои байни хешу ақвом, парокандагии тоҷу тахт, ки аз пайи ҳилаю найрангҳои Чингизхон ва содир кардани хатою гуноҳҳои пайиҳами хоразмшоҳиён ба вуқуъ пайваста буд, кушоду равшан дар мадди нигоҳи шайх ҷилвагар мешуд ва ин ҳолат, бе шак, ба заволи салтанат ишора мекард.

Акнун ҳам, вақте ки муғулҳо ба ҳисор зада даромада, хурду калонро аз дами теғ мегузаронанд, гӯё Хоҷаи Хизр дубора падид омадааст. Ӯ ба шайх ошкор месохт, ки ту ба тарки шаҳр кардани муридонат изн дода будӣ, вале аз

рафтагон нуфуси мондагон бештар аст ва онҳо акнун либоси шаҳодат ба бар хоҳанд кард.

Шайхи кабир аз тамошои абрҳои ба изтироб омада чашм канда, ба осмон дида дӯхт. Пас аз наззора чунин менамуд, ки ҳар чизи нахустин бор зоҳиршуда метавонад қудрату тавони беохирро дошта бошад, бе шубҳа, ҳар кореро илоҷе ҳаст ва ба ҳар ҳодисаи боварнакарданӣ метавон бовар кард. Дар ин дам ба назари шайх саъбае намудор шуд.

Бозе он саъбаро бо суръат дунболгирӣ мекард. Шайх медид, ки фосилаи байни ду мурғ торафт кӯтоҳтар мешаваду фироркунанда беш аз пеш бемадор мегардад ва саъю ҷаҳди дунболкунанда аз аввала ҳам бештар меафзояд. Ҳамон лаҳзае, ки шайх ба саъбаи бемаҷол дида андӯхт, манзара ранги дигар гирифт: нахуст фосилаи байни ду паранда зиёд шуда, саъба аз рақиби худ хеле дуртар рафт; сипас, нигоҳе ба пушт афканду яке ба сари боз ҳамла овард. Боз ба ҳуҷуми вай тоб наоварда ба қафо гашт ва роҳи гурезро пеш гирифт. Саъба бо тезӣ ба ӯ расиду бо зарб ба болҳояш чанг андохт. Фурсате нагузашта болҳои боз тоб хӯрданд. Саъба ба гулуи рақиб даҳон зада, ҳамчун анбур аз гардани нозукаш гоз гирифт ва мисли тир ба поин андохт. Дар як чашмпӯшии кӯтоҳ, ҳанӯз ба болои айвон нарасида боз ҷон дод ва дар васати пойҳои шайх ба замин уфтод. Саъба оҳиста-оҳиста алвонҷхӯрон дубора ба фарози осмон парида рафт.

Чанд нафар муриди шайх, ки дар канори ҳавзи назди айвон меистоданд, ин ҳолатро мушоҳида карданд ва ҳамин ки хостанд ба айвон даромада ба муршид таъзим баҷо оваранд, хабар ёфтанд, ки сафири муғулҳо омадааст. Шайхро огоҳ карданд. Чанде баъд шайх ва сафир бо ҳам рӯ ба рӯ шуданд.

Наҷмиддин Кубро аллакай ба тағйири ҳолату либосҳои худ расида буд, мисли ин ки дар масҷиди ҷомеъ ваъз мегуфта бошад, бо қиёфаи пуртамкину бовиқор менишаст. Дар навбати худ, сафири лоғару устохонии бузриш, ки саъй мекард тааҷҷуби худро аз дидани симои ӯ пинҳон нигаҳ дорад, бо кароҳат абру дарҳам кашида, қаҳролуд се қадам дуртар аз шайх рост истод. Дар қафо нигаҳбонҳояш ба монанди дандонаҳои шона дар як рад саф кашиданд. Бӯйи бади пӯсту бадани онҳо ба димоғи шайх зад. Ӯ дилбеҷойии худро пинҳон карда, ба маънии «чӣ коре бо ман дорӣ» ба меҳмони нохонда чашм дӯхт. Сафир бо овози гирифта ба сухан даромад:

– Хонзодаи бузург мехоҳанд, ки шайх дар зери по намонад. Фармуданд, шайх бигӯяд, ҳар чиро ихтиёр кунад ба ҷо биёрем.

Аҷаб, ваҳшиён аҳли ҳисорро ба мисли мол мекушанду боз ҳам ҷуръат мекунанд ба шайхи онҳо «марҳамат» нишон диҳанд! Чӣ, ин нокасон фикр мекунанд, ки халқ дигару шайх дигар аст?! Чеҳраи шайхро нигоҳи истеҳзоомез пӯшонд. Лекин, ба хотири ин ки ба савол ҷавоби муносиб диҳад, бо вазнинӣ ба сафир рӯ овард:

– Ман худам танҳо нестам, ҳамраҳонам низ ҳастанд.

Сафир гумон мекард, ки шайх «марҳамат»-и хонро бо ҷону дил қабул мекунад, вале бо шунидани чунин дархост гаранг шуда, ба назди хӯҷаинони худ баргашт.

Муридон ба устод бо нигоҳи пурсиш дида дӯхтанд. Ҳазрат ҳис мекард, ки аз дили онҳо чӣ мегузарад. «Ҳамраҳонам низ ҳастанд» гуфтани ӯ боиси тааҷҷуби муридонаш шуда буд ва ин маъниро метавонистанд ба ҳар навъ талқин кунанд: ҳам шарте буд дар баробари пешниҳоди сафир ва ҳам метавонист раддия бошад.

Дигар ваҷҳе набуд, ки онҳоро ба ваҳм афканад. Чанд моҳ пеш, вақте ки ҳимояи Урганҷ ғайримумкин шуда буд, шайх ба ҳама муридони аз шаҳру вилоятҳои дигар омадаи худ изн дод, ки шаҳрро тарк кунанд. Онҳо бошанд, аспи давандеро ҳозир намуда, ба гирифта бурдани устод тадорук диданд, вале пири муршид ин хостаашонро қатъиян рад кард. Ҳарчанд онҳо истодагарии устоди худро хуб медонистанд, боз ҳам ба ҷавоби додаи ӯ ба сафир бо каме тааҷҷуб нигаристанд. Шайх низ ҳоли онҳоро пай бурда, он лаҳза на ҳарфе илова кард, на дарди ботини худро ба зоҳир баровард.

Сукути васат то дубора омадани сафир идома ёфт. Аз шигифту ҳайрати чеҳраи муридон аён буд, ки онҳо аслан гумон намекарданд сафир бармегардад. Вале муршиди аъзам инро медонист ва ҳатто чӣ пешниҳод кардани ӯро низ аз дил гузаронда буд, ки бо нигоҳи хӯрдагирона ба ӯ чашм дӯхта истод. Сафир гуфт:

– Хонзода изҳор медоранд, ки сад нафарро бо худ гирифта ба ҳар сӯе, ки дилатон бихоҳад, биравед.

Дар чеҳраи шайх боз ҳамон истеҳзое, ки ба муридон номафҳум буд, падид омад. Бо ин ҳол, онҳо гумон мекарданд ин дафъа ҳазрат пешниҳодро қабул хоҳад кард. Аммо, боз ҳам андешаашон ботил баромад. Муршид дубора сафирро дар анг мононд:

– Мегӯйӣ, сад кас? Одамони ман аз он бештаранд.

Сафир маҷбур шуд ба роҳи омадааш пас гардад. Чанд муддат гузашту ӯ аз нав пайдо шуд ва арз кард:

– Хуб, дар канори худ ҳазор касро бигиреду биравед, – гӯё илтифоти бузург нишон медод, бо виқор гуфт сафир.

Шайх дар ҷавоб изҳор намуд:

– Не, ман ватану халқи худро гузошта ба ҷое намеравам. Бо ин мардум, ки дар рӯзҳои неку бад бо ҳам будаем, то охирин қатраи хун паҳлуи ҳам хоҳем монд. Мо ки дар ин ватан зода шудаем, дар ҳамин хок ҷон месупорем!

Бо шунидани ин каломи шайх сафир, бешубҳа, ба аспи ғазаб нишаст ва аз хонақоҳ чун тир баромада рафт.

Муридон нияти ҳазратро акнун дақиқу равшан дарк карданд ва сангу силоҳҳои ба рӯзи мабодо ҷамъкардаро аз даст ба даст доданд.

Он дам ҳазрат ҳафтоду панҷсола буд, лекин дарҳол ба монанди ҷавонҳо ба по рост шуда, камари худро муҳкам баст. Ӯ ба муридон, аҳли хешу ақрабо ва ёру бародаронаш рӯ оварда бо қатъият баён кард:

– Азизонам! Маълум аст, ки агар даъвати душманро пазируфта ҷилои ватан кунем, зинда мемонем ва ба навъе дар диёри бегона ҳам мақоме барои худ меёбем. Аммо, мақому мартабаи хориҷ аз ватан, зиндагии берун аз миҳан магар маъною лаззате дорад? Мо дар диёри худ мемонем, вале ғуломӣ ба

душманро низ ба дӯш намегирем. Ин китфони мо шояд кӯҳро бардорад, вале ин гуна иснодро не. Мурдан авлотар аст, то мутеи касе шуда зистан дар ватани худ!

Муридону аҳли хешу ақрабо ҷавоб доданд:

– Аз он гуна ҳаёт марг бартар аст, ҳифз-ул-ватан мин-ал-имон!

Аҳду паймони «ҳифзи ватан аз имон аст» мағзи тариқати Кубравия буд, ки худи шайх ба он асос гузоштааст. Ҳама ба ин шиор содиқ монданд, аксарият дар майдони набард шаҳид шуданд ва ҳар касе, ки зинда мондааст, акнун дар ин ҷанг бо душман рӯ ба рӯ меистад.

Ҷавонмардӣ ва шуҷоати онҳоро дида, шайх ба андеша рафт. Эй кош, агар Хоразмшоҳ низ дар атрофи худ чунин аҳли муъмину боэътиқодро медошт, аъёну ашроф ба зери якдигар об намонда, ба хушк кардани решаҳои душман камар мебастанд, ба Ҷалолиддин Мангубердӣ дасти ёрӣ дароз мекарданд... Он замон на ватан кунфаякун мешуду на халқ то ин ҳад хору забун, чашмони душман низ ҳамчун мош мебаромад!

Чун Ҷалолиддинро ёд кард, дар дили шайх мавҷи боварӣ ҷӯш зад: иншоаллоҳ, Ҷалолиддин доди адуи ваҳширо медиҳад, фарзандони ҷасур ватанро озоду обод мегардонанд!

Бо ин хаёл ҳазрат барои амалӣ кардани орзуву ниятҳои қаъри дилаш эҳтимом варзид. Бо шитоб ба дохил даромаду аз ҳоли занони нишаста хабар гирифт, бачаҳои нигаронро навозиш карда монд. Во-дареғ, пас аз чанде душмани ҷаллод ба сари ин фариштаҳо чормағз мешиканад, кадоме қатл мешаваду кадоме занҷирбанд. Вале адуи ҷоҳил намедонад, ки ҳар яки инҳо – аз солмандонаш гирифта то норасидаҳо, рост истода мурданро аз сархам зиндагӣ кардан афзал меҳисобад!

Шайх ҳалқа-ҳалқа оби дидагонашро аз ҷигаргӯшаҳои худ пинҳон кард, вале бонувон аз уҳдаи ин кор набаромаданд, ашки чашмони онҳо дув-дув мерехт, охирин бор домани табарруки ҳазратро ба пешонии худ молиданд. Шайх медид, ки бағалу ҳамёнҳои онҳо низ пур аз санг аст.

Пас аз ҷавоби қатъии муршид сарлашкарони муғул Ӯқтою Чиғатой «дигар шайх аз худаш донад» гӯён, савори асп шуданд. Ҷуҷи низ ноилоҷ пой дар узангу гузошт.

Онҳо гумон мекарданд, ки шайх дар хонақоҳ нишастааст, дигар ҷуз шикастани дару дарвозаҳояш чорае нест. Дар дили ин фикру хаёл ногаҳон ба сӯяшон дартоз омадани як гурӯҳ савораи шамшербадастро диданд. Онҳо шайх ва одамони ӯ буданд!

Дар ҳамон лаҳзае, ки баробари кам шудани масофа чиҳил-панҷоҳ нафар савора ба доми лашкари рӯ ба рӯ фурӯ рафт, дубора муъҷизае қалби Ҷуҷиро ба ларза афканд. Дур аз интизор, дар фазои осмон ҳазор-ҳазор мурғ падид омад ва онҳо дар фарози майдони набард беохир ба даврзанӣ даромаданд. То ин дам муғулҳо ҳеҷ гоҳ ба чунин ҳолат дучор нашуда буданд. Лашкариёни бесаранҷом дар шигифт монда, ба сӯйи осмон тирандозӣ карданд. Аммо ягон тир то мурғони ҳаво намерасид, баъзе тирҳои рафта расида низ ба нишон барнамехӯрд.

Ду ҷониб ба ҳамдигар даромехтанд. Муғулҳо дар гармии шамшерзанӣ ногаҳон ба бӯрони санг дучор омаданд. Онҳо дар умри худ то ин ҳад зарбу сахтии сангро ҳис накарда буданд, паси ҳам аз аспҳо сарозер мешуданд.

Мурғони пурсару садо торафт бар фарози сарбозон наздик омада, ба саворaҳо дарафтиданӣ мешуданд, овози онҳо аз зери бол даррафта бо шуввосу чакочаки тиру шамшер меомехт ва ҳамроҳ бо шиҳакашии аспон ба садоҳои даҳшатзо табдил меёфт.

Дар самти рости майдони ҷанг чашми Ҷуҷи ба савораи куҳансоле уфтод, ки беист шамшер мезад. Аз виқору салобати ӯ дарёфт, ки шайх аст. Оре, худаш! Шабеҳи ҷавони паҳлавоне наъра мекашид, бо дасти рост шамшер мезаду бо дасти чап ба сари рақибонаш санг меандохт, ҳам шамшеру ҳам санги партобкардааш дуруст ба нишон мерасид. Ҳамон дам Ҷуҷи гумон бурд, ки шайх лашкарро ҷоду кардааст, бо ҷоду чашмони сарбозонро бастааст. Беихтиёр ҳайраташ ба нафрат ва шавқу рағбаташ ба ғазаб табдил ёфт. Неруҳои хоси пешгомро бар сари ӯ фурӯ рехт.

Билохира, бо тири камону зарбаи шамшер шайх сарнагун шуд. Ҳамон лаҳзае, ки ба замин меуфтод, ба парчами дасти як парчамдори муғул чангол зад ва як порaи онро дарронда ба каф гирифт. Нафасҳои вопасини худро бароварда, шайхи кабир ба осмон дида дӯхт: дар болои сар мурғони бешумор гаштугузор мекарданд ва дар миёни онҳо ҳамчунин саъбаи назаркардаи худро, ки ба боз пирӯз омада буд, дида монд. Гӯё ҳамон як дона саъба ба садҳо, ба ҳазорон мурғ бадал шуда, дар канор шоҳину уқобонро гирд оварда, садояшро ба тамоми мурғони олам расонида, ҷонварони болдорро беохир ба сафи худ мехонд. Дар дидаҳои шайх дубора шарораи умед ҷило дод.

Хонзодагони муғул ба болои ҷасади Наҷмиддин Кубро омаданд. Дастур доданд, ки аз панҷаи ӯ пораи парчамро бигиранд. Аскарони ҷаллод ҳар қадар саъй карданд натавонистанд он порчаро аз дастонаш дар оваранд. Танҳо пас аз буридани ангуштони шайх имкон ёфтанд тикаҳои пора-порашудаи парчамро ҷамъ кунанд. Он, дигар, парчаме набуд...

Мурғон рӯ ба фарози осмон ниҳоданд. Села-села даврзанон ба парвоз даромаданд. Сипас тамоми селаҳо бо ҳам пайваста рӯйи осмонро пӯшониданд. Ғайричашмдошт, борон омад. Муғулҳо намефаҳмиданд, ки ин борон дар ҳақиқат аз осмон меборад ё ашки чашмони мурғони фалак аст, ё ки боришоти қасосест, ки аз сари дили мангубердиёни ба сурати мурғони сапед даромада ба сарашон мерезад.

# НЕЪМАТ АМИНОВ
# (1937 – 2005)



*Неъмат Аминов 17-уми июли соли 1937 дар ноҳияи Рометани вилояти Бухоро дар оилаи оҳангар – Аминбобо Нуруллобой зода шудааст. Пас аз хатми мактаби миёна (1954 – 1959) дар факултаи таъриху филологияи Донишкадаи омӯзгории Бухоро таҳсил мегирад.*

*Фаъолияти кории худро сараввал дар Кумитаи радиои вилояти Бухоро оғоз менамояд. Сипас, соли 1973 ба Тошканд омада, дар идораи маҷаллаи «Муштум» ба унвони котиби масъул ифои вазифа мекунад. Соли 1989 дар маҷаллаи «Шарқ юлдузи» (Ситораи Шарқ) муовини сармуҳаррир мешавад ва ҳамон сол дубора ба вазифаи сармуҳарририи маҷаллаи «Муштум» мегузарад.*

*Нахустин маҷмуаи ҳикояҳои Неъмат Аминов таҳти унвони «Обрӯи беарзиш» соли 1966 чоп мешавад. Баъдан китобҳои ин адиби ҳаҷвнигор бо номҳои «Шавҳархолаи чилу сеюм» (1970), «Хандаҳои Лабиҳавз» (1973), «Ҷигараш рехт» (1974), «Табассумҳои тиллоӣ» (1977), «Таронаи чинорҳо» (1984), «Паҳлавони мағлубнопазир» (1986), «Гурбаяки дузд» (1987), «Қаҳқаҳа» (1987), «Ёри бепарвои ман» (1988), «Ривоятҳои писараки мӯйсафед» (1990) ба дасти хонандагон мерасад.*

*Неъмат Аминов дар адабиёт нахустин бор бо асари «Фариштаҳои дурӯғгӯй» (1976 – 1984) ҳамчун адиби ҳаҷвнигор шинохта мешавад. Ин асар таҳти як мавзуъ аз қиссаҳои «Бодғар»*[10] *ва «Суск» («Елвизак» ва «Суварак») иборат аст. Соли 1987 барои ин асар ба Ҷоизаи ба номи Ойбек сазовор мегардад. Адиб дар рисолаи «Ҳикояти як қарн» (ё худ «Зарпораҳои оҳангар», 1996) воқеа ва ҳикоёти шунида аз падарашро хеле устодкорона ба қалам додааст.*

*Нависанда ба монанди устодони худ Ғафур Ғулом ва Саид Аҳмад бадоҳатан гӯяндаи моҳири ҳикояҳои ҳаҷвӣ буд. Асарҳои ӯ ба забонҳои русӣ, укроинӣ, белорусӣ, тоҷикӣ, туркманӣ, озарӣ, гурҷӣ, қалмиқӣ ва ғайра тарҷума шудаанд. Адиб соли 1992 ба унвони Нависандаи мардумии Ӯзбекистон ноил мегардад. Соли 1999 бо нишони «Меҳнат шуҳрати» тақдир мешавад.*

*Неъмат Аминов 18-уми октябри соли 2005 дар шаҳри Тошканд аз олам чашм мепӯшад.*

---

[10] **Бодғар** – бодғард, ҷараёни ҳаво, курон

## САГИ БОБОИ ҚАССОБ

*(ҳикояи ҳаҷвӣ)*

Ғуноҷини алои мо имсол низ ба бор наомад. Падарам гуфт: «Не, дигар фоида надорад. Бо умеди дидани сапедӣ[11] чашмони шумо ҳам чор шуд, бачаҳоям, ин зормондаро мекушему ба ҷояш гови дигар мехарем».

Як рӯз пеш аз бозори мол ба хонаамон қассоб омад. Мегӯянд, онҳое, ки қассобӣ мекунанд, сарусурати босалобат доранд, аммо ӯ он қадарҳо наменамуд: ба тан яктаҳи сиёҳи пашмин пӯшида буд, ҳаракатҳои чобук дошт; абрувони дурушт ва ришу мӯйлаби сап-сафед аз синну соли болояш дарак медод. Дуруст, чашмонаш каме барҷаста ва ҷо-ҷо хунин метофтанд, аммо ман натарсида бо ӯ вохӯрӣ кардам. Дар асл, ягон ҷойи тарсу бим надошт, охир. Ӯ хеле шӯх будааст, суханҳои хандаовар мезаду механдонд.

Пас аз тановули чою нон падарам амр кард, ки ғуноҷинро кашола карда биёварам. Худаш бо каланд дар зери собот[12] ба кандани чуқурак пардохт. Ба самти охур роҳ пеш гирифтам. Ҳарчанд як замон ғуноҷинамон ба назарам мисли бало менамуд, дар ин дам раҳораҳ ба он раҳмам омад. Гӯё дилам сих заду ба чашмҳоям ашк ҳалқа зад. Ҳамин ки ҷонварро кашола карда овардам, бобои қассоб бо хушҳолӣ як латтаи куҳнаи чорқатро аз хӯрҷин гирифта ба миёнаш баст. Он, зоҳиран, пешдомане ба ҷойи хилъат буд. Сипас ду-сето кордро бо навбат ба рӯйи як пора оҳани қӯрғошимранг зада, «хиш-хиш» ба тез кардан даромад. Бо дастони ларзон ресмони ғуноҷинро ба падарам супурда ба пас гаштам. Дар оғилхонаи паҳлуи собот чашмонамро баста, хомӯш гӯш дода истодам. Як замон «ҳаҳ» гуфтани бобои қассобу овози «гурс» шунида шуд ва муддати зиёде нагузашта садои сахти хирросӣ вуҷудамро ба раъша овард. Увв! Пӯсти баданам ларзида рафт, дар ҷо карахт шудам.

Вақте ки бо тарсу ҳарос аз оғилхона берун омадам, бобои қассоб аллакай гӯшти ҷонварро аз пӯсташ ҷудо мекард. Намедонам барои чӣ, оҳиста-оҳиста тарсу ларзам аз байн рафт. Бобо гуфт:

– Бачам, биё ин ҷо, ма, ин почаша дошта ист.

Дигар натарсидам, ба бобо ёрӣ додам. Падару модарам низ ба мо мадад расонданд. Бобои қассоб аз бехи гулу сурфиду ба як гӯша туф кард ва гуфт:

– Келин, оби гарм тайёр кун.

Модарам «хуб шудаст, ҳозир» гӯён ба самти ошпазхона рафт. Сипас падарам ҳам дастур гирифт.

---

[11] **Сапедӣ** – *ин ҷо:* шир, фалла, ҷурғот...

[12] **Собот** – хавозаи махсус, ки бар болои он алафу ҳезум мечинанд; долони сарпӯшида

– Тошбой, ту раву як куҳналатта биёр барои тоза кардани хун ва як тағора ҳам барои шикамбаю рӯдаҳо.

– Хуб, майлаш!

Бобои қассоб назаре ба атроф афканду ба устухони коси дар пешаш буда корд зад. Як лахт гӯштро ба монанди каллаи гӯсфанд бурид ва фавран ба як чашмаки бози хӯрҷин, ки дар паҳлуяш буд, андохт. Ман бо таҳайюр ба ӯ нигоҳ карда мондам.

– Ҳайрон нашав, бачам, дар пахлуи чап мағзи ҳаром ҳаст, ҳамонро барои сагам бурида гирифтам.

– Э, шумо саг доред, бобо?

– Ҳа, бачам, саг дорам. Номаш Кӯктой!

– Номи нағз доштааст, хеле зӯр будагист?

Бобои қассоб саги худро таърифкунон аз маҳалҳои гардану шонаи гӯсола боз як-ду «ҷойи ҳаром»-ро бириду ба хӯрҷин андохт. Падару модарам латтаю оби гарм оварданд. Чӣ шуд, ки бобо дигар «ҷойи ҳаром» наёфта монд. Дар як зум гӯшт ба се ҳисса тақсим шуду ба чангаки дар шифти айвон кӯфташуда овезон гардид. Бобои қассоб порагӯштеро, ки қариб ду кило меомад, ба як тикка матоъ печонда гуфт:

– Ин ба ҳамсояамон Ҳамроҳбой, – сипас аз чуқураки хунчамъшуда чизҳоеро бо нӯги корд дар оварду бо рӯдаю расан печонида афзуд: – инҳо бошад, ба сагамон.

Ҳамааш дар хӯрҷин ҷо гирифт. Чун дидам, ба Алопари ман, ки дар гирду барамон бӯйкашон мегашт, ҳеч чиз намемонад, арз кардам:

– Қассоббобо, аз ягон «ҷойи ҳаром»-аш ба саги ман ҳам бурида диҳед, бечо...

– Об-бо, бачаҷоне, э, бачаме, – бо заҳрханд як ба падараму як ба модарам нигоҳ афканда гуфт бобои қассоб, – саги ту ҳӯ-ана аз вай кӯлмаки хун ҳам бемалол сер мешавад.

Хомӯш мондам. Қадамзанон дар худ андешидам: «Ба сагҳои қассобон маза, хӯрду хӯрокашон фақат гӯшт. Агар ин қадар гӯштро Алопари ман мехӯрд, эҳ-ҳа, медидед чӣ мешуд!»...

Бобои қассоб хӯрҷини ду чашмак пурро ба болои хараш, ки падарам кушода наздик оварда буд, гузошта таъйин кард:

– Гӯштро ба дӯкон супурда пул кунеду пагоҳ писаратонро ба наздам фиристед, пули гӯштро аз ҳамсоя гирифта медиҳам...

Пас аз ду рӯз ба хонаи бобои қассоб рафтам. Рости гап, аз пул дида бештар ба дидори Кӯктой иштиёқманд будам. Баробари даромадан ба ҳавлии берун дар зери айвон гузорам ба саге уфтод, ки як гӯшаш буридагӣ буд, фукашро ба болои поҳои пешаш гузошта пинак мерафт. Аҷиб, омадани маро ҳис ҳам накард-е. Аз дохил як зани ҷавони атласпӯш баромад. (Он лаҳза гумон карда будам духтари бобои қассоб аст, лекин дертар фаҳмидам, ки ҳамсараш будааст). Ӯ устухонҳои табақи дасташро оварда дар назди саг рехт ва ба ман эътино накарда ба дохил даромада рафт. Саг ба устухонхойӣ сар кард. Донистам, ки он Кӯктой аст, вале, чӣ гӯям, ба саг номидан забони кас

намепечад... Агар он саг бошад, Алопари ман шер аст! Ҷонваре буд пӯсту устухон, бо мӯйҳои часпидаю касиф, мешуд қабурғаҳояшро як-як шумурд. Магар ҳамин ҳам саг аст? Не, танҳо махлуқест аз гунаи саг. Исто ки, бобои қассоб парерӯз «ҷойи ҳаром» гӯён фақат гӯшт гирифта буд, ин устухонҳо аз куҷо? Эҳ афсӯс, аҷаб гӯште буд! Агар он қадар гӯшт насиби Алопари ман мешуд... Эҳ-е!

Аз дарвозаи дохил ду қадам ба пеш гузошта овоз додам:

– Ҳой, қассоб-бобо!

## Намунаҳо аз рисолаи «ҲИКОЯТИ ЯК ҚАРН»

*«Бисёр нақлҳои падарамро ҳанӯз дар замони зинда буданаш ба коғаз фуровардаам. Бо гузашти солҳо нигоштаҳои худро аз нав хонда баромадаму ҳар якеро чун тӯтиёи рӯйи чашм дарёфтам» (Муаллиф)*

– Бобо, шумо мӯйсафеди наваду шашсола ҳастед, сабаби дарозумриро дар чӣ мебинед?

– Чӣ мегӯяд?

– Мепурсад, ки сирри дарозумрии инсон дар чӣ аст?

– Ҳа-а... сирашро намедонам. Ин Парвардигор аст, ки маро аз ҳеч ба вуҷуд овард: пою даст дод, чашму гӯш бахшид, ризқу рӯзӣ фароҳам кард, бароям ҳамсари покдомане бахшид, фарзандони оқилу фарзона насибам шуд. Ҳамеша бо шукр зиндагӣ кардам. Умри баланд дод ва рози онро худаш надонад кӣ медонад, мухбирҷон? Огоҳтар аз ҳама худи Офаридгор аст.

***

Ба синни наваду шаш расидам. Чашмонам хира аст, гӯшам намешунавад, дар поҳоям дармон намондааст. Намедонам, агар рӯзе пир шавам, ба чӣ ҳол меафтида бошам?

***

Бодом гул кард, зардолую шафтолу шукуфа баровард, себ аз гул гузашту ба ҳосил расид, ту кай мешукуфӣ, Болта? Охир, ҳамсолони ту аллакай бача ба дунбол доранд...

***

– Саид Аҳмад, аз вафоти Саидахон чанд сол мегузарад?

– Бист сол.

– Ба шумо ҳам мушкил шуд, додар. Чӣ ҳам мекардем, аз ин олам яке зудтар, дигаре дертар мегузарад, аз тақдир ҷойи гурез нест, гуфтаанд. Дар воқеъ, ба чанд даромадӣ, додар?

– Мучалам гӯсфанд, синнам ба ҳафтоду се расид.

– Ӯҳ-ӯ, ҳанӯз ҷавон будаӣ.

***

Аз ёдат набарояд, ба «Э, Худо», «Э, Аллоҳ» гуфтан одат накун. «Э» бахайр нест. Агар аз Худо илтиҷо кардан хоҳӣ, бигӯ, ки «Ё, Худо!» «Ё, Аллоҳ!». Ҳаминаш дурусттар...

***

Ба ин дунё омада аз се чиз парҳез кардам: аввал аз зар, дуюм аз тиру туфанг ва сеюм аз қадаҳ. Ҳамин се чизро ба дастам нагирифтам.

***

Оҳангар шудаму корд насохтам, силоҳ насохтам. Досу каҷкорд сохтам, то ки одамон гандум даравconfigured. Каланду бел дуруст кардам, то ки кишоварзон ҷӯй канда, об гузаронанд. Кафгири бисёр сохтам. Боз ҳам, аспҳои якравро наъл задам, то ки пойи ҳонварон дард накашад.

***

Зинҳору зинҳор касеро дуои бад макун. Ба Худо хуш наояд. Худованд фармудааст: «Ту чӣ ҳақ дорӣ, ки бандаи офаридаи маро дуои бад кунӣ? Корҳои неку бади вайро худам мебинам ва чӣ гуна ҷазо доданро низ худам медонам».

***

Муфтии деҳаамон Солеҳ, Худо биёмурзад, ҳамеша як суханро такрор мекард. Бо доштани се хислат фарзанди одам мукаммал аст: нутқи тома, зинати ҷома, маъқули омма. Яъне, нутқат дона-дона равон бошад, абоят поку тоза ва хушдид бошад ва худат писандидаи мардум бош.

***

– Неъмат, ин ҳама касонеро, ки мегӯйӣ, зери дастат дар ҷамоаат кор мекунанд?

– Оре.

– Ба ту як маслиҳат медиҳам, ҳеч гоҳ фаромӯш накун. Сарвар бояд кӯрпаи ҷамоаи худ бошад, яъне ба ин маънӣ, ки ҳам нағзу ҳам бадашро пӯшонда тавонад, на ин ки ба дигарон достон кунад.

***

Ресмони барзагов дароз бошад деворро сӯрох мекардааст.

***

Гаҳвораро бе кӯдак ҳаргиз наҷунбон.

***

Агар ҳаво абрӣ бошад, ду кас айбдор мешудаанд. Зеро ки, яке «борон меборад» гӯяд, дигарӣ мегӯяд: «Не, борон намеборад». Агар бандаҳои гумроҳ набошанд, охир, метавонанд бигӯянд, «Худо медонад».

***

Агар як нафар одами мутакаббир пеш ояду салом додани туро бихоҳад, албатта, салом деҳ, ҳеч ҷоят кам намешавад.

***

Худо биёмурзад, Шариф Нурхон дар Бухоро зиндагӣ карда як байти Наққоши гадоро, ки дар ниҳояти қашшоқӣ аз дунё гузаштааст, тез-тез ба забон меовард:

*Бошад бисёр, меравад,*
*Кам ҳам бошад, мерасад.*
Сарвати бебаҳо қаноат аст.

***

Зинҳору зинҳор дар ин дунёи дурӯғин аз мурда ҷон, аз гадо садақа, аз бахил насиба ва аз хурӯс шир нахоҳед.

***

Тешаи муфт хӯрҷинро сӯрох кунад.

***

Яке аз додарзодаҳоям писари сесолаи худро ба пушташ савор карда, дар миёни хона чаҳорпо роҳ мерафт ва писарак бо овози баланд дод мезад: «Ишша-ишша… хи-и!». Ин ҳолатро дида падарам бо писханд гуфт:

– Ба писарат харсавориро ёд медиҳӣ? Ҷойи «ишша-ишша… хи-и!» «чу-у!» гуфтанро омӯзон, ки ҳам худат ба ҷойи асп хар намешавӣ ва писарат низ чапандоз шуда ба камол мерасад.

***

– Э мон-е, бисёр азиятам накун. Намехӯрам... Ғазал хонда шуд. Ку, дастатро деҳ, бачаякам... Дар ин дунё дигар коре, ки бояд анҷом диҳам, намондааст. Нигоҳ кунам, аз падарам бештар зистаам, аз модарам ҳам, аз бародару хоҳарам низ зиёдтар умр дидаам, як додар доштам, ӯ ҳам соли гузашта раҳматӣ шуд... Бас, дигар чӣ лозим ба ман? Танҳо дуо кун, ки Худованди мутаол бихоҳаду имонам солим бимонад...

***

– Ҳазор бор шукр, Худоҷон, ба нозу неъматҳоят шукр, ба умри бахшидаат, ба ҳар нафасу дарду дармони додаат шукр, Худоҷон... Неъмат... дар ҳамин ҷойӣ, баррачаам. Моро Чориқулбойи раҳматӣ ҳам барраяконам мегуфт. Ку, дастатро деҳ, ба ман нигоҳ кун. Ҳамааш пас аз намоз адо

мешавад... Аввал ба Самади муаллим хабар кун. Ӯ ба ман алифборо ёд додааст. Адои ҷанозаро ба Кароматов гузор. Қуръони ӯзбекиро, ки Амон оварда буд, ба домодат Аҳмад деҳ, қироат кунад... Усто Нурбойро аз Қоқиштувон хабар кунед...

– Охир, он кас...

– Э-е... гӯш кун ба суханам, худаш даргузашта бошад ҳам, писару бародаронаш ҳастанд... Ба Шофиркон, ба усто Қудрат тилфон кун... Ба Тешабобо мошин фиристон... Аз ман натарс, амонати худро сиҳҳату саломат ба Ҳақ таслим кунам шуд... Тану ҷонам, ана ҳамин ҷуссаам мемонад... Аз ҳеч чиз натарс, маро худат дар лаҳад гузор, бачаҷон...

## ШУКУР ХОЛМИРЗОЕВ
## (1940 – 2005)



*Шукур Холмирзоев 24-уми марти соли 1940 дар деҳаи Шаҳидони ноҳияи Бойсуни вилояти Сурхондарё ба дунё омадааст. Мактаби миёнаро дар зодгоҳи худ тамом карда, таҳсили олиро солҳои 1957 – 1962 дар шуъбаи рӯзноманигории факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Тошканд фаро мегирад.*

*Пас аз хатми донишгоҳ дар идораҳои мухталиф, аз ҷумла, нашриёти «Ёш гвардия» (муҳаррир, 1963 – 1967), театри мусиқа ва драмаи ба номи Муқимӣ (корманди адабӣ, 1967 – 1969), маҷаллаҳои «Гулистон» (корманди адабӣ, 1969 – 1975) ва «Шарқ юлдузи» (Ситораи Шарқ: мудири шуъба, 1978 – 1980) кор кардааст.*

*Шукур Холмирзоев аз соли 1958 ба навиштани ҳикояву очерк оғоз мекунад. Қиссаҳои «Савораи аспи сапед» (1962), «Мавҷҳо» (1963), «Чӣ касе ҳаждаҳсола нашудааст?» (1965, 2018) дар насри солҳои шастум аз қиссаҳои беҳтарин ба шумор меравад. Аз он пас ҳикояҳои адиб дар маҷмуаҳои «Дар зери ситораҳои дуродур» (1971), «Зиндагӣ ҷовидонист» (1974), «Агар санги вазнин аз ҷо кӯчад...» (1980), «Роҳҳо, ҳамроҳҳо» (1984), «Бодом дар зимистон гул кард» (1986), «Дар кӯҳҳо барф борид» (1987) гирдиҳам меоянд.*

*Аз нависанда ҳамчунин романҳои «Манзили охирин» (1976), «Гузаргоҳи танг» (1984), «Мусофир» (1987), «Алабӯҷӣ» (Дев, 1992), «Динозавр» (1996), асарҳои саҳнавии «Сиёҳҷар» (1987), «Зиёфат» (1990) ба ёдгор мондааст. Адиб аз ҷумлаи эҷодкороне мебошад, ки пас аз мустақил шудани Ҷумҳурии Ӯзбекистон аввалин шуда ба «ҳаракати босмачигарӣ»-и солҳои бистуми ҳукумати Шуравии собиқ бо назари нав нигоҳ кардааст. Ӯ пас аз адибоне мисли Абдулло Қодирӣ, Абдулло Қаҳҳор анъанаи ҳикоя ва қиссанависиро идома дода, саъй мекунад пояи насри ӯзбекро ба дараҷаи насри ҷаҳонӣ бардорад. Пас аз даргузашти адиб ҳам чанд китоби ӯ ба табъ мерасад, чунончи: «Осори мунтахаб» (2006, 2020), «Уқоби асир» (2014), «Ҳавлии бесоҳиб» (2015).*

*Шукур Холмирзоев соли 1989 ба Ҷоизаи давлатии ба номи Ҳамза, соли 1991 ба унвони Нависандаи мардумии Ӯзбекистон, соли 1999 ба нишони «Меҳнат шуҳрати» мушарраф мешавад.*

*Адиб 29-уми сентябри соли 2005 дар шаҳри Тошканд аз олам чашм мепӯшад.*

## ДАРВЕШ

*(ҳикоя)*

Мо дар даруни ғор менишастем. Дар асл ин ғор набуд, исмаш ба ҷисмаш монанд – Гӯрдара. Қисми болоии он тахту ҳамвор ва дар поинаш ковокие буд, ки онро ҷӯйи камбаре нишон дода меистод. Аз ҷӯй ба осонӣ ҷаста гузаштан мумкин буд. Агар истода ба поин гӯш меандохтем, равшан садои шилдирроси обро мешунидем, баъзан селаи кабӯтарони ёбоӣ «курув-в-в» садо дардода, парида мебаромаданд.

Даҳанаи Гӯрдара аз кӯҳҳои Санҷар сар мешуд ва бунаш дар доманаҳои болотари деҳаи Пода кушоду паҳн шуда мерафт, ки аз ин ҷо низ роҳи даромад ба дара мавҷуд буд. Пас аз хеле роҳ гаштан канораҳои оббурдаю обшуста аз пеш мебаромад ва маъмулан, барои баромадан аз ин гуна обравҳо фақат бо нардбон имконпазир буду бас. Бо вуҷуди ниматорикии фазои дара дида мешуд, ки дар соҳилҳои он гиёҳони шутурхор сабзида, бо шукуфаҳои худ барои ҳар гуна паранда ғизо мешавад. Дар хамгаштиҳо низ, аҳёнан, ниҳолҳои хурмои худрӯй ба назар мерасид.

Бо ҳамраҳонам дар мобайни дара, дар ҳамон ҷое, ки кофта кушода буданд, бар рӯйи харсангҳои лаби об менишастем. Ману ҳайкалтарош Азамат паҳлу ба паҳлу ва дӯстамон Даврон дар рӯ ба рӯямон, дар канори суфачаи хурдаки дастсохти зери девор ба мисли як ғӯл поҳояшро ба поин овезон карда менишаст. Дар гӯшаи дигари суфа як тӯда кухна-кола – гилеми фарсудаи равонакӣ[13], кӯрпаю кӯрпачаҳои ҷиғда-ҷиғда ва як шинели сарбозию кулоҳи гӯшмонанде мехобид, онсӯтар як ҷуфт калӯшу мӯзаи кирзаи соқбуридае ба чашм мехӯрд.

Қафотар аз мо, аз як осиёбӣ об он тараф паҳну парешон саргинҳои мол ба чашм мехӯрд, охури дарозе ба девори сангин мечаспид. Каме дуртар як оташдони хумдонмонанд, деги лабкаҷ ва чойҷӯши сиёҳшуда бекор мехобид. Як-ду бағал ҳезуми коҷ, як карсони сабзранг ва дар атроф чошу пареш шикастапораҳои бозичаю ҳуштакҳои гилин дида мешуд. Ҳамчунин дар он ҷо аз ҳам ҷудо хокистару хокҳои сапедгуну қирмизрангро тӯда карда буданд.

Аз ҳуфраҳои[14] кофташудаи ғор равшании бисёр даромада меистод, мо сару сурати якдигарро возеҳ медидем. Даврон хеле вақт сархам нишаста, як он дасташро чун дастаи каланд рост бардошт ва бо ишора ба девори баланди ҳамвор гуфт:

– Ҳайкал бояд дар ҳамин ҷо кандакорӣ шавад, – ӯ аз рӯйи одат наистода сухан мегуфт, – на ҳайкал, балки шакли он. Аввал тарҳашро мефурорем, то ки тавонем баъдан кандакорӣ кунем. Сураташ ин ҷо аст, ҳозир, як лаҳза... – ӯ сари

---

[13] **Равонакӣ** – номи як навъи гилеми дуруштбофт аст

[14] **Ҳуфра** – сӯрох, дарзҳои калон

дили варамидаи қублазадаи худро даст-дасткунон, аз ҷайби даҳанбозаш дуто аксро баровард. Якеро интихоб карда ба мо дароз кард.

Ман аксро ба даст гирифта, ба чашм айнак зада, дида андӯхтам. Ба назарам сурат шинос намуд. Пирамарде буд, ки ба тан камзӯли беостини аз суф дӯхташуда, ба сар тоқии сапед ва низ андак риши сапед дошт, як гунаи худро ба девор часпонида, рост ба болодарӣ нигоҳ карда меистод. Чашмонаш боз буд, вале дар онҳо асаре аз ҳаёт дида намешуд. Суратро ба Азамат дода пурсидам:

– Ба назар ошно менамояд, кист ӯ? Зинда аст?

Даврон, дар ҳоле ки ба ҷуссаи бузургаш намезебид, ҳиқ-ҳиққунон сар ҷунбонда гуфт:

– Мурд, кушта рафтанд... Аблаҳ, золим... лекин, – чашмони ӯ пур аз оби дида шуд, – ман аз ӯ бадтар ҳастам, дӯстам. Ҳаргиз худамро намебахшам...

– Чӣ шуда буд?

– Хеле хуб, нақл мекунам. Фақат аз ман нафрататон наояд... Эҳ, чӣ хел фаҳмонам... Шукурҷон, медонед, ман дар асл он қадар одами бад нестам. Саъй мекунам, дигарон ҳам аз ман наранҷанд. Бубинед, чун ба истиқлол расидем, ман ҳам ширкат кушодам, ошхона харидам, чанд касро бо кор таъмин кардам. Онҳо хурсанд, аммо... Уф-ф... Шояд дар берун суҳбат кунем беҳтар. Ба ширкат равем, ғизо ҳам омода шудагист. Дар зери арча менишинем...

Ман бетоқат шуда гуфтам:

– Хуб, ба он ҷо ҳам меравем, аввал давоми ҳикояро шунавем... Ин мӯсафед магар дар дами дарвозаи бозори марказӣ намешишт?

– Оре, худаш, ҳамоне, ки менишаст! – бо мамнуният сухани маро тасдиқ кард Даврон. – Бозичаҳои гилин мефурӯхт. Ин ҳам хумдон – танӯри вай. Инҳо бошад, пораҳои шикастаи бозичаҳояш... Аксаран ба «брак» мебаровард. Э, вай як ҳунарманд буд. Ҳатто барои кор ба корхонаи кошисозии шаҳр даъват карда буданд, лекин нарафт. «Чаро намеравед?», гӯям, бо фурӯтанӣ гуфта буд, ки хурдтараконии ҳамин ҷоро ҳам хурсанд карда гардам бас. Бечора, барои бозичаҳои худ пул намепурсид. Ҳар чӣ медодед, мегирифт. Боз, дуо ҳам мекард. Уф-ф... ҳамин одам зиндагӣ накард. Ба назарам, то ҳафтод расид, аммо рӯз надид...

– Бо ҳам қарин будед?

– Э, ба мисли падару писар! Ҳар гоҳ гузорам ба бозор меуфтод, дар паҳлуи ӯ ба рӯйи суфачааш нишаста, агар вақтам буд, як чойник чойро майда мекардем. Бечора хеле хурсанд мешуд, сараш ба осмон мерасид. Аҳёнан се-чор сӯм дар қати кӯрпачааш гузошта мерафтам, шумханд зада мемонд... Чунки рӯзашро бо нонҳои сахту пасмондаи чойхона мегузаронд, – Даврон беихтиёр хандид. – Боре чашмам ба лаълии наздаш афтид, ки он пур аз резаю тиккаҳои ҳар гуна нон буд: булкаю нони танӯрӣ, зағоранон, шаппотӣ... «Марҳамат, тақсир, – гуфта буд ӯ, – нон ҳам нону нонреза ҳам нон». Хӯрдам! Дар чой тар карда хӯрдам!

Ҳайкалтарош пурсид:

– Ӯ касе надошт? Симояш ба ман маъқул омад. Мисли ин ки вақти ҷон додан аз ӯ акс бардоштаанд.

Даврон нафаси амиқ кашида ба суханаш идома дод:

– Ҳа, инро суратгири милиса аксбардорӣ карда буд, аз экспертиза... – сипас пурсиши ҳайкалтарош ба хотираш омаду гуфт: – Ҳеч касаш набуд... Шукур, шумо бо ӯ ҳамсуҳбат нашудаед?

– Не. Фикр мекунам, ягон даҳ сол пеш ӯ пайдо шуда буд, бале?

– Ёздаҳ сол! – ким-чӣ хел бо оҳанги шод гуфт ширкатдори бойбача. – Таърихашро каму беш ба ман нақл кардааст...

– Хуб, чиҳо мегуфт?

– Аз диёри Туркистон омада буд, таҳаш хӯқандӣ! – аз чашмони Даврон ашк рехт. Сипас бо ҳаяҷоне, ки аз хурдсолиаш ба ман маълум аст, бо лакнат ба суханаш идома дод: – Э, худмухтории Хӯқанд дар асл худмухтории Туркистон будааст-а?! Он чӣ аз дарсҳои таърих дар ёдамон монда... Мегуфтанд, ҳаракатҳои зиддиинқилобӣ... Э, шумо аз он рӯйдодҳо бояд огоҳ бошед. Акнун ҳама чиз кушоду равшан шудааст!

Ман гуфтам:

– Рост, каму беш медонам... Линину Истолин, мон ки, ҳама доҳиёни булшевик мардуми Туркистонро фиреб додаанд. Азамат, ту ба таърих зиёд алоқа надорӣ, аммо бояд донӣ, ки пас аз воқеаи Уктубр эъломияи ҳукумати РСФСР бо номи «Мурожиатнома ба халқи Шарқ» эълон шуд. Дар он бо ҳарфҳое ба монанди каллаи хар навишта буданд: «Ҳар як мустамликаи собиқ ҳақ дорад аз таркиби Русия баромада давлати соҳибихтиёр таъсис диҳад», – ман саъй кардам ба ҳамроҳам, ки ғайр аз ҳайкалтарошӣ ба чизе алоқа надошт, ин маъниро шарҳ диҳам. – Дар ҷойи мо Туркистон анҷумани худро гузаронда, истиқлоли кишварро эълон мекунад. Ҳатто ҳайати давлатӣ таъйин мегардад. Бо мурури вақт доҳиён баҳонаҳо бофта овоза мекунанд: «Агар Туркистон мустақил шавад, сарубарги худро гум мекунад. Наметавонад давлатро идора намояд!» Чун ҳукумати Туркистон ин қарорро рад мекунад, пайи ҳам ба зиндон гирифтани аъзои давлат сар мешавад. Ҳар кӣ сар ба саломат мебурд, ба сӯйи Хӯқанд фирор мекард. Дарҳол ба он ҷо неруҳои артиши Сурх расида мераванд ва аҳолиро, ки бо дастёбӣ ба орзуҳои деринаи худ шод буданд, аз як сар қир мекунанд. Он замон Хӯқанд се рӯзи тамом дар оташи ҷанг месӯзад, даҳ ҳазор нафар қурбон мешаванд. Боқимонда ба кӯҳу кӯнок сар мегиранд, яъне ба «босмачӣ» – ҷонбозони ихтиёрӣ табдил мeёбанд. Иддае аз онҳо ба сар кафан кашида, шаҳрро тарк мекунанд, ба самтҳои Арабистони Саудӣ баромада мераванд.

Даврон, дар ҳоле ки даҳонбоз монда буд, ба сухан омад:

– Бале, бале! Бародарам Яссабой ҳам ба ин монанд суханҳоеро мегуфт. Он замон падари Яссабойака дувоздаҳ ё сенздаҳсола будааст. Модараш ба ӯ либоси духтарона пӯшонидааст...

Аз ӯ пурсидам:

– Худаш магар Яссабой ном дошт?

– Ҳа, дар Ясса зода шудааст, – Даврон каме хомӯш монда саволомез пурсид: – Давом диҳам?

– Албатта.

Ӯ бо авҷ ба нақлаш идома дод:

– Хӯ-ӯш, он шӯрпешонӣ аз ҳамон таърихҳо гап зада менишаст. Ду чашм ба роҳи истиқлол буд! Дақиқан ҳамин ҳам боиси аз роҳ баромадани вай шуд... Маро дуруст фаҳмед, дӯстам. Хароб шудани вай аз рӯзе оғоз ёфт, ки Гарбачов СССР-ро фурӯ пошид. Хурсанд шуда аз ҳад зиёд нӯшидааст... Зан-мардумро медонед... Дар хона ҷанҷол мехезад. Якдигарро фаҳмиданашон ҳамин қадар... Шукурҷон, ба шумо дурӯғу ба Худо рост, ӯ дар Маскав курсҳои адабиёти олиро хонда буд! Шоирӣ мекард, як-ду китобаш ҳам чоп шудааст. Ба бачаҳо шеър менавишт. Лекин, аз он пас китобҳояшро сӯзонда мепартояд.

– Барои чӣ?

– Ҳамин, гӯед ки, одами ба дин додашуда буд. Шумо ҳам дидаед ӯро... Хуллас, як рӯз дубора ба хона маст омада, хеле зарфу ҷогаҳи чинниро зада мешиканад. Баробари шикастан «озодӣ, озодӣ!» гӯён дод мезанад. Ҳамсараш ба милиса хабар дода, бо ду дасти адаб ӯро месупорад... Кор ба додгоҳ мегузарад. Ба Яссабойака се сол медиҳанд. Бо ҳукми вулни паселени (вольное поселение)[15] дар ҳамин ноҳияамон мемонад.

– А-ҳа, пас, бо ин сабаб муқими ин ҷо шудааст?

– Оре. Медонед, ки раиси кумитаи иҷроия Ғолибака одами хубе буд. Он кас Яссабойро шинохта, дар китобхона ба кор мегузорад. Як сол машғул мешавад ё не, раҳбари шуъбаи таблиғотии кумита... ҳамон Шарофатбону аз кор меронад. «Туремшик – касе, ки бо ин гуна статя маҳкум шудааст ба ҷавонон чиро ёд медиҳад?», гуфтааст ӯ, – Даврон даме нафас рост карда, аз сигори «Marlboro» як нахро дуд кард. – Аз он пас ба кулолӣ пардохт. Ин барояш касби меросӣ аз падар буд...

– Узр мехоҳам, пас ӯ ба диёри худ баргашта нарафт?

– Оре, оре! – саросемавор аз пайи нақл шуд корчаллон. – Баъд аз тамом шудани мӯҳлаташ дар ҳамин ҷо монд. Аз ҳамсараш даст кашид. Як духтар дошт, аз ӯ низ дилаш сард шуда буд... Медонед, занаш дар додгоҳ чӣ мегӯяд? «Ин мардак ман шоирам гуфта, ба хона як қирон пул намеоварад. Пинҳона мегардад. Мехӯрад...» Духтараш ҳам аз падари пири худ ҷонибдорӣ намекунад. Тарсидаанд, ки як рӯз ба сарашон бор мешавад. Нодорӣ одамро хароб мекардааст, дӯстам!

– Рост.

– Э-е, коре карда рӯзашро мегузаронд, – парешонхотир ба суханаш идома дод Даврон ва хаёломез афзуд: – Ана ҳамин гапҳо. Акнун ба воқеаи асосӣ гузарам?

Азамат гуфт:

– Ҳа, албатта!

Ман ҳам илова кардам:

– Гӯй, фақат ҳеч чизро пинҳон накун, Даврон. Одами аҷоиб будааст.

---

[15] **Вулни паселени** (вольное поселение) – *таъбири русӣ:* маҳкумии берун аз ҳабсхона

Ӯ гуфт:

– Уф-ф, мегӯям... Ҳар чӣ нависед ихтиёратон, ман ҳарфамро мезанам.

Даврон бо дилтангӣ дубора даъват кард, ки ба ширкат, ба зери дарахти арча равем. Ман бошам, мехостам фоҷиаи ба вуқуъ пайвастаро дар ҳамин муҳит шунавам. Аз ин хотир ёдрас кардам:

– Давронҷон, бубин ҳавои ин ҷо чӣ қадр сарди форам аст!

– Хуб, гуфтаи шумо шавад, арвоҳи худаш ҳам мешунавад... – гуфт ӯ ва ба қиссааш идома дод: – Ман ошхонаи марказиро харидам. Хушрӯ карда аз таъмир баровардам. Сипас, гӯед ки, лозим буд масъалаи «меню» – рӯйхати хӯрокҳоро ҳал кунам. Ноҳияамон дар лаби роҳ, ҳар рӯз садҳо мошин мегузарад. Роҳакиҳо наҳор мехӯранд. Аз ин рӯ, хӯрокамон мебоист ҳам хушмаза, ҳам арзон бошад. Фикр карда, ба ин қарор омадам, ки ришталағмон ба роҳ андозам. Ду ҷавонро ба Тошканд фиристодам. «Аз уйғурҳо меомӯзед, – гуфтам, – ин ҳам пул! Ин қадар ба устод медиҳед, ин қадар ҳам барои худатон. Нарасад, боз мепурсед».

Ду моҳ гузашту онҳо ришталағмонро ёд гирифта омаданд. Филфавр як эълон навишта ба девор часпонидем. Сипас бо нияти гирифтани дуои мардум ва хурсанд кардани пиронсолон зиёфат оростам. Э, як дусад нафарро даъват кардам. Ҳоким ҳам буд, начайлики милиса ҳам, раиси суду пиркурор[16] ҳам, овозхонҳо низ!.. Аз маҳаллаҳои атроф мӯйсафедонро хондам. Аз дӯкону сартарошхонаю бозорҳои пешу пасам – ҳар корманде, ки буд, гуфтам.

Нишаст давом мекард. Калонсолон дар қабати дуюм – дар айвон менишастанд. Дар поин, ҳатто дар саҳни хиёбон ҷой оростем. Хӯрокҳоро дар ҳавлӣ мепухтанд. Созандаҳо менавохтанд, овозхонҳо месароиданд. Он «ҷонвар» ҳам беист мерафт. Паси ҳам дар чойникҳо меомад...

Дар дили зиёфат, ҳамин ки бехаёл ба назди панҷараи айвон рафта ба поин назар афкандам, чашмам ба Яссабойака уфтод. Ба тан яктаҳи сапед, ба сар ҳам тоқии сапеди арабиашро пӯшида бо шаст меомад. Дарҳол ба хотирам зад: ҳамин одам, ба гумонам, ногуфта монда буд-о? Яке аз додаронро садо зада пурсидам:

– Ба Яссабойака ҳам хабар шуда буд?

Ӯ гуфт:

– Худам пайғом додам-а, акаҷон, бовар накунед пурсед аз он кас.

– Рав, гӯй, ки дар косаи калони чиннӣ лағмон диҳанд. Не, худат бурда деҳ. «Хуш омадед», гӯй. Мӯйсафедро хурсанд кун. Ӯ инсоне чун фаришта аст.

Дӯстам, ӯ дар ҳақиқат ҳамин хел инсон буд! Доиман поку покиза мегашт. Панҷ вақт намозро канда намекард. Тавре ки гуфтам, ба рӯйи суфачаи назди дарвоза менишасту ба ҳама равуокунандагон салом медод. Яке алейк мегуфт, дигаре не. Ӯ парвое надошт. Эҳ, дар наздаш як сандуқчаи чӯбин меистод. Ба рӯйи сандуқча бозичаҳояшро дармечид... Агар донед, бозор ду дарвоза дорад. Яке аз самти офтоббаро, дигаре дар самти офтобнишин. Дар айёми баҳору тирамоҳ, вақте ки ҳаво боронӣ мешуд, мӯйсафед ҷойи худро иваз мекард. То пешин дар тарафи офтоббаро ва сипас то бегоҳ дар самти ғуруб менишаст.

---

[16] **Пиркурор** – *лаҳҷ.* прокурор, додситон

Гоҳе бо мутолиаи китобҳои куҳна машғул мешуд. Ӯ ба хати арабӣ ворид буд, охир! Ногуфта намонад, қазоқиро медонист, қирғизию туркманиро ҳам. Забони русиро бошад, об карда хӯрда буд... Хеле савод дошт!

Азамат бесаброна пурсид:

– Хуб, аз додарат гӯй, лағмонро бурда дод, ниҳоят?

Маълум буд, ки Даврон мехост ҳарчи беш дар бораи мӯйсафед нақл кунад. Гӯё худ ба худ суҳбат мекард, гоҳе андешаманду андӯҳгин монда, риштаи суханро ба сӯйи дигар мекашид ва боз ба асли мақсуд меомад. Корчаллон аз нав ба ҳаяҷон омада, ба суханаш идома дод:

– Ҳа-ҳа, лағмонро бурда монд! Аз айвон нигоҳ мекардам. Мӯйсафед дасташро ба фотиҳа бардошта дурудароз дуо хонд. Ҳамсолонаш, ки дар гирди чаҳорпоя менишастанд, ҳамчунин даст ба дуо бардоштанд. Бояд гӯям, ки ба ин мӯйсафед ҳатто пиронсолони серҷоғу бадгӯйи ноҳия эҳтиром мегузоштанд, имоми масҷид ҳам. Ҳамаро ба ҳангома ҷалб мекард... Дарвоқеъ, ногуфта намонад, ӯ вақтҳои охир худро «Дарвеш»-гӯён ном мебурд. Пурсидам, «ин чӣ маънӣ дорад?», ҷавоб дода буд, «дарвеш» он нест, ки «ё Аллоҳу ё олло!» гуфта, либоси ҷанда пӯшида гардад. Дарвешӣ як зина дар одоби сулук аст, ба касони сӯфимаобе гуфта мешавад, ки дар роҳи тариқат саъй мекунанд... Бо баҳонаи суҳбатҳои ширини Яссабойака ин дӯстатон ҳам аз дину сӯфигӣ хеле чизро ёд гирифтааст.

Ман пурсидам:

– Аз кай боз ӯ ба ин роҳ даромада буд?

Даврон дар ҷавоб дармонда изҳор кард:

– Ба ростӣ, намедонам, дӯстам, ба гумонам, пас аз рафтани зану фарзандаш. Аз онҳо дилаш хунук шуда, ба Худо рӯй оварда буд. Мегӯянд, дар Ясса низ ба олами руҳонӣ таваҷҷуҳ дошт. Оромгоҳи Аҳмади Яссавиро ҳафт бор зиёрат кардааст! Ӯ марди тақводор буд... Одамон ӯро бо ин сифат мешинохтанд. Достони маҳбусиашро одами кам медонист. Шоир шуда... наход шумо надонед?

– Намедонам. Ростӣ, китобҳояшро барои чӣ сӯхтааст? Гуфтӣ, ба дин дода шуда буд, фақат ҳамин?

– Оре, ҳамин. Ӯ мегуфт, «ғайр аз Қуръон китобе нест». Бар замми ин, ҳадисҳоро мехонд, лекин... – Даврон сар ҷунбонда хандид: – рӯзномаҳоро низ аз мадди назар мегузаронд...

– Хеле аҷиб. Давомашро нақл кун.

– Ҳамин тавр, дақиқан ҳамон лаҳзае, ки қошуқро ба косаи лағмон мебурд, ҳеч аз ёдам намеравад! Ана дар ҳамон ҳолат, – овози Даврон берабт баромад, – ман, хок бар сарам, боз як бор хостам ба мӯйсафед нағзӣ кунам. Баландгӯро аз сепояи наздам гирифтаму бо овози баланд ба меҳмонон рӯ овардам: «Ҳой, халоиқ! Ҳамшаҳриён! – ширакайф будам, ҳама ба сӯйи ман дида дӯхтанд, ба Худо рост, раҳгузарони кӯча ҳам. – Аз имрӯз муқаддам барои Яссабойака ҳар рӯз як коса лағмон бепул дода мешавад! Ошпазҳо, нашунидам нагӯед! Ҳар гоҳ эшон ташриф биёранд, лағмон омода бошад!» Сипас, ба поин хам шуда бо садои шунаво гуфтам: «Шумо хурсанд ҳастед, бобо?»

Баданам бичиррос зада рафт, бо шигифт пурсидам:

– Ҳамин тавр гуфтӣ?

Даврон гарангу гиҷ ба суханаш идома дод:

– Ҳа. Шояд ҳамин гапам хато буд... А, Шукур, ту чӣ мегӯйӣ, сухани беҷо задаам?

– Хуб, баъд чӣ шуд?

– Баъд... – гӯё маҷоли тану ҷонаш мерафт, Даврон бо нигоҳи андӯҳгин ба ман рӯ оварда гуфт: – Баъд мӯйсафеди бечора қошуқашро дар коса монду ба дастархон фотиҳа хонд. Ин ҳаракатҳояшро бо чашми худ медидам! Ҳамраҳони бағалдасташ ба ӯ ким-чиҳоеро мефаҳмонданд. Яссабойака даст ба рӯйи сина гузошта, аз чорпоя фуромад. Медонед, сахт ба ҳаяҷон омада будам. Дубора, «Ҳӯй, Яссабойака, ба куҷо?», гуфта овоз баровардам. Ӯ ба самти ман рӯ оварда таъзим кард ва ба назарам, бо маънии «шикамам сер шуд» ҳаракате нишон доду аз пули хурдак гузашта баромада рафт. Бори дигар садо доданамро медонам, тамоми баданам суст шуд. Ҳама ба ман нигоҳ мекарданд, замин намекафид, ки даромада равам! Чӣ гӯям, охир, ӯ хӯроки маро нахӯрда рафта буд! – ин ҷо Даврон сурху сафед шуда, бо зӯр ба шарҳи ҳол гузашт. – Ман... Агар дар ноҳия дуто миллионер бошанд, якеаш ман ҳастам, дӯстам. Ҷойи пинҳон кардан нест. Банда як сарватмандам, вассалом... Дуздӣ накардаам, мафиоз[17] ҳам нестам. Корам миёнаҳол. Чӣ мегуфтам, аз падари раҳматиам панҷоҳ-шаст сар чорвои майда монда буд. Каме пул ҳам... Ҳамин, инҳоро аз худаш пур карда-пур карда гаштам ва... Омад низ ба ман ёр шуд. Ҳоким аз хешовандонам, сарвари милиса – дӯсти ҷониам. Мумсик нестам...

– Медонам, Даврон.

– Ҳамин тавр, ба ҳоли ногувор уфтодам, шарманда шудам. Дигар аз гулуям чизе нагузашт. Ба таҳхона фуромада, як шиша арақро холӣ кардам. Сипас ба хонаи кориам даромада, бехабар аз худ, ба хоб рафтаам. Вақте ки ҳушёр шудам, дидам, дер шудааст, меҳмонон ҳама рафта буданд. Сардарди шадид гирифтам...

– Сипас ба манзили мӯйсафед рафтӣ?

– Оре, – базӯр гуфт ӯ ва нафаси амиқ кашид. – Дар оғоз рафтан нахостам. Заҳри алам маро буғӣ мекард! Даври ман гузашт, обрӯям рехт. Баъзеҳо ба ҳолам механдиданд... Оре, дар назди ҳама хандахариш шудам! Обрӯи Дарвеш бошад, меафзуд. Тавба! Чӣ шуду чӣ монд, аслан сар дарнаовардам...

Пас аз чанд гоҳе ҳавосамро ҷамъ карда, ба тамошои бозор баромадам. Дар назди дарвоза набуд. Ба дохил даромадам. Аз дарвозаи дигар баромада бо тангкӯчаҳо ба Ҷугутгузар расидам. Ҳавлии ӯ майда буд. Дар боғчааш ҳамеша ҷуворимаккаю картошка мекошт. Нозбӯй ҳам. Пушти он партовгоҳ буд. Аз он ҷо ҳар чизи ба дасташ омада, аз қабили пояҳои зангзадаи каравот, милгирд, тунукаҳои куҳна – ҳамаро ба ҳам баста, ба мисли девор пушти хонаашро баста буд. Ба он ҷо рафта, як гӯшаи деворро боз кардаму оҳиста ба дохил по гузоштам...

Азамат савол дод:

---

[17] **Мафиоз** – *гуфтугӯйӣ:* қонуншикан, узви дастаи ҷинояткорон

– Дар хона будааст?

Даврон хастаю беҳол сар ҷунбонд.

– Оре, дар як карсон гил меомехт, – гуфт ӯ. – Бо сари хам аз дараш даромадам. Эҳ, мо ҳар гоҳ ҳамдигарро медидем, бо хандаю ҳазлу шӯхӣ вохӯрӣ мекардем. Бо ҳамон ҳиссиёт овоз баровардам: «Салом, бобои кулол». Дар ҷойи нишаст давр зада, гӯё дасташро ба сари сина мебурд, «хуш омадед, Давронбек, марҳамат, гузаред-чи», гуфт ӯ, кати ба девор часпидаро нишон дода. Нишастам. Ба назарам хона торик намуд. Дарҳол дилтанг шудам. Сақфи хона паст буд, агар рост мехестам, сарам ба шифт мерасид. Фақат ҳамин суханҳоро ба ҳамдигар гуфтем. На дар чеҳрааш, на дар овозаш шӯхию самимияти қаблӣ ҳис мешуд. Хунук пурсупос намуд, танҳо ба нишастан муроот карду бас.

– Баъд чӣ, ба берун баромадед?

– Оре, «биёед, ба ҳавои тоза бароем, гап ҳаст», гуфта, аввал худам аз хона хориҷ шудам ва ба рӯйи хараки дастсохте нишастам. Афсӯс мехӯрдам, ки чаро дар бағал арақ наовардам. Як пиёла шароби хӯрдаам дигар таъсире надошт. Мӯйсафед баромад, аз айвонак гузашта дастҳояшро шуст. Дар ҳамон ҷо чароғеро, ки болотар аз дег шинонида буд, равшан кард. Ин чароғ аз дасти бачаҳои шум, ки ҳамеша дар кӯча мегаштанд, бо ҳоли табоҳ менамуд. Ҳа, дар ин тангкӯча бештар бачаҳои бетарбияту муътоду қиморбоз доди ишрат мезаданд. Чордевориҳояш зиёд буд... Яссабобо бошад, худро аз онҳо канор намегирифт, ҳарчанд ба давраҳояшон намедаромад, ҳар кадомеро медид, салом медод, табассум мекард ва ҳатман ягон сухани ҳазломез мегуфт. Эҳ, як одами аҷибе буд!

Ниҳоят, ба наздам омаду ба рӯйи як кундаи пастак нишаст. Аз рӯ ба рӯямон бӯйи хуши нозбӯй ба машом мезад. Маккоиҳои қадафрохта низ хеле хуб ба чашм мехӯрданд. «Кайф кайфи ҳамин кас», меандешидам дар худ, коре бо бизнес надорад... Чаро ин гапро мегӯям, Шукурҷон, одами пулдор тарсу ҳам мешудааст. Мояву бисоташро фикр мекунад кас... Ғайр аз ин, бизнес коре будааст, ки агар ту рақибатро шикаст надиҳӣ, ӯ туро мешиканад. Бойбачаҳоеро дидаам, ки ҳатто бародарони худро афтондаанд! Кори бизнес раҳму шафқатро намеписандад... Гуфтаниам, ки ба ин соҳа сар халонда, ман ҳам чанд касро варшикаст кардаам. Шояд аз дасти ман ба дод омада, гиря ҳам кардаанд. Онҳо низ бачаю кача доранд, барояшон ҷабр... Ин ҳам гуноҳ, дӯстам! Бо ин ҳол, бозаргонӣ кардани паёмбарамонро дар худ тасаввур карда таскин меёбем, аз ин роҳ он кас ба сарвати Ҳазрати Хадича сарват илова кардаанд... Мӯйсафед бошад, фориғ аз ин гуна дардҳо мегашт. Мисли занони бесару саробон худаш хону табъаш вазир буд...

– Лекин бозичаҳоро хеле хуб месохт, бале?

– Э, напурсед! Хоҳишан иҷозат диҳед, як сиррашро гӯям... Ин бозичаро бубинед – як булбулча аз дастсохтҳои ӯ. Рангаш бо асл мехонад: хокистарӣ, думаш ҳам малла. Ба он аз болояш, ки сӯрох дорад, об мерезед. Сипас аз зери думаш пуф мекунед. Садои ҳуштак чӣ хел мебарояд ба назаратон? Садои маъмулӣ? Маълум, ки надидаед, дӯстам. Овозе ба монанди садои булбул

дармеояд. Агар зарғилдоқ сохта бошад, садои ҳамон мебарояд. Аз чумчуқ садои чумчуқ... Эҳ, ин чӣ ҳунаре аст-а?

– Ман ҳам бори аввал мешунавам.

Азамат пурсид:

– Одам намесохт?

– Не. Ҳеч надидаам. Вале гузорам афтида буд, ки дар тоқчаи хонааш як ҳайкалаке ба монанди бути Буддо меистод...

– О-о!

– Вақте ки аз ӯ пурсидам, «худатон инро дуруст кардед? Сари дилаш ин қадар паҳн?», ӯ изҳор карда буд, ки ҳангоми кандани соҳили зардхоки Гӯрдара, яъне аз ҳамин ҷо баромада будааст... Ҳа, Азаматҷон, бо завқ мепурсӣ, худаш чӣ гап?

– Охир, он гуна ҳайкалчаҳо ашёи ноёбанд! Эҳтимол дорад дар асрҳои аввали эраи мо сохта шуда бошад. Дар асл, таърихи ҳайкалсозӣ ба ҳамон асрҳо таалluқ дорад.

– Ҳа-а! Нишона аз шуғли кулолӣ...

– Дар ҳақиқат, аз пешаҳои қадим аст... Бубахш, давоми нақлатро гӯй. Дукаса нишаста будед...

– Ман гуфтам: «Ин чӣ кори кардаатон, Яссабойака?» «Чӣ кардаам?», ҷавоб дод ӯ бо хотирҷамъӣ. Бубинед, гӯё ҳеч воқеае нашудааст. «Маро расво кардед-у! – бо оҳанги норизо гуфтам ман. – Чаро лағмонро нахӯрдед? Садо задам, нигоҳ ҳам накардед, чӣ шуд ба шумо? Чӣ, он суханам маъқул наомад бароятон?» Яссабойака озурдахотир шонаҳояшро ба дарун кашид. «Намедонам. Майли хӯрдан надоштам», гуфт ӯ. «Не, шумо ҳама чизро медонед, инсони ҳамадон ҳастед, ака! Гӯед, ё касе фармуд, ки ин гуна амал кунед?», арз кардам ман. Мӯйсафед ба ман ду чашм монда, гиребонашро дошт ва гуфт: «Дар он боло Худо ҳаст, кӣ метавонад маро бар зидди шумо шӯронад, Давронбек? Ба мисли падару писар будани моро ҳар як муъмин медонад. Дигар, ман чӣ касе ҳастам, ки бар зидди шумо сар боло кунам? Ҳаргиз ба ин гуна гумонҳо наравед, додарам. Гумон аз имон ҷудо мекунад». «Хуб ҳарфе задед, – ба арзам идома додам ман, – лекин, барои чӣ акнун намехоҳед сабаби он амали худро бигӯед? Пас, чӣ хел бовар кунам, ба гумонбар шудан ҳақ надорам?» «Ман ба ин саволи шумо ҷавоб намедиҳам, – гуфт мӯйсафед ба замин чашм дӯхта, – ҳамон дам дилам нашуд он таомро бихӯрам. Худо худаш бубахшад. Сабабашро равшан баён карда наметавонам... Суханҳои бо садои баланд гуфтаи шуморо шунидаму тамоми вуҷудам ях зад, маҷолам намонд, иштиҳоям баста шуд. Ҳис кардам, ки дигар як лаҳза ҳам дар он ҷо монда наметавонам. Аз ин рӯ, хеста рафтам». «Тавба, чӣ ҷойи бадӣ дошт он гуфтаҳои ман? – дигар ба оҳистагӣ асабонӣ мешудам. – Ман танҳо мехостам ба шумо нағзӣ кунам, Яссабойака. Медонед... Агар бовар кунед, пас аз ҳамон суханам дар айвони боло ҳама кафкӯбӣ карданд». Оре, дӯстам, чапакзанӣ шуд, аз ҳар сӯ ба гӯшам нидоҳои «қоил, офарин»-гӯйиҳо меомад. Худатон як фикр кунед, ба он гуна ҷоҳо кам андар кам одамон ба хӯрокхӯрӣ мерафтанд!

Ба Даврон гуфтам:

– Рост мегӯйӣ?

– Ман бо ин амали худ барои он мӯйсафед як дастмузди комилро таъйин карда будам! Як моҳ – сӣ рӯз. Сӣ зарби панҷоҳ чанд мешавад? Як ҳазору панҷсад сӯм... Бар замми ин, ваъда дода будам: «То замоне, ки банда ба ин ошхона сарвар ҳастам, дарамон барои шумо боз аст! Ҳар гоҳ хостед ташриф биёред!» Оре, чунин ҳам гуфта будам, вале дар хонааш ин сухан ба хотирам наомадааст.

– Хуб, сипас ҳангомаатон бо чӣ хотима ёфт?

Даврон китф дарҳам кашида ба нақлаш идома дод:

– Тамоми суҳбатамон дар ёдам нест. Ҳа, «агар аз тарафи ман беодобие гузашта бошад, маро бубахшед, – гуфтам ман, – аз фардо ба тановули лағмонатон гузаред. Агар вақти нисфирӯз мегузаштед беҳтар мешуд, одамон медиданд...»

– Чаро ин тавр гуфтӣ?

– Охир, дар акси ҳол хеле бад мешуд, дӯстам, ба пристижи ошхона ҳам латма мезад. Хуллас, мӯйсафед барои хеста рафтан ягон баҳона кофта ёфтанаш мумкин буд...

– Хуб, ҳамин суханатро ҳам гуфтӣ?

– Оре, ба гумонам фаҳмонидам... ҳа, ёдрас карда будам! «Мо мисли падару писар ҳастем. Бегонаҳо нахананданд», гуфтам.

– Ӯ қабул кард?

– Ҳмм, мӯйсафеди якрав... Ҷавоб дод, ки «мо ҳамеша чун падару писар боқӣ мемонем, аммо наметавонам аз хӯрокатон бихӯрам». Ҳамин тавр гуфт. «Намехӯред ё хӯрда наметавонед?», пурсидам аз ӯ. Мӯйсафед сари дил хорида гуфт: «Намегузарад. Чизе дар гулуям гиреҳ хӯрдааст, додар». Ман бо ҳайрат ба ӯ нигоҳ карда мондам: оё чунин ҳам шуданаш мумкин аст? Худаш як фақиру бечора бошад, мехӯрдагиаш фақат картошкаю ҷуворӣ... Ҳа, баъзан ба худоию маъракаҳо ҳам рафта меистод.

– Ниҳоят...

– Ман баромада рафтам. Уф, боз роҳи ошхонаро пеш гирифтам. Дилу ҷигарам гӯё месӯхт. Дарвеш шуда гапи маро гардонд-а! Ман дигар чӣ касе ҳастам? Пас, дигарон ҳам метавонанд маро пушти по зананд. Маълум, ки танҳо ба хотири пулам эҳтиром мегузоранд. Ин мӯйсафед бошад... пулро аз ёд бароварда буд, Дарвеши дарюза[18]!

– Дарюза?

– Бубахшед, аз даҳонам ногоҳ баромад... Аввалҳо нонҳои сахту зиёдатии чойхонаро одамон ба молҳояшон медодаанд, баъдан ин мол... Уф! Аз худ меравам, Шукурҷон! Ба берун мебароем! Аз гуфтани ин саргузаштҳо чӣ суд, намефаҳмам. Хуб, ҳамин ҳикояро ба охир расонам. Ту, додар, аз рӯйи сурати дастат шаклу шамоили ӯро ба сатҳи девор бикаш. Чӣ қадар вақтатон меравад, бароям муҳим нест... Ман шуморо розӣ мекунам. Шашто якуним хонагӣ котеҷ дорам. Сетояш банд. Дутояшро барои ҳар дуятон медиҳам. Ғизои хостаатон ҳозир мешавад... Шукурҷон – қадрдони ман. Чун шунидам ба шаҳр омадааст,

---

[18] **Дарюза** – фақир, тиҳидаст; гадо

рафтам. Донистам, ки бо ту омада, хурсанд шудам, нафаси озод кашидам. Воқеан, ба касе даст додагӣ шудам, ки орзуҳоямро ба рӯйи об мебарорад. Толеам нек будааст.

Азамат дар миёни сухан давид:

– Не, бародар, барои сохтани ҳайкал низ донистани он одам зарур аст, ӯро бояд омӯхт. Ҷиҳатҳои хоси он касро бояд ҳис кард...

– То ҳол ҳис накардаӣ?

– Не. Ман бояд асли ин воқеаро дарк кунам... Худат магар нагуфтӣ, ки ҳар чӣ ҳаст нақл мекунам? Мӯйсафед вафот кардааст. Э, вайро куштаанд...

Даврон бо ранги парида сар ҷунбонд:

– Ҳа, ҳа, дар ҳамин ҷо, дар рӯйи ана ҳамин суфа ба сараш зада тамом кардаанд. Фарқи сари ӯ, яъне гирдакаш ҳатто сахт нашуда будааст... Чӣ мегӯйӣ, ин хел ҳам мешудааст... Соф ба ҳамон ҷо задаанд, каб-кабуд менамуд.

Азамат ба ҳаяҷон омад:

– Пас, касе ин корро карда, ки ӯро медонист? Яъне гуфтаниам, агар дар ин ҷо ҷон дода бошад... Ин заминҳо, ин дара ҳам ба ширкати шумоҳо менигарад, бале?

Даврон гуфт:

– Ҳа, ҳа, албатта! Ин макон, дақиқан ҳамин ғорро дар оянда ба маҳалли тамошои туристҳо табдил медиҳам. Ғори антиқа аст! Шумо танҳо ҳамин як гӯшаашро мебинед. Ин аз замонҳои ибтидоӣ мондааст...

Ман дар миёни таърифи ӯ давидам:

– Даврон, нақли худро давом деҳ. Аз сигорат барор, аз они ман тамом шуд... Раҳмат.

– Бубахшед, гӯям ягон чиз биёранд?.. Аз вафоти мӯйсафед ҳам се моҳ гузашт...

Гуфтам:

– Баъдан, дар зери арча менишинем. Ман ҳам кӯҳро ёд кардам. Пештар ду бор ба ин ғор даромада будам.

– Медонам, ба ман аз ин хусус гуфта будед... Нахустин кабки паррондаатон ба поин, ба ҷар афтида буд-а? Оре, ҳамин тавр. Аз дунболи он рафта, тавба, дар ҳамин ҷойи кушод ба сӯрохӣ даромада будед. Рост мегӯям?

– Ҳмм, пас, ҳамон вақт ин ҷоро низ зери чашм карда будӣ?

Даврон каме бо заҳрханд ҷавоб дод:

– Ин ҳам як сирри бизнес.

Сипас як он рӯяшро турш карда, ба об дида андӯхта монд...

## АСАД АСИЛ
## (1941)



*Асад Асил 14-уми июли соли 1941 дар деҳаи Хондайлиқи ноҳияи Бӯстонлиқи вилояти Тошканд ба дунё меояд.*

*Адиб дар ду донишгоҳ таҳсилоти олӣ мегирад: соли 1966 факултаи педагогикаи Донишкадаи омӯзгории Тошканд ва соли 1972 факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Тошкандро хатм мекунад.*

*Дар оғоз фаъолияти кории Асад Асил дар идораи рӯзномаҳои ноҳиявии Бӯстонлиқ ва Қибрай ва дертар дар редаксияи маҷаллаҳои «Шарқ юлдузи» ва «Гулистон» сурат мегирад.*

*Пайи ҳам маҷмуаи ҳикояҳои адиб бо номҳои «Лочин» (1982), «Меҳр» (1984), «Хурсандӣ» (1987), қисса ва ҳикояҳояш таҳти унвони «Кӯҳистониён» (1992), романи таърихию бадеӣ ва публитсистии «Чароғи ман, ман Сидқӣ ҳастаму Хандақлиқӣ!» (2008), маҷмуаи ҳикояҳои воқеӣ ва эссеҳо бо номи «Алқор, чаро чашмонат пур аз ашк...» (2011), китоби «Сироҷиддин Махдум – Сидқии Хандақлиқӣ» (2019), китоби шарҳиҳолии «Парвоз» (2021) ба чоп расидаанд. Ҷойи зикр аст, ки адиб қариб сӣ соли умри хешро ба омӯзишу таҳқиқи ҳаёт ва осори маорифпарвари фидоӣ ва адиб Сидқии Хандақлиқӣ бахшидааст.*

*Асад Асил узви Иттиҳодияи журналистон ва Иттиҳодияи нависандагони Ҷумҳурии Ӯзбекистон мебошад.*

# ПАҲЛАВОНИ ХИРСАФКАН

*(ҳикоя)*

Агар гӯед синни Қундузтағо ба миёнаҳои ҳаштоду навад расидааст, ҳеч кас бовар намекунад. Ҳарчанд қадди боло дорад, устухонҳояш сабук аст. Ҳеч дар як ҷо қарор намегирад, бе машаққат дар ҷару доманаҳои кӯҳӣ давида мегардад, ҳатто ба харсангу қуллаҳои баланд осон баромада мефурояд. Дар чиллаи тобистон хоки кӯчаҳои хокбодиро ба осмон бардошта, бо пойи урён гаштанаш гаштан. Ҳар гоҳ касе ба ӯ ақл шуда гӯяд: «Ҷони азизатонро чаро ин қадр азоб медиҳед? Сари набераҳоятонро навозиш карда роҳат хоб равед намешавад?», ҷавобаш яктост: «Гарчи чашмонатро эҳтиёт кунӣ, хор мехалад. Роҳ нагардӣ ин пойи беғам танбал шуда мемонад, дар охир аз кор меафтад. Ана, пас аз он на фақат ба дигарон, ҳатто ба бачаҳои худат намефорӣ, аз он то замоне, ки тавон дорад, кор мекашию бас».

Аҷаб поҳое дорад тағо! Изҳое, ки аз он дар роҳи хокӣ мемонад, аз пайи бузургтарин ҳайвон – хирси азимҷусса ҳам яку ним-ду баробар калонтар аст. Ба ин нигоҳ карда, қадду бастро худатон тасаввур кунед...

Ҳангоми сохтани клуби деҳаамон ба похсаи даҳум танҳо тағо лой дода буд! Оре, одам бисёр, аммо ба похсаи даҳум кулочи касе намерасид.

Ин одами қадбаланд феълу хӯйи аҷиб дорад: шоду беғубор, содаву самимӣ. Дуртар аз қисми болоии деҳаамон дар соҳили рӯд хонае бо соботаш ба чашм мехӯрад. Қундузтағо дар ҳамон кулба бо ҳамсараш, ки қариб ҳамсинну соли худаш аст, умр ба сар мебарад. Норимҷон-оча ба мисли мӯйсафеди худ боғайрат, заҳматкаш ва барҳақ, зани ситорагарме аст. Ҳар гуна кори ҳавлии васеъро дасттанҳо сариштаю саранҷом мекунад, доим гарду доғи уфтодаро тоза карда, ҳама ҷоро йилдиррос занонда, мунтазири шавҳар менишинад. Қундузтағо бошад, намехоҳад аз кӯча рост даромада ояд, бекора гаштанро дӯст медорад. Азбаски фарзандону набераю абераҳояш ба чор тарафи деҳа паҳн шудаанд, ҳар рӯз агар саре ба хонаҳояшон назанад хотираш ҷамъ намешавад. Ҳар гоҳ касе ба ҳашар гӯяд, саҳарии барвақт ба он ҷо меравад. Чун марди сахиву наҷибе аст, одамон ӯро тағо гуфта садо мезананд. Ҳатто, «ин кас барои тамоми диёрамон тағо ҳастанд» гӯён таъриф мекунанд. Гоҳан ҳангоми баргаштан ба хона, дар маркази гузарамон то дервақт бо мо мемонад. Агар бипурсем, ки «оча танҳо худашон наметарсанд?», бо садои марғуладори худ шумханд зада мегӯяд: «Чароғакои ман, ин момоятон тирандозест, ки гунҷишка аз чашмаш мезанад!»

Ҳар яки мо ба бобо бо ҳавас менигарем, ба суҳбат мекашем, аҳёнан шӯхиҳо низ мекунем. Ҳар гоҳ ба дер монда, аз наздамон бо шитоб гузашта равад, ҳама баробар салом медиҳем: «Ассалому алайкум, Қундузтағо!» Наистода дарҳол ҷавоб медиҳад: «Ваалайкум ассалом, чароғакоям!» То

замоне, ки ин инсони биҳиштӣ аз назарҳо ғоиб шуда ба кулбаи кӯҳиаш мерасад, мо бо як садо саломдиҳиро қатъ накарда мунтазири ҷавоб мемонем. Аз дур садое кам-кам ба гӯш мерасад: «Ваалайкум ассалом, чароғакоям!..»

Нақл мекунанд, Қундузтағо дар айёми ҷавонӣ чанд бор бо хирсҳо «даст ба гиребон» шудааст. Ҳангоми даври ҳам нишастан, бобоямон бештар бо бачаҳо ҳамсуҳбат мешавад, ҳар яки моро бо мароқ гӯш мекунад, баъзан бо хушҳолӣ моро ба сӯйи худ хонда дастафшонӣ мекунад, нишастамонро сафо мебахшад. Мо низ ӯро ба сухан кашида мегӯем: «Тағоҷон, акнун навбати шумо! – ва мепурсем:

– Бачаҳои хирсро чӣ гуна наҷот додаед?

– Об-бо, чароғакоям-е, инро аз кӣ шунидед?

– Аз ин рӯ, аз он рӯ камубеш шунидаем, илтимос, худатон ба тафсил нақл кунед!

Аз хоҳиши мо ночор монда, бобо ҳикояташро оғоз мекунад:

– Тирамоҳ буд, вақти ба ҳосил расидани замин. Дар арчазори дурдаст, дар ковокии як арчаи пир барои худам кандуи асал доштам. Ҳар сол баромада, як-ду сатл асал гирифта бармегаштам. Бояд гӯям, ки ҳар гоҳ баҳор мерасид, ҳатман аз он хабар мегирифтам. Агар ғизои занбӯрҳо кам буд, барояшон ғизо медодам. Чароғакоям, охир онҳо як бор не, ҳар сол лозиманд ба ман, рост мегӯям?

Бобо аз мо ҷавоби мусбат шунида ба нақлаш идома медиҳад:

– Боре ба арчазор наздик шуда шунидам, ки аз ҷониби хонаи занбӯрҳои асал овози шунавои «тақ-тақ» меояд. «Оббо, касе бо мақсади гирифтани асал зоҳиран дарахтро мебурад...» – аз хаёл гузарондам ман ва ба қадаммониам афзудам. Наздиктар рафта бинам, ҳамон модахирси бузургҷуссае, ки аз ман ба хубӣ торсакӣ хӯрда буд. Вай ба рӯйи шохи ғафсе, ки дар он кандуи занбӯри асал қарор дошт, нишаста, бо санге сахт-сахт ба танаи арча мезад. Мақсадаш аён буд: шохаи алоҳидаро ду тақсим карда асалро бардоштан! Бо овози баланд дод задам: «Ҳой бадбахт, бачаҳоят дар куҷоянд?!» Хирс маро диду шинохт. Охир, як бор ба хотири амали ноҷӯяаш мушт хӯрда буд! Хулласи калом, он замон сангро дур партофта фирор кард. Боре дида будам, ки вай бо ду бачааш аз зимистон баромада, онҳоро аз дунбол мебурд. Дар худ гуфтам: «Ба назар мерасад ин нодон бачаҳояшро қабл аз муҳлат ҷудо кардааст». Чун наздиктар рафтам, дар зери партгоҳ ду хирсак ҳунг-ҳунг гиря карда менишастанд. Садояшон гиряи бачаи одамро ба хотир меовард. Оби биниҳояшон равон мешуд, бо даст ба фуку башараҳояшон молида паҳн мекарданд. Каме дам гирифта дубора хазида ба боло баромаданӣ мешуданд, вале аз нав ба поин меуфтоданд ва боз ба гиря медаромаданд.

Дар ҷудо кардани бача хирсҳо одати хос доранд: як теппаи хатарнокро баргузида худашон баромада мераванд, бачаҳо бошанд, дар зери партгоҳ мемонанд. Аз он пас хирсбачаҳо зӯр зада бо азоб ба боло мебароянд ва сипас мустақилона роҳи худро меёбанд. Он хирсбачаҳо ҳанӯз хурд буданд, имкон дошт ба боло набаромада аз гуруснагӣ мурда раванд. Рафта ҳар дуро бардоштам ва бо навбат баровардам. Ногоҳ чашмам уфтод, ки модари

хирсбачаҳо мӯла барин дар раъси кӯҳ истодааст. Муштамро гиреҳ карда бо нафрат ба сӯяш афшондам. Рӯзи дигар ба арчазор баромада, қасдан онҳоро зери мушоҳида гирифтам. Чун дидам бачаҳояшро аз дунболи худ мебарад, нафаси роҳат кашидам ва дубора бо занбӯрҳои асал машғул шудам...

– Барои чӣ ба гӯшпонаи ҳамон хирс торсакӣ фуроварда будед?

– Як рӯз занбӯрпарварони деҳа шикоят оварданд, ки шабҳо хирси боҳайбате омада кандуҳои асалро шикаста, асалро хӯрда мерафтааст. Онҳо хоҳиш карданд, ки барояшон кумак кунам ва тавре ёрӣ расонам, ки хирс ҷароҳатнок нашавад. Шаби маҳтобӣ. Ғафстар пӯшида, дар хаймаи бағали кандуҳои занбӯр ду чашм ба роҳ нишаста мондам. Намедонам чӣ қадр замон гузашт, ҳамин ки хоб зӯрӣ мекард, ногаҳон аз шарфаи по бедор шудам. Оҳиста дарро боз кардам, хирси бузургҷуссае иҳҳасзанон кандуи занбӯрҳои асалро бардошта ба самти партгоҳи кӯҳӣ мерафт. Ҳар гоҳ вай қуттиро аз боло ба зер афканда, асалашро хӯрда мерафтааст. Хирс аз садои дар хӯсиду ба пушти қуттӣ гузашт ва ҳаракатҳое барои пинҳон шудан кард. Хам шуда, сари дузону гаваккашон ба сӯяш рафтам ва наздик шуда яке сари по хестам. Дар ҳамин лаҳза хирс ҳам сар боло кард. Ҳар ду дар зери моҳи ширгун рӯ ба рӯйи ҳам қарор гирифтем. Аввал хирс ҳаракате кард, ки ба ман зарба занад, аммо ман ҳушёрона муште сахт ба буногӯшаш фуровардам. Хирс рӯ ба боло ба замин уфтод, поҳояш ба осмон шуданд. Бо ин ҳол, дарҳол сари по хест, ман кам наомада бо овози баланд дод задам:

– Дафъ шав, ҳайвони ланг! Ба ростӣ, пӯстатро меканам!

Тамоми кӯҳсор акси садо дод. Он айём ҷавоне будам бо дасту бозувони қавӣ, чароғакоям. Чун медидам хирси дузд ба ду ҷониб калавида, бе пӯшт-пӯшт фирор мекунад, аз таҳи дил хандидам. Ҳамин, аз он пас вай ба кандуи занбӯрҳои асал наздик намешудагӣ шуд.

– Бобоҷон, акнун таърихи куштигириатонро бо хирс нақл кунед! – дубора боборо ба суҳбат кашидем.

Қундузтағо ба идомаи ҳикояташ пардохт:

– Хеле хуб, аммо ин охирин бошад. Момоятон Норимҷон хоб нарафта чашм ба роҳи ман нишастагист... Рӯзе ба деҳаамон хирсбозон омаданд. Ёвари хирсбози калон дарро кушода гуфта буд: «Шуморо Ҳулкарбобо мепурсад, бо хирс куштӣ мегирифтаед!» Бобои Ҳулкар аз мӯйсафедони деҳа аст. Инсони қадршинос, суханашро намешавад дуто кард. «Оббо-е, ҳамин кам буд!»... Чун ба гузар рафтам, хурду калони деҳа дар он ҷо ҷамъ омада буданд, дар васат марди бузургҷуссае хирсеро ба бозӣ меандохт. Ку хамир рост кун гӯянд, ҳамоно бо ду даст заминро мола мекард, гилро бипаз гӯянд, дарҳол рост хеста, ду дастро ба қафо ҷилвакунон гил мепухт...

Мӯйсафед маро ба бозигари хирс нишон дода гуфт:

– Бифармо, ин кас паҳлавони моянд!

Бозигар дарҳол ба мӯйсафед изҳор намуд:

– Агар паҳлавонатон хирсро чаппа кард, ҳамон радио моли ӯст. Мабодо камзӯрӣ кунаду бибозад, аз ҳама яксӯмӣ ҷамъ карда ба мо месупорад.

Ҳулкарбобо нигоҳе ба ман афканда, ба маънии «ту чӣ мегӯйӣ?» имо кард. Дар назарам ҷуссаи «хирс» аз дусад килограм бештар буд. Соҳиби хирс афзуд:

– Гуфта монам, дар ин гирду атроф ҳанӯз касе ба каҷпойи мо пирӯз наомадааст!

Диламро ҳисси ваҳм зер кард. «Ин хирси бовиқор ҳадиси куштиро зоҳиран хуб ёд гирифтааст, накунад ки уфтода шарманда шавам! Он вақт дар деҳа чӣ гуна сар бардошта мегардам?!» – аз хаёл гузарондам ман. Ҳамон дам аз чор сӯ сарусадоҳои бачагоне, мисли шумо чароғакоям, баланд шуд: «Тағоҷон, кам наоед, ба куштӣ бароед, ана, мо ҳастем дар пуштатон!» Ин суханҳо буду бо хирси паҳлавон ба куштӣ баромадани худро надониста мондам. Як бор зӯр задам, аммо натавонистам аз ҷояш баланд кунам. Хирс аз камарам муҳкам дошта, ба боло бардоштанӣ буд, ки дарҳол пай бурдам. Агар он дам сустӣ мекардам – кор тамом. Бо ирода, тамоми зӯрамро ба бозувонам дода, бо овози расо «ё пирам!» гуфтаму хирсро бардошта бо паҳлу ба замин задам. Олам ғарқи ҳаёҳу гардид. Хирс ба ғазаб омада, парида аз ҷояш хест ва ба сӯям ҳамла овард. Маълум буд, ки уфтодан барояш алам мекард. Ман бошам, саравval муште ба буногӯшаш кӯфтаму дубора ба замин яксон кардам!

Ҳама бо ҳам пурсидем:

– Пас, подошатонро ҳам гирифтед?

– Он замонҳо хатти барқ тоза расида буд, дастгоҳе мисли радио чизи антиқа буд. Онро гирифта ба Ҳулкарбобо бахшидам ва гуфтам, ки дар идораатон гӯш карда менишинед.

Аз куҷо донем, ки ин суҳбати мо бо тағои муҳтарами деҳаамон охирин будааст. Вақти азони рӯзи дигар хабари шуме паҳн шуд: «Қундузтағо шабонгаҳ дар меғ роҳгум зада, ба партгоҳе уфтодааст, фардо вақти пешин ҷанозааш!» Ҳамаамон ба даст асо гирифта, дар маросими дафнаш ҳозир шудем, дар азои тағои деҳаамон бо сӯзу гудоз гиря кардем. Ана, аз он замон ҳам бештар аз шаст сол гузашту рафт. То ҳол тағои худро бо иззату икром ба ёд меоварем...

Дарвоқеъ, донистаниед, ки сарнавишти Норимҷонмомо чӣ шуд? Бачагонаш ҳарчанд маҷбур карданд, момо бо садоқати хеш ба шавҳари марҳумаш, аз боми собот ба ҳеч ҷо нарафт. То поёни умр дар ҳамон кулбаи кӯҳистонии тағо зиндагӣ кард. Рост, набераю аберахояш ӯро танҳо нагузоштанд, бо навбат аз ҳолу аҳволаш хабар мегирифтанд, ба гарму сардаш мерасиданд. Синнаш аз сад гузашту ба он дунё реҳлат кард. Аҳли деҳа ӯро низ бо эҳтироми хос дар паҳлуи тағо ба хок супурданд.

# АМОН МУХТОР
# (1941-2013)



*Амон Мухтор (Мухторов Амон Сулаймонович) 16-уми июли соли 1941 дар Бухоро таваллуд ёфтааст.*

*Соли 1964 шуъбаи журналистикаи факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Тошкандро хатм мекунад.*

*Адиб ҳамчун корманди адабӣ дар муассисаҳои табъу нашр, бо пешаи муҳаррирӣ дар Кумитаи давлатии радио ва телевизиони Ўзбекистон, киностудияи «Ўзбекфилм», Нашриёти адабиёт ва ҳунари ба номи Ғафур Ғулом ва ҳамчун сармуҳаррир дар маҷаллаи «Шарқ юлдузи» ифои вазифа мекунад.*

*Амон Мухтор ҳарчанд нахустин китоби худро дар синни 25-солагӣ ба чоп мерасонад (дафтари шеърии «Роҳҳои хуршедӣ фаро хонад»), ӯ дар нимаи дуюми солҳои ҳафтодум бо шӯру ҳаяҷони ба худ хос ба ҷаҳони адабиёт ворид мешавад. Аз ҷумла, осори насрии ӯ ба шарҳи зайл аст: гулчини ҳикояҳо таҳти асомии «Нигоҳ» (1968), «Парандаҳо ва хобҳо» (1971), «Арӯси шаҳрӣ» (1973), «Дарвозаи ҳаёт» (1978), «Донишманди бухороӣ» (1973), «Сафар ба овони бачагӣ» (1984), маҷмуаи қиссаҳо бо номҳои «Қаторҳои тезгард» (1981), «Вазифа» (1988), «Ҷони зинда» (1995) ва романҳои «Шамоли солҳо» (1976), «Сари хам» (1989), «Пас аз ҳазор сол» (1991), «Ҳазору як чеҳра» (1994), «Инсони назди оина» (1996). Дафтарҳои шеърии «Оҳанг» (1974), «Шуъла» (1979), «Марворид» (1985), «Шиддат» (1990), «Шаршара» (асарҳои мунтахаб, 2001) низ аз ҳунари шоирии Амон Мухтор далолат медиҳад.*

*Ҷойи зикр аст, ки романҳои Амон Мухтар – «Харобаи сари теппа», «Ҳазору як чеҳра» ва «Инсони назди оина» дар як китоб ҳамчун асарҳои сегона таҳти унвони «Чор тараф қибла» сарҷамъ омадаанд. Романҳои охири адиб – «Ффу» (1997), «Мамлакат ва салтанати бонувон» (1997), «Афлотун» (1998), «Як ҷавони бухороӣ» (1998), «Майдон» (1999), «Аҳли ишқ» (2000), «Фарроши бузург» (2004), «Одамон бояд биханданд» (2008), «Подшоҳи зан» (2020), «Муҳаббат аз марг қавитар аст» (2010) бо услуби тоза иншо шуда, аҳли китобхон ва дӯстдорони каломи бадеиро ба наҳви хос ба худ ҷалб мекунанд.*

*Амон Мухтор соли 1990 бо романи «Сари хам» ба ҷоизаи адабии солонаи Иттиҳодияи нависандагон ноил шудааст. Ӯ дар остонаи панҷоҳсолагии худ (соли 1991) ба унвони фахрии «Арбоби шоистаи ҳунари Ўзбекистон» сазовор мегардад. Барандаи Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон (2009), соҳиби нишони «Дӯстӣ» (1997) мебошад.*

*Амон Мухтор 10-уми майи соли 2013 дар синни 72-солагӣ дар Тошканд аз олам чашм мепӯшад.*

## МУАЛЛИМИ АДАБИЁТ

*(ҳикоя)*

*«Дар Бухоро ду нафар имом будаанд – Мулло Бадриддин ва Мулло Садриддин.*

*Онҳо то ҷое ба ҳам душманӣ доштаанд, ки агар тирро ёбанд якдигарро намеёфтаанд. Боиси ин хусумат пастию нодонии Мулло Бадриддин ва бар хилофи ин, вазнинӣ ва доноии Мулло Садриддин будааст.*

*Бо амри тасодуф, боре Мулло Бадриддинро бо зане дар як хилватгоҳ дастгир ва ҳар дуро бо ҷурми зинокорӣ ба зиндон меандозанд. Қарор ба ин шуда, ки рӯзи дигар қозикалон ҳукми шаръӣ содир кунад – эҳтимол доштааст ба сангборон, ё ки ба ҷазои марг маҳкум намояд.*

*Ин воқеа ҳамон рӯз дар тамоми Бухоро паҳн мешавад. Хабар то гӯши Мулло Садриддин низ мерасад. Ӯ дарҳол ба тараддуд меуфтад. Се-чор тангаи тайи солҳо анбоштаи худро дар халтача андохта, ба манзили Мулло Бадриддин меояд. Ба ҳамсари ӯ мегӯяд:*

*– Зуд бошед, фаранҷиатонро ба сар гиреду аз қафои ман шитобед.*

*Ба назди дари зиндон меоянд. Мулло халтачаи тангаҳояшро ба зиндонбон дода шарҳи ҳол мекунад:*

*– Ин бону зани имом аст. Агар ба рӯйи он ду беҳаё як бор туф карда набарояд, аз оташи ғазаб дар худ доғ мешавад.*

*Хулласи калом, бонуи фаранҷидор ба дохил даромада, зани бегона бо фаранҷӣ аз зиндон бадар меравад.*

*Рӯзи дигар қозикалон қазияро расидагӣ карда, ба «дастгиршудагон» чунин ҳукм мебарорад: «Дар канори мулло ҳамсари шаръии худи ӯ будааст! Дар ин ҳол ба онҳо ҳеч гуна ҷазо дода намешавад!»*

*Мулло Бадриддин пас аз озод шудан бо сари хам ба назди Мулло Садриддин меояд ва бо муроҷиат ба ӯ мепурсад:*

*– Ту маро аз марг, аз як маломати сахт наҷот додӣ. Ҳеч намефаҳмам, мо бо якдигар душманӣ доштем, чаро ту ин корро кардӣ?*

*Мулло Садриддин бо нигоҳи андешаманд ба ӯ мегӯяд:*

*– Ба ту марг ҳам кам аст. Ман туро аз маломат наҷот надодаам! Агар бо ин ҳол мемонд, мардум аз ҳамаи мо рӯ мегардонданд. Ман номе накӯ чун «имом»-ро аз сарзаниш наҷот додам!»*

* * *

Се-чор нафар ҳамсинф, ки ҳар яке касбу коре дошт, аҳёнан дар чойхонаи «Боғи шаҳри куҳна» ҷамъ шуда улфатӣ мекарданд. Баъзан давраашон аз як-ду нафар ошное, ки ҳамроҳи худ меоварданд, васеътар мешуд. Пас аз хандаю хушҳолиҳо ва рафъи хастагӣ ҳар кас ба хонаи худ бармегашт.

Тибқи маъмул, ба давраи онҳо марде ҳамроҳ шуд, ки қаблан дандонпизишк буд ва акнун дар идораи беҳдорӣ кор мекард. Шояд Калон ном доштанаш ё нигоҳҳои ҳавобаландонааш буд, ки дар ҳамон оғози вохӯрӣ ӯ ба яке аз ҳамсинфон – муаллими адабиёт Шавкат хуш наомад. Дар ин гуна ҳолат, як рӯз не як рӯз, ҳамин ки корд ба устухон расид, хусумат пайдо мешавад...

Он дафъа давраи ҳамсинфон алалхусус бо одамони бегона васеъ шуда буд. Бо ин ҳол, касе ба ин таваҷҷуҳ намекард, ҳама саргарми ҳангомаҳои ширин менишастанд. Дар дили он суҳбат Шавкат як ғазали шоири бухороии туркзабонеро (ӯ каме ба форсӣ низ ашъор дошт) бо ин матлаъ замзама кард:

*Монд эмин з-оташи сӯзони ту баҳру барам,*
*Дар фазои баҳри саркаш мепарад хокистарам.*[19]

Аксарият завқ бурданд. Ҳамин дам хишт аз қолаб даррафт. Ҳамон улфати нав Калон бо заҳрханд гуфт:

– Ӯ дар кӯчаи мо зиндагӣ мекард. Ман бисёр шунидаам вайро! Як инсони ҳангӣ буд...

Давраи шоду хуррам ба ҳолати аҷибе уфтод.

Ҳеч кас намедонист чӣ гуна бархӯрд кунад.

Агар муаллими адабиёт Шавкат намебуд, шояд ин сухани аблаҳона аз пушти гӯшҳо гузашта мерафт. Калон агар «шоир каме шӯхӣ кардааст», ё ҳатто «ба занҳо дил баста, по ба каҷҷӣ ниҳодааст» мегуфт, эҳтимолан Шавкат ба ин ҳарфҳо дандон ба дандон монда тоқат мекард, вале бо шунидани дашноми «ҳангӣ» дуд аз димоғаш баромад, гӯё касе ба сураташ торсакӣ фуроварда бошад, сурх шуда, хун ба майнааш зад.

Бе шак, ҳар як шоир (нависанда)-и мафкуду зиндаро намешавад дар як сатҳ шуморид. Ғайр аз авлиёву анбиё, ҳар гуна аҷзу нотавонии бандаҳо ба онҳо низ хос аст. Боз ҳам, аз қадим маълум аст, ки ҳарчанд дар байни инҳо касони сазовор ба номи шоирӣ (нависандагӣ), ба монанди имоми доно, дучор ояд, ҳамон қадар афроди номуносиб (ба мисли имоми нодон) ҳам ёфт мешаванд... Дар ҳаққи муаллими адабиёт чӣ гӯем?! Дар ҳикояҳои бахшида ба ӯ ва даҳҳо китоби дақиқан ба ҳамин исм номгузоришуда ӯ ҳам гоҳе хубу пероста ва гоҳе сарду бадхӯ тасвир шудааст. Бубинед, «қаҳрамон»-и адиби маъруфе говро ҳайвон меномад. Аз ин як хешованди наздикаш сар дарнаоварда бо тундхӯйӣ ким-чиҳоеро ба забон меронад. (Дуруст, нависандаи бечора «тӯра»-ҳоро танқид карда натавониста, «муаллими адабиёт» гуфта мондааст). Дар асл, муаллими адабиёт ин тавр нест. Омӯзгорони фанҳои дигар бештар ба

[19] Ин байт тарҷумаи мисраъҳои зерин аст:
Оташингдан куймади устим менинг ёки барим,
Телба уммон устида учмоқдадир хокистарим.
*(тарҷума ба қалами шоир Абдулло Субҳон мансуб аст)*

хаёлпарастӣ ва содадилии ӯ механданд. Азбаски гоҳе худро мағрур ва гоҳе хоксор мегирад, ба ӯ бо назари кам ва нописандона назар меафкананд. Дар байни муаллимони адабиёт низ касоне ҳастанд, ки ҳеч тафовуте аз атрофиён надоранд, ё ки дар умри худ китобе ба даст нагирифтаанд. Бо вуҷуди ин, азбаски то андозае ақли расо, руҳи тоза доранд, онҳо дар мактаб аз дигарон «як сару гардан» боло меистанд... Хуллас, дар навбати аввал шоир (нависанда)-и боимон худаш (ба монанди имоми доно) маҷбур аст каломи муқаддаси «Адабиёт» ва исми табарруки «Адиб»-ро аз «аҳли қалам»-и берӯе, ки намедонанд ба чӣ гуна даргоҳ роҳ ёфтаанд, ҳимоят кунад ва аз тири сарзаниш наҷот диҳад. Ва муаллими адабиёт масъул аст, ки дар ин амри нек дар паҳлуи онҳо биистад. Дар акси ҳол, ба синф даромада ба бачаҳое, ки ҳанӯз хоболуданд, чиро ёд медиҳад?

Шавкат ҷавоне буд бо ҷуссаи лоғар ва назарногир, вале бо эҳтироси боло ва ҳаракоти уқобвор. Ӯ ба «ту» гузашта, бо ғазаб ба Калон гуфт:

– Ӯй, суханата дониста зан! Дар назди он инсон ту чун соя ҳастиву бас...

Калон низ хашмгинона чизе гуфта буд, ки Шавкат пиёлаи наздашро бо чояш ба сурати ӯ андохт. Бо мурочиат ба ҳамнишастон афзуд:

– Бародарон! Ё ҳар касу нокасро ба давраамон роҳ намедиҳем, ё ки аз баҳри ин гуна давра мебароем!

Бо ин сухан, ҳатто ба омадани табақи ош нигоҳ накарда, ҷаста аз ҷо хест ва доман афшонда давраро тарк кард.

Ӯ як шоири пешинро аз сарзаниш наҷот дода буд.

## ШАЙТОНАРОБА
## (ҳикоя)

Ба хаёли кӣ омадааст, ки рӯзе мерасаду пӯшидани либос аз порчаи «шайтонмато» расм мешавад.

Солҳое барои устоҳои чапдаст бофтани кафшҳои бозӣ бо исми «шайтонкафш» одат шуда буд, ё ки замоне «шайтонкоса» арзи вуҷуд мекард ба номи гиёҳи банги девона, ки акнун онро кӣ медонаду кӣ на. Дар китобҳо низ мехонанду маъниашро дарк намекунанд.

Аммо бисёр касон велосипедро то ҳол «шайтонароба» меноманд. Ҳар яке аз ин василаҳо аз кадом ҷиҳате ба шайтон шабоҳат дорад. Шояд замоне велосипеди ба расмият даромадаро касе дар кӯча савор шуда, лип аз мадди назарҳо гузаштааст, ки ба он номи «шайтонароба»-ро додаанд...

Хулласи калом, марде бо исми Абдувосит ба писараш Восил мегӯяд:

– Рӯзи таваллудат будааст, гард, бароят ягон кола гирифта медиҳам! Ба ин сӯву ба он сӯ рафтан хоҳӣ савор шуда мегардӣ.

Падару писар ба кӯча баромада, ба бозори калон, ки дар канори шаҳр воқеъ буд, рафтанд. Дар он ҷо ғайр аз тухми анқо ҳама чиз буд, хариду фурӯш дар авҷ.

Дар майдони канори бозор хар, асп ва чандто аробаро диданд, ки дар болои онҳо мӯсафедон менишастанд. Абдувосит гуфт:

– Ман метавонистам ба ту хар ё асп гирифта диҳам, чунки ҳар дуро бобоят савор шуда мегашт, ҳайвонҳои боркашанд! Аммо муаммо сари ин, ки хар ё аспро ба хонаи хурди катакмонандамон чӣ хел медарорӣ? Дар шаҳр ин кор аз дасти ҳар кас намеояд. Ман дар ҷавонӣ аҳёнан ароба мерондам. Метавонам ароба гирифта диҳам, лекин боз ҳам мушкилӣ сари он аст, ки ба аробахона даровардани ароба кори осон нест. Ҷо намешавад...

Восил бо бесабрӣ пурсид:

– Набошад, чӣ гирифта медиҳед, дадо?

– Як велосипед – шайтонароба! Тӯҳфа аз ман... Дилам мехост мошин гирифта диҳам, илоҷаш нест, дастам кӯтаҳӣ мекунад. Ҳар гоҳ калон шудӣ, худат мехарӣ.

Одам аз хурдӣ мутеи шароит шуда, ба қаноат одат мекунад. Ба қавли мардум, ба кӯрпаи худ нигоҳ карда пой дароз карданро меомӯзад. Барои Восил бошад, велосипед ҳам туҳфаи хуб буд, аз он, ки падараш мехост бароям дучарха харида диҳад, сараш ба осмон расид.

Падару писар ба се-чор дӯкон сар заданд. Аз велосипедҳои хурд гирифта то велосипедҳое, ки ғилдиракҳои боҳайбати баландтар аз қадди одамро доштанд, дар мағозаҳо пур буд. Вале барои Восили навҷавон ягонто велосипеди муносибу муҷаз пайдо нашуд... Дар ниҳоят, хайрият ки он чиро мекофтанд, ба дида тофт. Абдувосит сари сина баланд карда гуфт:

– Ана ҳамин азони мост!

Фурӯшанда бошад бо туршрӯйӣ гуфт:

– Амак, шумо наметавонед инро бихаред.

– Барои чӣ?

– Бениҳоят гарон аст.

– Магар аз мошин ҳам гаронтар?

– Нархаш аз ҳар гуна мошин болост.

Абдувосит бо ҳайрат пурсид:

– Чаро?

– Он ихтирои тозаи олимон аст. Дар ҳама ҷо метавонад роҳ гардад.

Ин гуна муомила ба иззати нафси Абдувосит расид. Ӯзбекро чӣ кушад – ҳамийят[20]! Оё рӯят мешавад худро аз касе кам бигирӣ, ба пастие иқрор шавӣ? Замин намекафад магар?

Абдувосит гуфт:

– Ҳар чӣ дилат хоҳад, гӯй! Мо ҳаминро мехарем!

Фурӯшанда нархи осмонро гуфт. Абдувосит ҷайбҳояшро гашта, дар ҳоле ки тамоми пулашро бо тинаш мебаровард, ба хотири шарманда нашудан дар назди писар, гуфт:

– Писарам! Ту дучархаро бибар берун, ку ронда бин чӣ хел аст!

Восил мунтазири ҳамин сухан буд.

Ӯ велосипедро кашола карда, аз остонаи дӯкон баромада-набаромада ба он савор шуд.

Ғайри интизор, велосипед дар оғоз ба мисли хар ҳангос заду боло-боло ҷаҳидан гирифт. Сипас ҳамчун асп шиҳае аз бинӣ баровард. Аз он пас чун ароба ғиҷирроси баланде сар дод. Саранҷом, ба монанди мошин гурросзанон аз ҷо ба ҳаракат даромад.

То замони ба мошин табдил ёфта ба роҳ даромадани колааш Восил чизеро дарк накард, аз рух додани воқеае, ки дар ақл намеғунҷид, ғайр аз ҳайрон шудан чораи дигаре надошт. Ана акнун пай бурд, ки ин «ҷонвар»-и тозакашфшуда берун аз иродаи ӯ, худ аз худ ба ҳаракат меояд. Аз ин ҳам даҳшатовар он буд, ки дучархаи зери пояш бо ихтиёри худ амал мекард ва ӯ медид, ки бо фишори мурвате дасту поҳояш беист меларзанд.

Бе шубҳа, Восил аз рӯйи одобу эҳтироми маъмулӣ мехост мунтазири падар бимонад, то ки ҳамроҳи ӯ ба хона баргардад. Аммо агар имкони нигаҳ доштани ин шайтонаробаро, ки ваҳшивор ба пеш ҳаракат мекард, надошта бошад-чи? Хоҳиши ту ҳеч кореро ҳал накунад-чи? Дар ин маврид ҳолати дигаре таваҷҷуҳи ӯро ҷалб намуд. Дар чор сӯ мошинҳо беист ҳаракат доранд. Аз чапу рост ҳама бо шитоб дар тараддуд ҳастанд. Ин ҳанӯз ҳеч гап не. Дар роҳ дарди саре будааст ба номи рақобат. Ҳар кӣ аз бару канорат мегузарад, ба ту бо чашми адоват ё иноду ғазаб менигарад. Агар лозим шавад, онҳо омодаанд Восилро дар зери по маҷақ карда гузашта раванд.

Ай кош Восил ҳадди ақал медонист, ки шайтонаробааш ба куҷо меравад!

Бо ин вазъ велосипеди саворшудаи ӯ то соҳили кадом як баҳр омада монд. Восил нигоҳе ба қафо афканда дид, ки падараш аз пушт ҳаллос зада меояд. Ӯ мегуфт:

[20] **Ҳамийят** – орият, нангу ор

– Писарам, эҳтиёт шав! Шитоб накун! Худатро гум карда ҷонатро дар хатар нагузор...

Восил боз ҳам натавонист мунтазири падар бимонад.

Велосипед аввал ба киштӣ бадал шуда дар рӯйи об шино кард, сипас ба як қаиқи наҳангмонанди сарпӯшида табдил ёфта дар зери баҳр рафтан гирифт. Баҳр низ ба мисли саҳро бекарон аст, вале дар ин ҷо низ рақобатҳое мисли задухӯрди зери кӯрпа дида мешавад, дар натиҷаи ба якдигар тоб наовардан ҳалокатҳое рух медиҳад, хавфу хавотиркашиҳои аёну ноаён вуҷуд доштааст. Восил ҳис кард: дар ин ҷо ғайр аз он, ки худат худатро нобуд хоҳӣ сохт, дигарон низ метавонанд аз паси хатту ҳаракатҳои ғайричашмдошт туро маҳв созанд! Худо дар паноҳаш нигаҳ дорад!

Ҳамин тавр, шайтонароба аз баҳр баромада, давр зада ба кӯҳе гузашт. То қуллаи баланд расида аввал ба фирфирак, сипас ба ҳавопаймо ва аз он пас ба киштии кайҳонӣ табдил ёфта, то ҷое, ки метавонист аз Замин дур шуда, дар қаъри осмон нопадид шудан гирифт. Восил медид, ки падараш ҳанӯз ҳам аз қафо ҳаллос зада меояд, аз абр ба абр, аз ситора ба ситора ҷаҳида, бо тамоми овоз садо мезанад:

– Писарам! Писарҷонам...

Ба хусус, дар осмон аҳвол вазнин мешудааст. Дар байни ситорагон ҷангҳои беамон мерафтааст, ки дар замин баъзеҳо аз он хабар доштанду баъзеҳо на, баъзеҳо шунида буданду баъзеҳо на. Эҳ, рост ба ҳамин майдони набардҳо даромада рафтани шайтонаробаи Восилро намегӯед? Восил дар давоми умри худ як бор дучархасаворӣ карда, ҳеч ба гӯшаи хаёл наоварда буд, ки рӯзе ба ин гуна ҳоли аблаҳона рӯ ба рӯ меояд. Гарангу гиҷ шуда монд.

Дақиқан дар ҳамин лаҳза ба шайтонароба тир расид ё ба фалокате дучор шуд, ки баногоҳ беист такон хӯрда, шуввосзанон ба ҷониби Замин фуруд омадан гирифт. Чанде аз миён гузашту дар ниҳоят тап карда дар назди дари дӯкони бозор фуруд омад.

Восил ҳанӯз ба худ наомада буд, ки падараш ҳам ҳаллосзанон дар назди ӯ ҳозир шуд.

Падару писар вориди дӯкон шуданд. Абдувосит гуфт:

– Ин коларо ба дигараш иваз кунед!

– Чӣ, шумо магар ба тараққиёт зид ҳастед?

– Тараққиёт хуб аст, – афзуд Абдувосит, – аммо огоҳ будан ҳам зарар намерасонад.

Фурӯшанда аз анбор велосипеди дигар баровард.

# ЎТКУР ҲОШИМОВ
# (1941 – 2013)



*Ўткур Ҳошимов 5-уми августи соли 1941 дар гузари Дӯмбиработи ноҳияи Зангиатои (ҳоло ноҳияи Чилонзор) вилояти Тошканд ба дунё омадааст. Ӯ пас аз хатми мактаби миёна (1958) таҳсилоти олиро дар шуъбаи журналистикаи факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Тошканд (1964) фаро мегирад.*

*Ўткур Ҳошимов ҳанӯз дар айёми донишҷӯӣ ба кор мепардозад. Солҳои 1959 – 1963 дар чанд рӯзномаи маҳаллӣ вазифаҳои номабарӣ, мусаҳҳеҳӣ ва мутарҷимиро адо карда, ҳамчун корманди адабӣ нахустин бор дар рӯзномаи «Тошкент ҳақиқати» (1963 – 1966) кор мекунад. Сипас фаъолияти худро дар идораҳои «Тошкент оқшоми» (Шоми Тошканд: мудири шуъба, 1966 – 1982), Нашриёти адабиёт ва санъати ба номи Ғафур Ғулом (муовини сармуҳаррир, 1982 – 1985), «Шарқ юлдузи» (Ситораи шарқ: сармуҳаррир, 1985 – 1995), Кумитаи матбуот ва ахбори Олий Мажлиси Ўзбекистон (раис, 1995 – 2005) ва маҷаллаи «Театр» (сармуҳаррир, аз соли 2005) давом медиҳад.*

*Адиб дар пешрафти соҳаи адабиёт ва фарҳанги Ўзбекистон саҳми босазо дорад. Осори ӯ, аз ҷумла, дар китобҳои «Пӯлод-чапандоз» (1962, маҷмуаи очеркҳо), «Бунафша» (1965), «Одамон чӣ мегӯянд» (1965), «Шамол боз ҳам мевазад» (қисса, 1966), «Як қатра шабнам» (1970), «Баҳор барнамегардад» (1970), «Ба қалбат гӯш кун» (1973), «Шабҳои тӯлонӣ» (1975), «Коре шуд барин» (1975), «Фарзанди заминем» (1977), «Нур ҳаст, ки соя ҳаст» (роман, 1976), «Мизони офтоб» (1980), «Мошин мефурӯшам» (1981), «Кори дунё» (1982), «Санбӯсаи ҳулбӯйин» (1983), «Рангинкамони сапед» (1984, «Ситораи роздор» (1985), «Дар байни ду дар» (роман, 1986), «Хазина», «Ду карат ду – панҷ» (1987), «Ҷазираи ношинос» (1990), «Изтироб» (1991), «Руъё» (ё худ «Умрҳои гузашта дар хоб», роман, 1994, 2002), «Ҷаҳони равшан» (1998), «Тавбаи «Аждарҳо» (2012), «Қиссаҳои муҳаббат» (2013) гирд омадаанд. Пас аз даргузашти нависанда низ қариб тамоми осори ӯ бознашр мешавад.*

*Адиб муаллифи як қатор асарҳои саҳнавӣ низ мебошад, аз қабили: «Баҳори хазоншуда», «Садоқати инсон» (1975), «Доруи виҷдон», «Тӯйҳо муборак» (1979), «Табъид». Китоби ӯ бо номи «Нигоштаҳо дар ҳошияи дафтар» (2001) дар байни омма нуфузи хосса пайдо кардааст. Намунаҳое аз осори Стефан Свейг, Эрнест Хемингуэй, Константин Симонов, Константин Паустовский, Ҷек Лондон, Олга Бергголс, Василий Шукшин, Мустай Карим ва дигар адибони хориҷиро ба забони ӯзбекӣ баргардондааст.*

*Ўткур Ҳошимов сазовор ба Ҷоизаи давлатии ба номи Ҳамза (1986), нишонҳои «Меҳнат шуҳрати» (1996) ва «Буюк хизматлари учун» (Барои хидматҳои шоиста, 2001) шудааст.*

*Адиб 24-уми майи соли 2013 дар синни 72-солагӣ аз олам чашм мепӯшад.*

## ЯНГА

*(ҳикоя)*

Акмал ҳамин ки ба тугмаи занг ангушт расонд, аз дохил овози ошно шунида шуд:

– Ана, Акмалхон ҳам омаданд.

«Янгамулло», аз дил гузаронд ӯ садои зани бародарро шинохта.

Намедонист барои чӣ, янгааш[21] ба исми ӯ «хон»-ро илова карда ҳарф мезад.

Акмал аз омадани вай ба манзилашон хушҳол шуд. Ҳар гоҳ ӯро медид, ҳис мекард, ки модарашро мебинад.

Дарро янга худаш кушод. Вай Акмалро аз шонааш ба оғӯш кашида, гарм вохӯрӣ кард. Ба сар рӯсарии сабуки штапелӣ, ба тан ҷемпери сабзранг пӯшида буд, табассуми мулоим ба рухсори гандумгуни лоғараш зеб медод. Акмал дар дасти ӯ сумкаи маъмулии харидро дида пай бурд, ки ба рафтан тараддуд дорад. Бо нигоҳи шакароб[22] пурсид:

– Ҳа, ба куҷо рахт бастед?

Янга кафшҳояшро пӯшида истода гуфт:

– Бачаҳо танҳоянд, торикӣ надаромада равам.

Акмал ҳамоно рафтани ӯро нахоста афзуд:

– Бародарам ҳаст, аз чӣ хавотир мекунед?

Вале янга бо хиҷолат изҳор намуд:

– Шумо медонед, он кас ба чойхона мебароянд...

Аз ошхонаи бағалӣ Клара по ба берун ниҳод, ба тан хилъати гулдор пӯшида, аз пеш домани мушаммаӣ[23] баста буд. Ӯ гоҳ ба шавҳару гоҳе ба дағечаш[24] нигоҳ карда, лаб ба сухан кушод:

– Гуфтам, ба хӯрок истед, қабул накарданд.

– Хуб, шумоён ҳам гузаред, – оҳиста аз дастгираи дар дошта гуфт янга ва ба берун баромад.

Акмал ӯро дар назди зинапоя гусел карда ба қафо гашт. Аз сӯйи ошпазхона садои ҷиз-ҷизи таҳи дег омад, он ҷоро бӯйи пиёзи доғшуда фаро гирифта буд. Ӯ аз ҳамсараш, ки гӯшт сурх мекард, пурсид:

– Янгаам кай омад?

Клара чашмони ба сӯзиш омадаашро бо пушти даст поккунон ба шавҳар рӯ оварда гуфт:

– Каме пештар.

---

[21] **Янга** – ҳамсари бародар

[22] **Шакароб** – ранҷиши андак, ранҷидахотир

[23] **Мушаммаъ** – порчаи нейлонии обногузар

[24] **Дағеч** – *лаҳҷ.* ҳамсари бародари шавҳар; яъне, занони бародарон ба ҳамдигар дағеч мешаванд

– Коре доштааст ба мо?

– Чӣ коре ҳам медошт, ғайр аз пурсидани пул...

Акмал аз пичинг задани ҳамсар нороҳат шуд, бо зарда гуфт:

– Чанд бор пул пурсида буд аз шумо?

Клара кафгири дасташро тақаррос занонда ба рӯйи миз партофт.

– Агар то ҳол нахоста бошад, акнун металабад. Як бор диҳед одат мекунад, омадан мегирад. Чӣ, мо корхонаи чопи пул дорем?

Шояд ба хотири ин ки дар хонаашон яккадухтар буд, Клара аз рӯзи арӯс шуда омаданаш бо дағечи худ муомилаи хуб намекард. То «сексия»[25] гирифта ба ин тараф кӯчидан дар байнашон чӣ қадар баҳсҳои хурду рез шуда гузашт. Акмал хуб медонист, ки сабабгори асосии он ҳама номуросоиҳо зани худаш аст, аммо ба рӯ наоварда буд. Ин бор ғашаш омад. Ӯ бо овози хиррӣ гуфт:

– Фикр намекунам янгаам ба пули мо муҳтоҷ монда бошад, шояд зарурате пеш омада, ё ба ягон коре лозим шуда, ки пурсидааст.

– Чӣ гуна зарурат?! Шавҳараш кор мекунад, худаш ҳам. Пулашро бо реҷа сарф кунад! – Клара ба маънии хатми суҳбат ба сӯйи дег баргашту дубора ба кафгирзанӣ даромад.

Акмал як дам ба китфони барҷастаи занаш, ки аз зери хилъат диккас мезад ва дастони ангуштари тилодори ӯ, ки бо чобукӣ кафгир мегардонд, нигоҳ карда истоду, баргашта ба хона даромад. Роҳравон чеҳраи хиҷолатомез ва лабханди мулоими зани бародар ва бо шитоб баромада рафтани ӯро ба хотир оварда, ба асли қазия воқиф шуд. Аз як сӯ, мисли мех рост истода, муомилаи сард кардани занаш ва аз сӯйи дигар, бепарвоии худашро, ки то ин ҳад пеши роҳи вайро нагирифтааст, дар зеҳн хонда, табъаш хира шуд. Ба рӯйи диван дароз кашид, аммо хаёлҳои бесару нӯг ӯро ором нагузошт: «Магар гардан хам карда пул пурсида омадан кори осон аст? Зимистон дар пеш. Эҳтимол ба ягон бачааш либоси гарм лозим буд? Шояд ҳам, аз пайи ягон кори бародарам омада бошад?...»

Дари миёна боз шуд. Акмал ҳис кард, ки ҳамсараш ба ӯ нигоҳ карда меистад, хомӯш худро ба хоб зад. Клара бо ҳамон оҳанги ҷонгирак суоломез гуфт:

– То кай хоб меравед? Лоларо кӣ меорад?

– Намедонам, – Акмал аз тахтхоб нахеста, ба гулҳои гилеми арабӣ, ки ба рӯйи девор овезон буд, чашм медӯхт, – ҳар рӯз ба боғча рафтани ман шарт нест.

– Набошад, хӯрок пазед!

Акмал пурра ба тарафи гилем паҳлу зад ва бо хунсардӣ афзуд:

– Ман хӯрок хӯрданӣ нестам.

– Бубинед-а, ман надонистаам бо шиками сер омадаед! – Клара дарро сахт баста баромада рафт. Лаҳзае нагузашта шиқиррос задани калиди дар ба гӯш расид.

---

[25] **Сексия *(секция)*** – маъмулан ба як даст хона гуфта мешавад, ки ҷузъи сохтмонҳои бисёрошёна аст

Акмал дар ҳамон ҳолат дароз кашида, на ҳамсар, на духтараш, балки зани бародарро аз хаёл мегузаронд...

Дар замони издивоҷи бародараш Адҳам вай ба соли сеюми донишгоҳ мегузашт. Таҳсил дар факултаи механикаю математика мушкил буд ё иқтидори худаш сустӣ кард, ки натавонист ба китобона[26] даст ёбад. Пули нафақаи модараш, ки ӯ пас аз бисту панҷ соли фаррошӣ дар мактаб differ бознишаста шуда буд, мураттаб ба ҷони Акмал оро медод.

Янгааш аз ҳамон рӯзи арӯс шудан чеҳраи сиёҳранг дошт, духтари пӯстуустухоние буд. Акмал дар оғоз натавонист ба ин бонуи тозаворид, ки шояд ду сол аз ӯ бузургтар буд, одат кунад. Надониста худро аз вай дур мегирифт. Ҳар гоҳ медид ӯ ҷуробу зерпероҳани вайро мешӯяд, нороҳат шуда, ба модар мегуфт: «Худат мешустӣ хуб мешуд, оча». Ин хоҳишро мекард агарчи медонист рӯзу моҳи модараш торафт пур мешавад, дасту пойи ӯ бод карда сар ба болин ниҳодааст. Ҳар рӯз ҳангоми ба дарс рафтан ба хонаи хоби модар медаромад, аз ӯ аҳвол пурсида дуояшро мегирифт. Дар ин гуна мавридҳо медид, ки зани бародар бар сари модари хастаҷон доиман парвона аст.

Яке аз чунин рӯзҳои авввали тирамоҳ буд. Акмал аз дарсҳояш фориғ шуда ба хона омаду дар назди дарвоза одами бисёреро дид. Дарҳол ҳақиқати ҳолро пай бурд, зеро ӯ рух додани чунин як ҳолатеро пешакӣ ҳис мекард. Бо вуҷуди ин, дар пеши назараш гӯё ҳодисаи дур аз интизор ба вуқуъ мепайваст, ҳукме ноодилона содир мешуд. Ӯ бо шитоб аз миёни занони ҳавлӣ гузашта ба назди модар даромад. Хеле аҷиб, ҳамон лаҳза гиряаш наомад. Натавонист доду фарёд кунад... Субҳи рӯзи дигар, ҳамин ки хост ба дарс равад, дуои модар ба хотираш зад: «Хок гирӣ, зар шавад, писарам. Умри дароз бин!»...

Аз он дам муқаддам Акмал фаҳмид, ки такягоҳи боэътимоди худро гум кардааст. Ҳаёт дар назараш бемаъниву печида менамуд, ноаён ҳис кард, ки тағйироте бояд дар зиндагиаш рух диҳад. Бо мурур дилаш аз таҳсил сард шуд. Китобона-ки намегирад, чаро як ҷавони ба қад расида ба дӯши касе бояд бор шавад...

Зиндагии хона бо ҳамон равиши пештара идома меёфт. Ҳар рӯз, ба мисли ҳамон айёме, ки модараш буд, бар пуштаки курсии назди тахтхоб шими дарзмолшуда, рӯмолчаи оҳорӣ, пероҳане бо гиребони поку покиза овезон меистод ва дар ҷайбаш ҳам як миқдор пул барои наҳор...

Акмал медонист, ки ин ҳама кори янга аст. Ҳарчи бародар меёфт, аз худаш изофа намемонд. Янга дар сохтмон кор мекард. Ташвишҳои расидан ба шавҳар кам буд магар, субҳи барвақт аз хоб хеста, ба каму костиҳои Акмал низ мерасид.

Пас аз ҳомиладор шудан зани бародар ба таътил баромад. Боз ҳам аз ҷайби Акмал пул канда намешуд. Лекин ӯ дарк кард, ки дигар намешавад бо ин вазъ зиндагиро идома дод. Аз хондан рӯ тофт. Як рӯз нияти худро ошкору равшан ба бародар гуфт:

– Ман ба корхона ба кор медароям.

---

[26] **Китобона** – маоши донишҷӯйӣ, стипендия

Ҳарчанд бародар гапи таъйиндоре назад, аз чеҳрааш пайдо буд, ки ӯ мухолиф нест. Акмал пагоҳии он рӯз аз хоб дер хест. Ҳамон субҳи зимистонӣ ҳеч аз хотираш намеравад. Вақте ки ӯ бедор шуд, дар бухории чӯянӣ алов башаст дармегирифт, зани бародар дар канори бухорӣ нишаста, сахт ба хаёл фурӯ рафта буд, мисли ин ки мехобид. Акмал дар зери равшании хираи бухорӣ рӯйи доғгунаи янгаро дида пай бурд, ки вай аз аввала ҳам бештар лоғар шудааст, чеҳрааш ғамгин менамояд.

Бо ғиҷиррос задани тахтхоб янга яке ба сӯйи ӯ нигоҳ кард. Аммо аз ҷо наҷунбид.

– Акмалхон, ман шунидам, – гуфт ӯ бо овози паст. Сипас як дам хомӯш истода оҳи амиқ кашид ва ба суханаш идома дод: – Хуб, моро фикр намекунед, ҳеч гап не, аммо аз безобита шудани руҳи модар наметарсед? Охир, модарамон шуморо ба ман супурда рафтаанд... Мефаҳмед, чӣ мегӯям?

Акмал ба янга рӯ оварда пай бурд, ки чашмони ӯ ғарқи оби дида аст, аз дили сӯхта ин суханҳоро мегӯяд. Ноумедии вайро ҳис карду худаш ҳам нороҳат шуд. Дар ҳамин лаҳза хост, ки сарашро ба сари дили янга гузораду рухсори доғгунаашро навозиш диҳад, чизе гӯяду аз ӯ узр пурсад. Он дам Акмал яқинан ҳис кард, ки ҳамсари бародар ҳамонанди модар инсони азизу наздикаш аст...

Он меҳру оқибат буд, ки Акмал таҳсили донишгоҳро ба поён расонид. Ҳоло бошад, хонадор асту соҳиби фарзанд, аммо беэътиноӣ ба ҷое расида, ки ҳатто ба хабаргирии зани бародар вақт намеёбад...

Шиқиррос задани калиди дарро шунида Акмал қад рост кард. Аз роҳрав садои Клара меомад:

– Телевизор мебинӣ, Лола? Ҳоло мултик мешавад.

– Не, ба назди додоям меравам...

Дар боз шуд. Лолаи хандон, ки ба ҷамолаки мӯйҳояш наворгирди сафед баста буд, давида даромаду худро ба оғӯши падар афканд. Аз он сӯ овози Клара баланд шуд:

– Ист, Лола, ба додоят нарас, мабодо нешат нахалад?!

Акмал аз дасти духтар дошта ба роҳрав баромад.

– Янгаам чанд сӯм пурсид?

Клара роҳравон ба самти ошпазхона, бо қиёфаи «то ҳол ҳамон гап» ба қафо рӯ гардонд:

– Чӣ буд?

Акмал дам дар дарун ба хонаи хоб гузашт, қуттии пардози Клараро боз кард. Пулҳояшон одатан дар ҳамин қуттӣ нигаҳдорӣ мешуд. Аз ҷониби ошпазхона садои ҳамсар ба гӯш омад:

– Ба он пул нарасед, барои Лола пӯстин хариданиам.

Акмал гап назада ба роҳрав баромад. Ҳамин ки бандакҳои кафшҳояшро мебаст, ба болосараш омадани Клараро дида сари по хест. Ранги рӯйи зан парида, лабҳои софи рангзадааш пир-пир мепариданд. Ӯ бо ситеза ларзида гуфт:

– Чӣ, бачаҳои онҳо фарзанду бачаи ман не? Чаро насибаи духтарро меканед, ё забонатон кӯтоҳ аст?

Акмал дод зад:

– Нафасатро мекашӣ ё не?!

Клара бо ҳайрат ба шавҳар нигарон монд. Як лаҳза хотироти пеш чун тир аз хаёлаш гузашт: аз замоне, ки дар озмоишгоҳ бо ҳам шинос шуда, ишқ варзида, издивоҷ карда буданд, чор сол сипарӣ мешуд, вале боре ҳам шавҳараш ба ӯ «ту» нагуфтааст. Хӯриомез, аммо аз аспи ғазаб нафуромада гуфт:

– Баред, бурда диҳед! Буду нобудатонро харҷ кунед, ба ҳамон гадобачаҳо!

Акмал донист, ки агар як лаҳза бештар монад, ҷанҷоли калон рӯй доданаш бегумон. Ӯ дари хонаро сахт баста баромада рафт.

... Вақте ки Акмал дарвозаи оҳанини яке аз ҳавлиҳои канории шаҳрро тақ-тақ зад, рӯз бемаҳал шуда буд, гӯё маҳтоби пурраи ширмола ба баргҳои зардгунаи дарахтони олуча, ки дар муқобили хонаи деворкӯтоҳ сабзида буданд, алла мегуфт, шаббодаи маҳин мевазид.

Дарро янга боз кард. Ӯ ба тан нимтачае дошт, ки ба худаш хеле мезебид. Янга аз ваҷоҳати Акмал ғазабнок буданашро пай бурд магар, бо оҳанги хавотир ба сухан омад:

– Чӣ хабар, Акмалхон?

– Ҳеч гап нест, – Акмал ба дохил даромад ва қасдан сари суҳбатро ба сӯйи дигар кашида гуфт: – Бародарам дар хона аст?

– Не, то омаданашон ҳанӯз хеле вақт аст. Каме пеш бачаҳоро хобонида будам. Биёед.

Акмал бо ишора ба суфаи зери дарахти себ, ки бо панҷараи оҳанӣ иҳота шуда буд, гуфт:

– Ҳамин ҷо, ба рӯйи арзак[27] нишинем.

Зани бародар дарҳол аз хона кӯрпача баровард. Акмал аз ҳавлӣ, ки поку покиза рӯбучин шуда буд, гузаштаравон дар машом накҳати ботаровати нозбӯйро ҳис кард. Ин роиҳа барояш хеле ошно аст, ҳиссиёти ноз-нозиро ба ёд овард. Модараш ҳар сол нозбӯй кошта, «райҳон файз дорад, бачам», мегуфт такрор ба такрор. Дар ҳақиқат, ҳамин роиҳа гӯё ба тамоми хонаю дар осоиш ато мекард.

Акмал дар суфа ба рӯйи кӯрпача якпаҳлу зада, ба атроф чашм дӯхт. Агар шифери пушти боми гилинро, ки ба хона ҳусни нав мебахшид, нодида гирад, ҳеч чиз тағйир накардааст: ҳамон ду хона, айвон, ба мехи дарози сутун як даста ҳазориспандро баста мондаанд; ҳамон ҳавлии хурдаки озода ба андозаи кафи даст, ниҳолакҳои нозбӯй, ки дар сатҳе чун паҳнои бӯрё сабзидаанд; чароғи барқии овезон ба шохи дарахти себ; ҳамон суфа... Ба канори суфача ду дона себ уфтодааст, заб-зард...

Аз ҷониби ошпазхона садои чарс-чурс сӯхтани ҳезум ба гӯш расид.

---

[27] **Арзак** – суфа, суфача

Акмал баргашта нигоҳ кард. Янга дар назди оташдони бағали ҳавлӣ сари дузону нишаста ҳезум мешикаст. Ӯ гуфт:

– Янга, овора нашавед, ман меравам.

Аммо зани бародар «хуб» гӯён кори худро идома дод.

Хеле аҷиб, на ошпазхона, на танӯри часпида ба бағали он тағйир карда, ҳатто рахти ҳезумҳои назди танӯр ҳам мисли пештара менамояд.

Солҳое дар овони бачагии Акмал модараш дар ҳамин танӯр нони зағора мепухт. Ҳамин ки аввалин нони зағора сурх мешуд, модар онро аз танӯр канда, нисфашро дар як сафолпиёлаи шир реза карда ба ӯ медод. Барои Акмал аз он зағоранон таоми бомазатар дар дунё набуд гӯё.

Дар айни ҳол низ ӯ ҳамон лаззати нонро бо тамоми вуҷуд ҳис кард, оби даҳон фурӯ бурда нафаси амиқ кашид.

Ба шомгоҳи тирамоҳи барвақт сукунат нишаст. Дар ин миён боди мулоиме вазиду шохаҳои дарахти себро афшонд, хишир-хишир баргҳои дарахт ба замин рехт. Дубора ҳама ҷоро хомӯшӣ фаро гирифт. Аз дур садои тепловоз ба гӯш омад. Садои якмароми қатор баланд шуд. Ин садо ҳам оҳиста-оҳиста коҳиш ёфта, ниҳоят қатъ гардид. Бо шунидани овози қатор Акмал ёди айёми бачагӣ кард.

Як замон дар ҷойи ин суфа, ки гирдашро бо панҷара бастаанд, фақат суфаи хурдаке буд. Модараш пеш аз хоб рафтан ҳавлиро шилтиқ об мезад, ҳама ҷоро бӯйи нозбӯй зер мекард. Акмал дар байни модару Адҳам дароз кашида, сарашро аз кӯрпа бароварда, дурудароз ба осмон дида медӯхт, хаёлангез то дервақт хобаш намебурд. Падарро аслан дар ёд надошт, ӯ ба баталони корӣ рафта дигар барнагаштааст. Вале як сухани модар ҳамеша дар хотираш ҳаст: «Ҷони одами марҳум ба осмон меравад ва ба ситора табдил меёбад». Акмал ҳар гоҳ дурахшонтаринситораро медид, гумон мекард, ки он ҷони падараш аст ва орзу мекард ба пеши он ситора парида равад. Акнун ҳам чунин ҳиссиёт қалбашро фаро гирифт. Ният кард, ки дубора ба ҳамон овони бачагӣ баргардад. Дар пеши ин орзуҳо таҷрибаҳои мураккаби озмоишгоҳ, инҷиқиҳои Клара, дилсиёҳии имрӯза арзише надошт, ба пашизе намеарзид. Кош модараш зинда шаваду ҳамроҳ бо ӯ ҳадди ақал як шаб ба рӯйи арзак бихобад, осмону ситораҳо, бадри мунирро тамошо кунад...

Кадбону дар як даст чойник ва дар дасти дигар тухмбирён бардошта омаду аз зинаҳои оҳанӣ ба рӯйи суфа баромад. Акмал рост шуда чорзону нишаст. Янга нон пора кард, чой гардонд.

Акмал бе иштиҳо нон мехоиду намедонист суҳбатро аз куҷо сар кунад. «Пӯшида нест, ки Клара пуламон нест гуфта ҷавоби янгаро додааст, акнун ӯ чӣ гӯяд? Гӯяд, ки ҳамсарам ба ту дурӯғ гуфт?». Бо ин ҳол, пас аз хомӯшии начандон тӯлонӣ ба сухан омад:

– Асқар ҳам калон шудагист?

Ба рӯйи зани бародар табассум давид.

– Ҳа, бо баҳои аъло мехонад, дастёри мост, – гуфт ӯ ва боз бо табассуми малеҳ ба суханаш афзуд: – имсол Лайло низ ба мактаб меравад.

Акмал як он бо пайдо шудани баҳона хурсанд шуд:

– Эҳ-а, аллакай?! Бубинед, вай ҳам акнун ба мактаб меравад! – гуфт ӯ ва ба асли мақсуд гузашт: – Мехостам ба Лайло савғотӣ гирам, то имрӯз ягон чизи хуб ҳадя накардаам. Имрӯз ман моҳонаамро гирифта будам, лекин Клара хабар надошт, – ӯ аз ҷайби худ миқдоре пул бароварда дар як гӯшаи дастархон гузошт. – Худатон ягон либоси гарм харида диҳед, янга...

Акмал ҳис кард, ки аз дурӯғ суханҳояш сунъӣ мебароянд, хомӯш шуд. Зани бародар рост ба чашмони ӯ нигоҳ карда, бо садои кам гуфт:

– Раҳмат, Акмалхон, либоси бачаҳо мерасад, – дар овози ӯ на киноя буд, на дилмондагӣ. Бо сари хам пӯпакҳои канори дасторхонро дар миёни ангуштон бозӣ доронда илова кард: – Пул ба чизи дигар лозим шуда монд. Медонед, пасфардо ба вафоти модарамон даҳ сол пур мешавад. Мехостам ба поси хотирашон хешовандони дуру наздикро даъват кунем, ба харҷи худоӣ камтарак намерасид.

Акмал як қад парид, ба зани бародар чашм дӯхта сари ҷо шах шуд. Янга ҳамоно пӯпакҳои дасторхонро бозикунон менишаст, ба эҳтимоли зиёд, ин дам ҳама чизро фаромӯш карда, танҳо бо ёди модаршӯ банд буд...

# МУҲАММАД АЛӢ
# (1942)



*Муҳаммад Алӣ (Аҳмадов Муҳаммад Алӣ) 1-уми марти соли 1942 дар ноҳияи Бӯзи вилояти Андиҷон ба дунё омадааст. Мактаби миёнаро соли 1959 дар ноҳияи Бекободи вилояти Тошканд хатм мекунад. Таҳсилоти олиро дар Донишкадаи адабиёти ба номи Максим Горкийи шаҳри Маскав фаро мегирад (1966).*

*Фаъолияти кории Муҳаммад Алӣ дар мактабҳои миёнаи вилоятҳои Андиҷон ва Фарғона (бо пешаи омӯзгорӣ), маҷаллаи «Шарқ юлдузи» (Ситораи шарқ: корманди адабӣ, 1966), Нашриёти адабиёт ва санъати ба номи Ғафур Ғулом (аз мусаҳҳеҳӣ то сармуҳаррир, 1982), бахши барномаҳои адабии телевизиони Ӯзбекистон (сармуҳаррир, 1985), Маркази тарҷумаи бадеӣ ва равобити адабии Иттиҳодияи нависандагони Ӯзбекистон (раис, 1989), Донишгоҳи давлатии Тошканд (профессор, мудири бахши этика ва эстетика, 1994), раёсати Бунёди хайриявии байналмилалии «Олтин мерос» (Мероси тилоӣ: раис, 1999 – 2003), Бунёди хайриявии байналмилалии «Амир Темур» сурат гирифтааст. Солҳои 2013 – 2018 раёсати Иттиҳодияи нависандагони Ӯзбекистонро ба уҳда дошт.*

*Ҳанӯз дар овони донишомӯзӣ нахустин шеърҳои адиб дар рӯзномаю маҷаллаҳо чоп шудаанд. Аввалин асари калонҳаҷми ӯ достони «Машраб» (1966) аст. Баъдан пайи ҳам китобҳои шоир бо номҳои «Ҳиссиёти осмонӣ», «Шафақ», «Замини падарон», «Гулҳои сурх», «Достонҳо», «Садои зиндагӣ» (ба забони русӣ, 1975), «Афсонаи сӯзанак» (1976), «Сапеднур» (1977), «Фариштаи илҳом» (1980), «Дорулбақо» (1981), «Дӯст дорам, дӯстдоштанӣ бошам» (1983), «Соз» (ба забони русӣ) ба дасти хонандагон мерасанд. Шеъру достонҳои мавсуф бо номи «Роҳи дӯстӣ» (1990) ба забонҳои қазоқӣ ва қароқалпоқӣ тарҷума шудаанд.*

*Соли 1992 маҷмуаи мақолаҳои публитсистии адиб таҳти унвони «Ошиқ нашуда ба дидори Ҳақ натавон расид» аз чоп мебарояд. Ҳамин гуна асарҳояш соли 2000 бо номи «Амрикое, ки ман дидаам» интишор меёбад.*

*Муҳаммад Алӣ гузашта аз шоир ё мақоланигору мутарҷим будан, ба навиштани ҳикоя, қисса ва роман низ иқдом намудааст. Ӯ муаллифи романи манзуми «Дорулбақо» (1981) ва романҳои таърихии «Сарбадорон» (1990), «Ҷаҳонгир Мирзо» (2003), «Умаршайх Мирзо» (2006), вақоеъномаи «Ёдҳои ҷовидон» (2005) мебошад.*

*Китобҳои нависанда бо номҳои «Амир Темури кабир. Умаршайх Мирзо» (2016, ба забони русӣ), «Амир Темур аз нигоҳи хориҷиён» (2016), «Найҳои қалб» (2016), «Дурахшиши нур дар қалби Амир Темур» (2019) аз диди хоси адиб перомуни таърихи гузашта дарак медиҳанд.*

*Намунаҳое аз осори Пушкин, Байрон, Митскевич, Тагор, Абай, Туманян, достони манзуми ҳиндии «Рамаяна» (1978), достонҳои қароқалпоқии «Шаҳриёр» (1977), «Маспошо» (1985) ва чанд асари дигарро ба забони ӯзбекӣ баргардондааст.*

*Муҳаммад Алӣ Нависандаи мардумии Ўзбекистон (1992) аст. Бо нишони «Меҳнат шуҳрати» (1999) тақдир шудааст.*

## СИТОРАИ НАСРИ ТОИР[28]

*(ҳикояи таърихӣ)*

*Агар мурғе парад аз гулситонат,*
*Парастад Насри Тоир з-осмонат.*
*(Низомӣ)*[29]

Каме пештар фармонфармои Мовароуннаҳр, соҳиби унвонҳои «воломақом», «шоҳаншоҳи ҳафт иқлим» ва ҳоказо – Мирзо Улуғбек аз зинапояи Кӯксаройи куҳан поин омада, шигифто, худро хеле сабук ҳис кард. Худоро шукр! Ӯ дигар фармонравои кишвар нест, акнун бар дӯши худ ғаму ташвиши мамлакати бузургро нахоҳад дошт... Ӯ низ дар канори мардум як инсони одӣ, бандаи дасткӯтаҳи Худованд аст, мударрис ва мутасаддии расадхонаи Кӯҳак...

Дар айни ҳол Мирзо Улуғбек намедонист ба куҷо меравад. Муаллақ, гӯё ки шабеҳи гарде аз замин болову аз осмон поин дар ҳаво ҷавлон зада мерафт. Самои Самарқанди азиз ғарқи торикии шаб аст, аҷаб, ҳеч ситорае сари ҷойи худ нест...

Ба шарафи ҷулуси[30] Мирзо Абдулатиф бар тахти Мовароуннаҳр аъёну ашроф дар Кӯксарой гирди ҳам омада, базми ҷамшедӣ оростаанд. Аз сари шом инҷониб лаҳву лааб[31] дар авҷ аст, аз сарусадоҳои номураттаб гӯё кохи Кӯксарой низ худро ноҳинҷор ҳис мекунад. Мирзо Улуғбек бо писари хурдиаш Абдулазиз дар пойгаҳ сари дузону нишастанд. Амирзода ҳам ногоҳ ғоиб шуд, ӯро касе ба ҷое садо зад. Мирзо Улуғбек ба ҳозирин дуздакӣ нигоҳ карда, бори дигар ба найрангҳои дунёи бӯқаламун қоил омад. Онҳое, ки ҳамин дирӯз ба пойи ӯ бӯса зада, орзу мекарданд домани қабояшро ба дидаҳояшон бимоланд, акнун дар гирди дигаре парвонаанд! Онҳо акнун набераи соҳибқирон Амир Темури Курагониро, ки чиҳил сол дар маснади султонӣ нишаста буд, намешиносанд. Во дареғ!

Толори пазироии васеи Кӯксарой дар назари Мирзо Улуғбек беш аз пеш тору танг намуд. Ғайриихтиёр, як рисолаи Шайх Фаридуддин Аттор, ки дар солҳои наврасӣ онро хонда буд, ба ёдаш омад. Шайх дар нигоштаҳои худ ҷаҳонро ба чоҳе ташбеҳ медод. Дар асл, дунё ба мисли чоҳест – чоҳе, ки обаш хушкида... Ӯ бошад, гӯё ба ин чоҳ афтидааст.

---

[28] **Насри Тоир** (*арабӣ:* [аннаср-ут-тоир] النسر الطائر; *русӣ:* Альтаир; *лотинӣ:* Altair) – дурахшонтарин ситора дар бурҷи Уқоб; бо қадри зоҳирии 0,77m ва дувоздаҳумин ситораи пурнури осмонӣ. Уқоб ва каргас низ гӯянд, ки ду боли кушод дорад *(шарҳи мутарҷим)*

[29] *Мутарҷим байти Ҳаким Низомиро ба хотири тасдиқи фикр овардааст*

[30] **Ҷулус** – нишастан; ба тахти подшоҳӣ нишастан

[31] **Лаҳву лааб** – шодию нишот, ишрату бозӣ

Мирзо Абдулатифи ширакайф дар пешгаҳ бар тахт нишаста, бо падари худ, ки дар пойгаҳи толор мондааст, коре надорад, аз навозиши сарнавишт мамнуну масрур аст. Мирзо Улуғбек ба ҷавонаки тоҷпӯш, ки кулоҳи шоҳонааш бо донаҳои ёқутӣ ҷило медод, назар афканда noроҳат шуд. Ӯ бо шигифт аз дил гузаронд: «Наход ки ҳамин зуррияти ман бошад? Наход ки...»

Субҳи имрӯз султон бо шогирдаш Алии Қушчӣ дар расадхона ситораи Насри Тоирро наззора мекард, ҳар чӣ аз дилаш мегузашт ба ӯ изҳор намуд:

– Шумо чун фарзанди ман ҳастед, шояд аз он ҳам бештар, Мавлоно Алӣ! Аз он ки Офаридгор бароям шогирдеро ҳамтои фарзанди бебаҳо ато кардааст, шукр мегузорам, писарам!

– Лутфи шумо зиёд, устод! Ман мадюнатон ҳастам!

– Фарзандон... Ё Аллоҳ! Ба ин бандаат чӣ қасде доштӣ, ки аз фарзандон... Не, не, шукри бисёр аз будани фарзандон! Бубин, оё бандае метавонад ҳадди ақал як тор мӯй ё як дона нохунро биофарад? Не, фақат Худованд халлоқ аст, чуноне ки фарзанд медиҳад ва он ҳам на барои ҳама! Аммо, чаро фарзандони ман бо ҳам дӯсту меҳрабон нестанд? Барои чӣ? Чаро онҳо намефаҳманд, ки дили падарро хуноб мекунанд ё ҳатто фаҳмидан намехоҳанд? Охир, дар ин ҷаҳони ҳастӣ падар низ яккаву ягона аст! Ба чӣ далел фарзандон бояд падарро ба оташи ғам афкананд? Азбаски ӯ падар аст? Аз он сабаб, ки боиси чашм кушодани онҳо ба дунёи равшан шудааст?.. Эҳ, бандаҳои шири хомхӯрда!

Алии Қушчӣ гуфт:

– Маро афв кунед, устод, ҳеч ваҷҳе нест, ки олиҳазрат ин қадар ба тӯри надомат биуфтад, ё ки хешро ба он тӯр биафканад! Бояд ҳар лаҳза ба Худо шукр гузорем...

Мирзо Улуғбек бо овози хаста изҳор намуд:

– Бешак, шукр мекунам, писарҷон, сипосгузорам аз неъмати Худои таоло! Шукри беҳад аз Парвардигор! Аммо, фарзандон... Ман намегӯям бачаҳоям баданд. Оё падаре ҳаст, ки зурриёти худро бад гӯяд? Вале ман мехостам фарзандонам инсонҳои валинеъмати корой бошанд, мардум ба онҳо такя кунанд. Орзу доштам, бачаҳои оқиле бошанд, ки ба қадри падар бирасанд, суханашро ба замин нагузоранд, дилеро ба даст ва иззату эҳтироми мардумро ба ҷо биёваранд. Эй Парвардигор! Чаро орзуҳоям дар нимароҳ монд? Барои чӣ? Э вой!..

Дар ин миён овози дағали касе шунида шуд:

– Чиҳо мегӯйӣ, дар чунин рӯзи хуҷаста? Ба ҷойи шодиву шодмонӣ афсӯсу надомат, оҳу воҳ?...

Мирзо Улуғбек ду нафарро дид, ки бо нигоҳҳои тезу тунд дар рӯ ба рӯйи ӯ меистоданд. Чашмонашро калон боз кард. Дар атроф сарусадо ба палаи авҷ мерасид.

– Хеле вақт аст, ки калимоти аҷибу ғариб ба забон меронӣ, аз суханҳоят мӯйи тан сих мезанад-е!

– Агар султони Мовароуннаҳр бишнавад, чӣ мегӯяд? Мехоҳӣ ба ҷони худ ҷабр кунӣ? Маълум, ки ҳушат сари ҷо нест...

– Аз худ рафтааст... аз гуфтугузораш аён! – шахси севум ба суҳбат ҳамроҳ шуд. – Вагарна, метавонист ин гуна ҳарфҳоро ба забон биёрад?!

Бо мурур диққати дигарон низ ба вазъияти пешомада ҷалб мешуд. Ду нафар маъмуре, ки дуртар меистоданд, бо шитоб ба ҳамин сӯй қадам ниҳоданд.

Мирзо Улуғбек нигоҳҳои одамонро моломоли ҳасрат, ғазаб ва афсӯсу алам дид. Бо таваҷҷуҳ ба ин ҳол, билкул бегона будани худро дар ин ҷо ҳис кард. Дигар бас, бояд ба пас лағжида, номаълум баромада равад... Чунин ҳам кард. Хайрият, касе ба ӯ кордор нашуд.

Дар кӯча тараддуди одамон кам буд. Роҳрав аз фонусҳои хамгаштҳо камубеш равшан мешуд, равуокунандагонро ташхис додан[32] амри муҳол менамуд. Аҳёнан ҷиринг-ҷиринг садои шақилдоқи миршаб ба гӯш меомад. Мирзо Улуғбек ба куҷо мерафт – барояш аҳамияте надошт, ба ҳар самте бошад, аз ин ҷо дуртар равад шуд...

Ногоҳ аз сари хамгашти кӯча садои ваҳмангези миршабе баланд шуд:

– Биист! Куҷо меравӣ? Дар ин бевақтӣ чӣ кор мекунӣ?

Мирзо Улуғбек як лаҳза дудила монд ва бехост фикре ба майнааш заду гуфт:

– Ман мусофир ҳастам... Ба корвонсарой меравам... писар...

Ин суханро гуфта ҳис кард, ки дар гулуяш чизе дармонд. Мусофир! Дар шаҳри худ, дар кишвари хеш, дар диёри бобоӣ... мусофир!

Миршаб фонусро ба рӯйи Мирзо Улуғбек дошта, ба мусофир будани ӯ бовар кард магар, афзуд:

– Мегӯянд, дар шаҳр одамони шоҳи аз тахт рафта Улуғбеки Курагонӣ мегаштаанд. Аз султони Мовароуннаҳр Абдулатиф дастур омада, ки ҳар касеро аз ин қабил дучор омадед, ба зиндон андозед. Худо умр диҳад, ту ки аз он одамон нестӣ?

– Не-е! Ман куҷову одамҳои Улуғбеки Курагонӣ куҷо! Як нафар мискину бечора ҳастам... Аз Шош омадам, хонаю дар надорам, аз пайи сарпаноҳ мегардам.

– Қаблан ба Самарқанд омадаӣ? – боз пурсид миршаб, ки ба назари Мирзо Улуғбек сӣ-сию панҷсола менамуд. – Умрат зиёд бод, камубеш шаҳрро медонӣ?

Мирзо Улуғбек ҷавоб дод:

– Не... Аслан наомадаам... бори аввал аст, ки Самарқандро мебинам...

– Набошад, рост бо ҳамин роҳ меравӣ, дар чорраҳа ба чап мегардӣ, корвонсарой дар ҳамон самт аст. Роҳатро гум накун!

«Худоро шукр!», дар дил хушҳол шуд Мирзо Улуғбек ва ба фироргоҳ шитофт. Ҳар қадар ба корвонсарой наздик мешуд, бештар хотирҷамъ мегардид. Аҷиб, ӯ фикр накарда, ғайри ихтиёр ба ин самт меомад. Ҳамзамон дарк намуд, ки дигар ҷое ҳам надорад биравад. Ба наҳве, дунё ҳамин корвонсарой аст...

Дар тарафи чап аҳли корвони аз Исфаҳон омада ва дар ҷониби рост корвониёни расида аз Хутан бо умеди маскан гузидан ба ин сӯю он сӯй равуо

---

[32] **Ташхис додан** – фарқ кардан, ҷудо кардани чизе ё касе аз якдигар, бозшинохтан

доштанд. Саг соҳибашро намешинохт. Ҳамин дам бо ҳарос сухан гуфтани касе ба гӯш расид:

– Бояд тезтар ба роҳ бароем. Дигар намехоҳам дар ин ҷо бимонам... Ин кишвар нооpом шудааст.

Мирзо Улуғбек каме дуртар ду нафар абопӯшро дид, ки бо ҳам суҳбат мекарданд. Чеҳраи онҳо дар торикӣ дида намешуд. Дувумӣ гуфт:

– Каме нафасҳоро рост кунем, ҳанӯз сафарамон тӯлонӣ аст. Иншоаллоҳ, то сардии зимистон намонда ба Рум мерасем.

– Он мунодии[33] аспсавори подшоҳ дод зада чиҳо мегуфт?

– Султони Мовароуннаҳр Улуғбеки Курагонӣ аз тахт маъзул шудааст. Ба ҷойи ӯ писараш Мирзо Абдулатиф подшоҳиро гирифтааст. Мирзо Улуғбек гуреза будааст, агар корвоне ӯро бо худ гираду пинҳон кунад...

Дар ҳамин лаҳза аз самти чап аспе сахт шиҳа кашид, ба он аспи дигар ҳамроҳ шуд. Мирзо Улуғбек давоми суханро нашунид.

– ... Фаҳмидед? Аз ин рӯ шумо ҳам гӯшу ҳуш бошед!

Ҷони Мирзо Улуғбек дар дасташ буд, ният дошт бо корвоне ҳарчи зуд аз диёр баромада, ба тарафҳои ҳаҷ сар бигирад. Шояд, ба ин ҳам роҳҳо баста бошад...

Худро нишон надода каме дуртар рафт. Ба хотири ин ки ӯро нашиносанд, ба ҳар тараф чашм давонда, дар куҷо пинҳон шудан, чӣ хел гузаронидани шабро дар дил андешид. Воқеан, ба куҷо равад, сарашро ба кадом хилватҷо занад?

Ногаҳон Мирзо Улуғбек дар як гӯшаи самти рост одамонеро дида монд, ки дар нимторикии шаб рӯйи ҳам рехта менишастанд. Як дона шамъ равшан буд ва наздики сӣ нафар дар атрофи он ба мисли парвона ҷо хуш карда, бо кайфияти хуш доди ҳангомаро медоданд, барояшон нишебу фарозҳои дунё муҳим наменамуд. Мусофироне, ки манзилу макон надоранд, аз чӣ ташвишу ошуфтагӣ кашанд? Дар зери фонуси хирае, ки аз боло равшанӣ медод, ҳар кас аз пайи чизе буду бо коре машғул: яке барои хобидан хиштеро ба ҷойи болин мегузошт; дигаре мӯзаашро кашида пойтобаашро хушк мекард ва касе низ аллакай ба хоби маст рафта хуррок мекашид... Дар он ҷо як марди ғӯл одамҳоро даври худ ҷамъ карда ривоят мегуфт, дар дили суҳбат соқигӣ ҳам мекард – кам-кам ба атрофиёни худ май мерехт.

Мирзо Улуғбек дар назди ин гуруҳ, ки агар дунёро об барад парвое надоштанд, як лаҳза истод. Марди ғӯл тавaққуфи ӯро ҳис карда гуфт:

– Эй мусофир, бехаёл омадан гир, дили мо васеъ аст!

Ҳама ба ҷониби меҳмон рӯ оварданд. Дар як чашмзанӣ ду нафар ҷаста аз ҷо хестанду аз каши Мирзо Улуғбек гирифта ба давра кашиданд. Ҳамон лаҳза марди ғӯл ба ӯ косаи шаробро дода, бо хотирҷамъӣ гуфт:

– Ана, инро бардор! Агар не гӯйӣ, аз даҳонат мерезем, шарти мо ҳамин!

– Ман... Ман шароб намехӯрам, писарам... – худдорӣ кард меҳмон.

Марди ғӯл амр кард:

– Бигиредаш!

---

[33] **Мунодӣ** – ҷарчӣ, пайғомрасон

Фавран ду нафар ба танаш дарафтиданд ва ӯро ба замин хобонида ба даҳонаш май рехтанӣ шуданд. Мирзо Улуғбек аз ин амали онҳо ба танг омада, косаи шаробро ба даст гирифт ва дар дил илтиҷо кард: «Худовандо, худат бинову шунаво ҳастӣ! Ин заҳру зақуми дунёро, ки мехӯраму азобашро мекашам, маро биёмурз!» Ва чашмонашро пӯшида косаро сар кашид. Садои хурсандии ҷамъ ба ҳаво печид. Мирзо Улуғбек якбора таъсири майи баландро ҳис кард. Касе бо садои ҷарангосӣ ба марди ғӯл гуфт:

– Давомашро бишнавем! Ҳамин ҳозир Улуғбеки Курагонӣ дар куҷо бошад? Касе ӯро надидааст?

Чашмони Мирзо Улуғбек чун пиёла боз шуд. Гумон бурд, ки ҳузури ӯро дар ин ҷо пай бурдаанд, бо ҳарос ба сухан даромад:

– Улуғбеки Курагониро... дастгир кардаанд? – манзураш ин буд, ки таваҷҷуҳи нишастагонро аз худ дур кунад.

Марди ғӯл дар ҷавоб гуфт:

– На-а! Ҳанӯз на, лекин, аздусар дастгир мекунанд... То куҷо мегурезад, бечора...

Бечора! Чанде қабл дар Кӯксарой бегона буд, ба кӯча баромаду мартабаи мусофириро дарёб кард ва акнун ба сар тоҷи бечорагиро низ мегузорад...

Яке аз ҳозирин дар миёни сухан тохт:

– Қурбонат шавам, косаро гардон!

– Гардуни дун қурбони ин коса шавад! – илова кард дигаре.

– Ин гардуни дуну косааш қурбони ту шавад!

– Гапро напечон, шаробро рез!

Садои хандаю чақ-чақ дар атроф танин андохт. Косагардонӣ идома ёфт. Мирзо Улуғбеки сархуш қадаҳи навбатиро холӣ карда, бо оҳанги мулозимат ба марди ғӯл гуфт:

– Шоҳ... шоҳ нест, шоҳи асил худат будаӣ! Рез, писар!

Сафи одамони махмур зиёд шуда, давра торафт тунук мегардид. Бо зӯри май сари Мирзо Улуғбек давр мезад. Марди ғӯл низ аз ниҳояти мастӣ дар ҷо калавида менишаст. Ӯ ба замзамаи таронае пардохт. Мирзо Улуғбек бо кафи даст ба дӯши марди ғӯл зада таъриф кард:

– Шаробат гиро будааст... Қанд зан, бародар... хеле қавӣ будааст...

– Шароби Ургут! Роҳати ин дунё ҳам  ҳамин аст!

Марди ғӯл хамёзае кашиду барои хоб рафтан омодагӣ дид.

– Ман шоҳам..., – ногоҳ гуфт Мирзо Улуғбек ба ҳамроҳи худ нигоҳ карда, – шо-о-ҳ! Шо-о!

Марди ғӯл низ худ ба худ бепарво такрор кард:

– Оре, ҳамаи мо шоҳем.

– Аммо, ман шоҳи бузург ва ту шоҳи хурд ҳастӣ! Фаҳмидӣ?… Ҳо-ҳо-ҳо!

Аксарияти ҳамнишастон худро ба гӯшаю канор кашида, ба хоб рафта буданд.

Мирзо Улуғбек бо чашмони хуморӣ ба ҳамсуҳбати хеш дида дӯхт, вале марди ғӯл табассум бар лаб ба ғанаб мерафт.

– Ман рост мегӯям, наханд! – Мирзо Улуғбек марди ғӯлро такон дода бедор карданӣ шуд. – Оре, шоҳ манам! Ман подшоҳам, мефаҳмӣ?!

Марди ғӯл беҳавсала чашмонашро кушода баст:

– Хуб, хуб... Ту шоҳ ҳастӣ..., дирӯз ҳам подшоҳе омада буд...

Мирзо Улуғбек бо якравие, ки ба мастон хос аст, ба ҷониби ҳамроҳи худ дод зад:

– Ман Улуғбеки Курагонӣ ҳастам! Улуғбеки Курагонӣ! Донистӣ? Ман...

– На-а! Ту Улуғбеки Курагонӣ нестӣ! – бо фарёди марди ғӯл овози Мирзо Улуғбек дар гулуяш монд. – Ту Амир Темури соҳибқирон ҳастӣ, ту Чингизхонӣ! Шуд?! Бирав, дафъ шав аз назарам! Сояатро гум кун!

Марди ғӯл бо ғазаб гапзанон, дубора сари ҷо ёзиду ба хоб рафт.

Мирзо Улуғбек ба гирду атроф назар афканд. Нафароне, ки дар назди дарвозаи корвонсарой рӯйи ҳам рехта рафтуомад мекарданд, ҳоло ба ҷое ғайб зада, ба назар наменамуданд, садои мағалу ҳаёҳуи онҳо ба гӯш намерасид. Ҳамнишастонаш бошанд, бо хур-пуфҳои беохир байни ҳам сабқат мекарданд. Ҳамин дам ӯ равшан ҳис кард, ки дар ин дунё яккаву танҳо мондааст! Ҳеч касеро надорад. Падари бузургвораш хоқони саид Шоҳрух Мирзо се сол қабл даргузашта буд. Модари муътабараш Гавҳаршодбегим дар Ҳирот аст, хеле дур аз ӯ... Дар ин дам чӣ кор кунад? Эй Худо!

Мирзо Улуғбек дар оғӯши хаёлангезиҳо гузаштани вақтро надониста монд. Пас аз муддате оҳиста ба по хеста ба берун баромад, аммо ҳис намекард ба куҷо меравад. Ба ҳар ҳол, аз ҳамин корвонсарой бояд дуртар биравад. Нигаҳбон низ пинак мерафт магар, аз дарвоза осон баромад. Дар кӯча паша пар намезад. Мирзо Улуғбеки парешонҳол як он ба худ омад, аз таъсири май асаре намонд. Бо чашмони гурезон ба атроф назар афканд. Гӯё аз қафо як соя ӯро таъқиб мекард, надонист, аз миршабҳо буд ё... Ана, садои помонии аспҳо ҳам ба гӯш мерасад... Ӯ беихтиёр ба дав гузашт. Чанде баъд сари ҷо истоду гӯшҳояшро баст. Боз гӯш андохт. Возеҳу равшан овозеро, шояд садои миршаб буд ки, шунид: «Нагурезед!», «Нагурезед!» Ӯ аз аввала дида тезтар ба дав гузашт. Дар куҷо худро қоим кунам? Худоё, кош тавонад бо ҳамин дав аз ин дунё бадар равад!.. Азбаски ҳарсосзанон медавид, ғайри интизор, аз пешаш як чоҳи кӯҳна баромад. «Чӣ мешавад дар ҳамин чоҳ пинҳон шавам, – барқосо аз хаёл гузаронд ӯ, – ҳеч кас намеёбад». Шайх Фаридуддин Аттор низ ҷаҳонро ба чоҳ ташбеҳ дода буд. Шояд он ҳамин аст?..

Мирзо Улуғбек саросема ба чоҳ фуромад. Дар кафи хушки он зону зада, беовоз ба боло гӯш дод. Тамоми ҳастӣ ғарқи сукунат буд, болои сар фақат як лахт осмон ба чашм менамуду бас. Шигифто, акнун зиндагӣ, умр ва олам танҳо ҳамин як лахт осмон аст! Баногоҳ дар фарози чоҳ ахтаре равшан чеҳра боз кард.

– Насри Тоир! – зери лаб гуфт Мирзо Улуғбек ва беихтиёр тамоми баданашро ларза фаро гирифт. – Туро шинохтам! Омадӣ, аз ҳолам хабар бигирӣ? Эй дӯсти содиқи ман!

Ҳамон дам гӯё аз ҷониби ситора овозе ба гӯш расид:

– Устод! Устод…

Ситора нидо дармедод! Мирзо Улуғбек нохост сукунати оламро шикаста, бо дард ба гиря омад. Насри Тоир мисли ин ки намехост ӯро дар таҳи чоҳ танҳо гузорад, аз ҷояш наҷунбида наззора мекард. Садои илтиҷоомези ахтар шунида мешуд:

– Устод! Устод…

Мирзо Улуғбек гиряашро нигаҳ дошта худ ба худ гуфт: «Лоҳавло вало қуввата илло-биллоҳ! Лутфу эҳсони Худованд бекарон аст!»

– Устод! Устод…

– Ҳа, ҳа… Насри Тоир! Насри Тоир!...

– Устод! Устод… – ба такрор шунида мешуд овозе аз боло. – Ман Алии Қушчиам…

– Ҳа, ҳа… Насри Тоир! Насри ... Насри Тоири бадалшуда ба Алӣ Қушчӣ!

Мирзо Улуғбек ба як лахт осмон назар дӯхта, ба ғайр аз ситораи дурахшон чизи дигареро намедид.

– Аз қафоятон давида ба шумо нарасидам... Ҷое намонд, ки наҷуста бошам. Худоро шукр, пайдо кардам, устод...

Бе шак, ин садо ҳамонанди овози Насри Тоир буд... Мирзо Улуғбек худро дошта натавонист магар, дубора домани гиряро раҳо кард. Эй Худои ман! Ҳазорон шукр, ки ин бандаи ночоратро дар чоҳ танҳо нагузоштӣ!

– Ба боло бароед, устод! – маълум буд, ки Алии Қушчӣ аз буғзи гулугир ба танг омадааст, ба такрор мегуфт: – Устод… устод…

Дар ҳоле ки дилаш сабук мешуд, Мирзо Улуғбек бовар кард, ки ин дунё танҳо аз як лахт осмон иборат нест. Дар назари ӯ ҷаҳон бекарон, ахтарон беҳисоб ва умри инсонӣ бепоён намуд. Барои баромадан аз чоҳ ба сӯйи Насри Тоир саъй кард...

Дар ин маврид набераи дӯстдоштаи соҳибқирон Амир Темур, фармонравои Мовароуннаҳр, ки чиҳил сол тоҷи султониро ба сар карда буд, Мирзо Улуғбек ба хаёл ҳам намеоварл, ки танҳо як рӯз аз умраш боқӣ мондааст...

# ТОҲИР МАЛИК
# (1946 – 2019)



*Тоҳир Малик (Ҳобилов Тоҳир Абдумаликович) 27-уми декабри соли 1946 дар шаҳри Тошканд зода шудааст. Нависандаи мардумии Ӯзбекистон (2000). Яке аз асосгузорони асарҳои тахайюлӣ дар адабиёти ӯзбек. Маълумоти олиро дар факултаи журналистикаи Донишгоҳи давлатии Тошканд фаро гирифтааст (1969). Гузашта аз мактабу нашриёт, дар идораҳои дигар, чун рӯзномаи «Ленин учқуни» (Шарораи Ленин, раиси шуъба), Кумитаи радио ва телевизион, маҷаллаҳои «Гулистон», «Шарқ юлдузи» (Ситораи Шарқ: котиби масъул), «Ёшлик» (Ҷавонӣ, сармуҳаррир) ва Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон (ба унвони котиб) фаъолият намудааст.*

*Нахустин асари калонҳаҷми адиб қиссаи «Марги Ҳикмат-афандӣ» (1972) мебошад. Қиссаҳои илмӣ-тахайюлӣ ва саргузаштии ӯ бо номҳои «Ғубори заҳролуд» (1974), «Фалак» (1975), «Сафирони Роҳи каҳкашон» (1978), «Одамони ҷомонда дар чорраҳа» (1982), «Як кӯча, як шаб» (1983), «Алвидоъ, бачагӣ» (1989), «Тири охирин» (1990, 2018), «Шикор» (1995) маъруфанд. Бар асоси қиссаи «Тири охирин» филми телевизионӣ ба навор гирифта шудааст, ки иборат аз 7 қисм мебошад. Дар асари эпикии нависанда – «Парасту» (1987) мавзуи ташаккулёбии равшанфикрони ӯзбек дар солҳои 20-уми асри гузашта дар симои Абдулло Авлонӣ матраҳ меёбад. Романи «Шайтанат» (китоби 1, 1992; китоби 2, 1995; китоби 3, 1997; китоби 4, 2000, китоби 5, 2019) аз ҷумлаи асарҳои бузурги нависанда аст. Бар асоси он силсилафилми телевизионӣ бардошта шудааст. Ҳамчунин рисолаи илмӣ-таҳлилии «Роҳи тӯлонии ҷиноят» (2004) ва маҷмуи хотираю ёддоштҳо ва мақолаҳои адиб бо номи «Ҳиссиёти меҳмон» (2003) ба чоп расидааст. Дар заминаи сенарияҳои таҳиякардаи нависанда таҳти мавзуоти «Адабиёти замони Амир Темур» (1998), «Варахша», «Унвонаш – инсон» (1999), «Баҳри бекарон» (2000), «Салтанати зулмат» (2001), «Моштабиб» (2002) филмҳои мустанад коргардонӣ шудаанд. Қиссаи «Маъсума»-и нависандаи рус Фёдор Достоевский ва баъзе асарҳои намояндагони адабиёти ҷаҳонро ба забони ӯзбекӣ тарҷума кардааст.*

*Дар солҳои истиқлоли Ӯзбекистон яке аз нависандагоне, ки бештар аз ҳама китоб ба табъ мерасонад, Тоҳир Малик буд. Чунончи: «Кишанҳои нафс» (2011), «Номус ва қасос» (2011, 2017), «Калиди кохи саодат» (2011),*

*«Дилсахтон аз назарҳо дуранд» (2012), «Ҳаловат» (2013), «Бо эҳёи виҷдон» (2014, 2017), «Сиёҳдилӣ аз чист?» (2014), «Ҳалол чисту ҳаром чӣ» (2014), «Оҳ, очаҷонам» (2015), «Сухани гуфтанӣ дорам, домодҷон» (2015, 2019), «Кӯчаҳои ҷинзадаи шайтанат» (2015), «Ба ахтаронаш умед мебандем» (2015, 2016), «Ҳусни хулқ» (2016), «Саҳрои умедҳо» (2016-2020, осори мунтахаб иборат аз 13 ҷилд), «Хушбахтӣ ва бадбахтии нависанда» (2017), «Аз гумроҳӣ бипарҳез, эй инсон» (2017), «Дилсиёҳӣ аз чист» (2017), «Хушбахтӣ ва бадбахтии нависанда» (2017), «Ҳар ки бо ҳамтои худ хушбахт аст» (2017), «Мулки одамият» (2017), «Офтобатон нахуспад» (2017), «Ҳикояҳо» (2017), «Насибаи азалӣ» (2018), «Арӯси ороишёфта» (2018), «Оҳ, модарҷонам» (2018), «Охират» (2018), «Девори иблис» (2018), «Истгоҳ» (2019), «Кадхудову кадбонуҳо»[34] (2019), «Барои дафтари арӯсон» (Сабақномаи ҳаёт, 2019), «Нони пухта барои марҳум» (2019), «Мурдаҳо сухан намегӯянд» (2019), «Оқибат» (2019), «Талвоса» (2019), «Чашмони воруна» (2019), «Оби зиндагӣ» (2019), «Қаиқи ҳаёт» (2019, осори мунтахаб иборат аз 16 ҷилд) ва пас аз даргузашти адиб: «Сарои бахт» (2020), «Садқаи забонакам шавам» (2020), «Ҳалол чисту ҳаром чӣ» (2021)...*

*Нависанда Тоҳир Малик 16-уми майи соли 2019 дар Тошканд аз олам чашм мепӯшад.*

---

[34] *Ба ӯзбекӣ: Беклар ва бекажонлар*

## ДУОИ БАД

*(ҳикоя)*

Кӯдак мурда таваллуд шуд. Як рӯз нагузашта занаш ҳам ҷон дод. Рӯзи ҷаноза пас аз намози шом гумоштаи сардухтур омаду як халта сабзию пиёз, ним халта биринҷ, як рони гӯсфандро партофта рафт. Дар каллаи саҳар вакили дуюм пайдо шуд ва ба ҷоизаи давлатӣ пешбарӣ шудани сардухтурро ёдрас намуда, «бе шӯру мағал ором нишинед, хуб-мӣ?» гуфта бадар рафт. Бе ин ҳушдорӣ ҳам, ӯ ният надошт «аз дасти беэътиноии шумоҳо даргузашт» гӯён ба зоишгоҳиён даъво кунад. Чун бо фақирӣ натавонист ба онҳо ширинкомӣ диҳад, инак барои эътироз забонаш оҷиз буд.

Ҳамсараш мегуфт: «Бо таваллуд шудани бачаи чорум бас мекунем. Ҳаминҳоро ҳам калон карда ба воя расонем – кори калон». Оре, зан ба нияти худ расид, чорумиро низ ба дунё овард, аммо... Таваллуд карду дар канори худ гирифта рафт. Нигаҳбонӣ ва бузург кардани сетои дигарро бошад, ба зиммаи ӯ гузошт...

Калонӣ сенздаҳсола, хурдӣ ҳанӯз дуро пур накарда буд. Баъзеҳо ба марги муфоҷои ҳамсараш ва баъзеи дигар ба ҳоли худи ӯ таассуф хӯрданд. Ҳеч кас аз зиндагии пас аз марги рафтагон фикр намекунад, росташро бихоҳед, аз он огоҳ нест. Ҳаёти пас аз марг танҳо ба Парвардигор аён. Аммо ба сарнавишти марде, ки бо се фарзанд бева монд, хешу ақрабо бефарқ набуданд, онҳо аз фардои ӯ, аз қисмати бачаҳои ноболиғ нигарон шуданд.

Ба назар чунин менамояд, ки мушкили марди бева ҳалшуданист, агар бо зани дигар издивоҷ кунад, дубора бахти худро меёбад. Аммо бачаҳо чӣ, бахт ёфтани онҳо осон аст? Яқинан, ба хонаашон меҳрабонтарин модарандари дунё ҳам по ниҳад, ҷойи хушбахтии аз даст рафта пур нахоҳад шуд.

Ҳанӯз дар рӯзи ҷаноза фикри хонадор кардани Эргаш ба сари наздиконаш роҳ ёфт ва ин ният пас аз чиҳили зани марҳум ба забонҳо кӯчид. Азбаски Эргаш табиатан коҳилу танбал буд, на танҳо як қисм, балки аксари корҳои зиндагиро ҳамсараш анҷом медод. Дар канори ташвишҳои рӯзгор ҳам ба боғчаи назди ҳавлӣ вақт меёфт, ҳам ба дӯхтудӯзи либосҳои арӯсӣ барои навхонаҳо. Чун дар чор атроф бо дӯзандагӣ ном баровarda буд, ба хусус, ҳангоми ҷашнҳои арӯсӣ даст ба дасташ намерасид.

Пас аз даргузашти зан боғчаи назди ҳавлӣ бесаробон монд. Ранги рӯйи бачаҳо коҳида рафт. Бино ба урфу одати деҳотиён, марди бева то як сол хонадор намешавад, вале хешовандон ҷамъ шуда ин муддатро ба ду моҳ кӯтоҳ карданд. Бонуҳои дастбакор домани ҳиммат афшонда, дар яке аз деҳаҳои атрофи шаҳр зани беваеро барояш муносиб диданд. Ҳарчанд ҳусни ончуноне

надошт ва ду бор шавҳар карда буд, бефарзандии ӯ ба Эргаш маъқул омад. Хешовандон даври ҳам ҷамъ шуда, никоҳи онҳоро бастанд.

Ҳамсари нав Раҳима ном дошт. Хеле зираку чобук буд, дарҳол гирумони рӯзгорро ба уҳда гирифт. Ба мисли чобукии дасту по забонаш низ тез буд. Ҳафтае нагузашта шавҳари лавандро[35] ба коми оташи гап афканд. Ҳамин ки пай бурд, суханҳои нешдораш ба мард асаре надорад, оғоз кард ба рехтани заҳри дашному хашм ба сари бачаҳо. Эргаш бефарзанд будани ӯро дониста, умедворона дар худ меандешид: «Ба нохун ки зор аст, бачаҳоямро навозиш хоҳад кард». Оре, дар асл Худованд дили занони бефарзандро ба ятимон гарм месозад, ба онҳо меҳру муҳаббат ато мекунад. Вале миёни ин гуна бонувон занҳои дилсарду аламзада низ вомехӯрдаанд. Ҳамсари нав ба номи худ муносиб набуд, гарчи исми «Раҳима»-ро дошт, аз саҳни қалбаш бӯйи раҳму шафқат намеомад. Агар чархи рӯзгорро худи Эргаш мегардонд, шояд ҳам ӯ ин қадар дасту забони дароз намедошт? Аз як сӯ аламои бефарзандӣ, аз ҷониби дигар танбалию коҳилии шавҳари ношуд деги қаҳру ғазаби ӯро беш аз пеш ба ҷӯш меовард...

Раҳима шавҳари аввали худро нағз медид. Чӣ чора, зиндагиаш бо ӯ танҳо панҷ сол давом кард. Дувумӣ низ бад набуд, лекин ӯ ҳам умедвори фарзанд мегашт. Шавҳари нав бошад, ин орзуро надорад, фақат ғами шикамро мехӯраду бас. Раҳима, нохудогоҳ, намехост ба пешомади умр шукр гузорад, ӯ ба сарнавишти худ лаънат хонда, нахуст ба шавҳар, сипас ба бачаҳо дуои бад гуфтан гирифт. Ҳарчанд аз бадгӯйӣ даст намекашид, ба хӯрду хӯроки бачаҳо мерасид. Аз шустани домону эзори фарзандхонди хурдӣ ҳазар намекард. Аз ин рӯ, Эргаш ба ҳама заҳру зақуми вай тоқат меовард.

Ӯ сабр мекард, аммо барои бачаҳо сахт буд. Дар баробари садою шавқуне, ки аз хонаи онҳо баланд мешуд, холаҳои зираки гӯшбадар низ таҳаммулро аз даст доданд. Иттифоқан, боре хоҳарарӯси калонӣ ба меҳмонӣ омад. Дар ҳузури ӯ бачаи дуюми Эргаш ба рӯйи дасторхон чой рехт. Аз ин Раҳима дар ғазаб шуда, «ҳе, ятими шум!» гӯён ҳақорат доду як торсакӣ ба рӯяш фуровард. Ҳамин дағалӣ барои бархестани шӯру қиём кофӣ буд. Ду зани дастбагиребон мӯйҳои худро фақат наканданд, бе муҳобо, бо неши забон ба якдигар кафан дӯхтанд. Дар ниҳоят, Раҳима дод зад: «Агар ба ин сағираҳо раҳмат меояд, гирифта бар!» Хола низ кам наомад: «Мебарам бо худам! Акнун донистам, ки Худо туро беҳуда назадааст!»

Ин дам Эргаш дар чойхона бо ошноёни худ хушҳолӣ мекард. Ҳангоми хуфтан ба манзил ширакайф баргашта ба манзараи аҷибе рӯ ба рӯ шуд: ҳамсараш дар айвон нишаста, ба сари як лухтаки дасту поканда сӯзанҳоеро мехалонд. Ҳеч ба хаёлаш наомад, ки ин лухтак аз куҷо пайдо шудааст, чун писарон аслан лухтакбозӣ намекарданд. Ӯ аз ҳаракатҳои ҳамсар чизеро нафаҳмида карахт монд. Раҳима омадани шавҳарро дид, вале аз ҷо наҷунбида корашро давом дод. Гӯшу ҳуш ба даҳони шавҳар буд, ки чӣ кор кардани вайро бипурсад. Чанд лаҳза Эргашро лолу бепарво дид, тоқат накарда худаш ба забон омад:

---

[35] **Лаванд** – танбал, коҳил, ноуҳдабаро

– Ҳа, кӯча – хандон, хона – зиндон, омадед?

Эргаш бо нигоҳҳои хира ба сӯйи ӯ, лаб ба сухан кушод:

– Омадам, ту чӣ кор мекунӣ?

– Сеҳру ҷоду.

– Ин чӣ гап?

– Имрӯз хоҳарарӯсатон омаду хоида-хоида рафт. Ба хоҳарзодаҳояш дилаш сӯхтааст, бо худ гирифта бурданӣ. Нағзии мана нафаҳмиданд, хешу таборатон, шумо ҳам намедонед. Худо гирад, ҳамаатона! Мана, ки бад дидаед, акнун мебинед бадӣ чӣ хел мешавад. Бачаҳоятона ана ҳамин хел ҷоду мекунам. Агар холаашон пагоҳ омада набарад, ҳар се пасу пеш дам назада ҷон медиҳанд. Дигар мумкин нест бачаҳоятон дар ин хона бимонанд, ҳатто аз кӯчаи пушти хона гузаранд мемиранд. Мана аз хона бадар меронам гуфта овора нашавед, фолбин сеҳру ҷоду кард, ба маҳзи ин ки аз манзилатон берун равам, бачаҳоятон сар мекунанд ба ҷон бохтан. Дигар бароям муҳим нест, ҳар коре хоҳед кардан гиред!

Бо шунидани ин суханҳо вуҷуди Эргаш ях баст. Агар ҳамсараш сухани охирро намегуфт, бешубҳа, мушташро ба кор мебурд, ӯро зада-зада кафши пояшро пеш мегузошт. Ин бор ночор монд, ҳатто натавонист сухане сахттар ба ӯ гӯяд. Даст ба пешонӣ заду ба ҳавлӣ баромад ва як дам карахт истода монд. Сипас, бетааммул роҳи хонаи боҷаашро пеш гирифт. Хоҳарарӯс бо табъи хира ба пешвозаш баромад. Ҳамин ки як-ду пиёла чой хӯрду аз қисмати бачаҳо сухан оғоз кард, зани боҷа захри дили худро ба рӯяш рехт. Эргаш гуфт: «Гуноҳи ман чист? Ин занро магар худам ёфта хонадор шудам?» Вале аз дасти зан раҳоӣ надошт. Хуб шуд, ки дар хусуси сеҳру ҷодуи Раҳима лом-мим нагуфт. Агар дуоҳои бади ӯро ба забон меовард, бешак, дар зери дӯли бало мемонд. Вақте ки базӯр лаб ҷунбонда, хоҳиш кард, ки «оё бачаҳоям метавонанд то ба инсоф омадани ҳамсарам дар хонаи шумо бимонанд?», хоҳарарӯс аз фардо намонда овардани хоҳарзодаҳои худро хабар доду мушкилашро осон намуд. Ба ин қарор боҷаааш низ мамониат накард.

– Ризқи ҳар як ятим бо худаш аст. Ин тақдир имтиҳоне барои ҳамаи мост, ба баҳонаи бачаҳо амалҳои савобамон бештар хоҳад шуд, – гуфт ӯ, гарчи ҳис мекард ба болои чаҳор фарзандаш афзудани се бачаи дигар гардиши аробаи зиндагиро мушкил месозад. Вале дар ин хусус чизе нагуфта, ҳангоми хайрухуш ба гӯши Эргаш хонд: – Насиҳатро ба ҳамсари худ канда накун, бояд бифаҳмад, ки дили ятимро озурдан гуноҳи кабир аст, оқибат ҷазои сахт дорад, – боз ҳам, «дар ин гуноҳ ту низ шарик ҳастӣ», гуфтанӣ шуду аммо ба ҳурмати боҷагӣ худдорӣ кард. Эргаш бошад, ин ҳушдориҳои боҷаашро ҳамчун суханҳои одие, ки ба кӯйи фаромӯшӣ супурда хоҳанд шуд, пазируфт.

Барои Раҳима аз манзил рафтан ё нарафтани бачаҳо аҳамияте надошт, лекин ҳеч гоҳ намехост онҳо дар ин хона бимиранд. Ин суханро танҳо ба хотири тарсондани шавҳараш гуфта буд. Писари калонӣ – Йӯлдош бошад, аз дарзи дар ба сари лухтак сӯзан задани ӯро дида менишаст. Ӯ, ки ҳанӯз наврасе беш набуд, бо шунидани суханҳои модарандар ба ларза омад. Агар сеҳру ҷоду ва ҳарфи марг бадани Эргашро сард намуд, Йӯлдош наздик буд аз ҳуш равад.

Дар сурате ки бача пас аз даргузашти ногаҳонии модар ҳанӯз ба худ наомада буд, бо шунидани марги эҳтимолии додарони худ сахт тарсид. Ҳатто фикре ба сараш зад, ки  нисфи шаб додаронро гирифта фирор кунад. Лекин, «фардо шуморо бо худам мебарам» гуфтани холаашро ба ёд оварду аз фикраш гашт.

Хола ба аҳди худ вафо кард, дар дили субҳона ба хонаи онҳо омад. Йӯлдош аз тарси ҷангу даъвои модарандар, бо вуҷуди надоштани иштиҳо, нон хоида менишаст. Холаро дида, мисли кабки аз қафас раҳида осуда нафас кашид. Хушбахтона, ӯ нанишаст, ба хотири ин ки хархашаи дирӯза идома наёбад, гуфт:

– Йӯлдошҷон, писарам, чизучораатона тез ҷамъ кунед.

Йӯлдош ҳанӯз дишаб сарулибос ва дафтару китобҳои худро омода карда буд. Ҳамин ки ба додаронаш гуфт, «ба хонаи холаамон рафта бозӣ карда бармегардем», ҳар ду хушҳол шуданд. Аммо худаш як лаҳза аз тарк кардани ин манзили азиз, ки гӯё дар он руҳи модараш доиман равуо дошту бӯйи хуши оча дар ҳама гӯшаю канор вазида меистод, руҳафтода шуд, дилаш намехост аз ин гӯшаи муқаддас батамом дур шавад...

...Ҳис мекард, шабонгаҳ модараш ба хона меояд. Ӯ худро ба оғӯши модар, ки ба мисли шабаҳи сапедгун намоён мешуд, меафканд. Ҳар ду бо ҳам ба сухан медаромаданд...

...Аз ин пас... агар модараш ояд, кӣ ӯро пешвоз мегирад? Модар онҳоро наёфта ошуфтаю парешон намешавад?..

Ба роҳ уфтоданд. Йӯлдош ягон бист қадам ниҳода ба қафо нигоҳ кард. Дар назди дарвоза модарандарро дид, ки ҷорӯб мезад, ба шигифт омад. Дар ин лаҳза холааш низ ба пас чашм дӯхта, қасди ҷорӯбзании занро донист магар, бо хашм овоз баровард: «Э ҳамон ҷорӯбат аз сарат монад!» Кадбону ҳар гоҳ ба хонааш баргаштани меҳмони номақбулро нахоҳад, ба маҳзи рафтани вай аз дунболаш ё кӯчаро мерӯбад, ё сангак ҳаво медиҳад. Бачаҳою хола пас аз ҷорӯбзанӣ сангак партофтани Раҳимаро надида монданд.

Дунёи хаёлангезиҳои бача бепоён аст. Бузургсолон ба марги наздикони худ тез одат мекунанд, вале хурдсолон на. Марҳум дар хаёли онҳо ҳамеша зинда аст. Пас аз ҷойгир шудан дар хонаи хола, ҳамон шаби аввал Йӯлдош ба вараҷа омада, ларзида сари по хест. Дар ин ҷо низ ба роҳи модар чашм дӯхта нишаст. Чанд бор сар гардонда, ба додаронаш синчакорона назар афканд. Суханҳои модарандарро дар хусуси сеҳру афсун ба ёд овард, дубора сари ҷо такон хӯрд.

Рӯзи дигар, қабл аз раҳсипор шудан ба мактаб, ба додарони худ бо таъкид гуфт:

– Ба хонаи худамон наравед, ҳатто аз кӯчаамон нагузаред!

Хурдӣ маънии таъкиди ӯро дарк накард, сар ҷунбонда монд. Аммо миёнгин пурсид:

– Барои чӣ?

Йӯлдош ӯро тарсонданӣ шуда афзуд:

– Агар очаи ӯгаямон бубинад, калтак мезанад.

Рӯзҳо сипарӣ мешуданд. Йӯлдош бо ёди падар гоҳу бегоҳ аз назди чойхона мегузашт. Бо мурури вақт ҳам худаш, ҳам додаронаш ба камдидории падар хӯ мегирифтанд. Ҳарчанд рӯзҳои аввал додарон «ба назди додо равем» гӯён доду бедод мекарданд, ба оҳистагӣ аз ин инҷиқӣ даст кашиданд.

Ба ин ҳол Эргаш низ одат кард. Манзили боҷааш дур набуд, метавонист ҳар рӯз рафта аз бачаҳо хабар гирад. Агар Раҳима ҳам ӯро медид, ба гумон буд, ки «ба хонаи бачаҳоят сертараддуд шудаӣ» гӯён ғавғо роҳ андозад. Вале ӯ аз дастхолӣ рафтан хиҷолат кашида, пайваста дунболи баҳона мегашт ва рӯз то рӯз аз онҳо дур мешуд. Ба чойхона бошад, агар як рӯз саре намезад, худро гум мекард, наметавонист дуртар аз ошноёни он хилватгоҳ бимонад. Чун барои расидан ба дидори бачаҳо намешитофт, бо гузашти рӯзҳо одат кард бе ёди онҳо зиндагӣ ба сар барад...

Агар падар ин гуна рафтор кунад, оё дар дили бача ҳисси пазмонӣ боқӣ мемонад? Йӯлдош ҳар қадар ба бепадар зистан хӯ мегирифт, ҳамон қадар бемодарӣ барояш сахт мегузашт. Падарро ёд накарда гаштан осон менамуд, вале тоб овардан ба дурӣ аз хона басе мушкил буд. Йӯлдош аҳёнан модарандарро дур дида, ба хонаашон рафта даромаданӣ мешуд, аммо ҳарфи ҷодуву марг ба ёдаш омада аз шасти худ мегашт. Як рӯз додари хурдӣ худсарона ба хонаи падар рафтанӣ шудааст, ки ӯро базӯр нигаҳ доштаанд. Йӯлдош аз мактаб омада ин хабарро шуниду бадтар тарсид.

«Дигар мумкин нест бачаҳоятон дар ин хона бимонанд, ҳатто аз кӯчаи пушти хона гузаранд мемиранд»... Йӯлдош ба ин сухан бовар мекард, чунин мепиндошт, ки дар кӯчаашон ҳам аз пайи додарон ва ҳам аз дунболи худаш аҷал метозад. Ӯ наметавонист ин дардашро ба хола гӯяд, бешак, вай рост рафта бо Раҳима додубедод мекард ва модарандар боз ҳам бештар дами сард мезад. Ӯ аз ин пешомад ҳарос дошт.

Ниҳоят, Йӯлдош фикру хаёлкунон роҳи наҷот аз ҷодуро пайдо кард. Нисфи шаб по шуд, «мурдан бошад худам бимирам, ба додаронам даст назанад шуд» гӯён, ба самти хонаашон роҳ пеш гирифт. Бо дили тарсолуд қадамзанон то назди дарвоза омада истод. Ҳамин лаҳза, гӯё дари одамгузар дар мобайни дарвозаи оҳанини дулинга ғиҷирросзанон боз шуд. Ба назараш чунин намуд, ки аҷал дар симои модарандар ба сӯяш хез зада гиребон мегирад. Ба ваҳм омад, дар худ ларзид. Аммо, на дар кушода шуду на аҷал ҳамла кард. Баръакс, ҳавлӣ ба назар нуронӣ тофт, мисли ин ки модараш дар паси дарвоза қадам мезад. Беихтиёр даст ба дар бурд, лекин натавонист боз кунад. Модараш ба қафои дарвоза ҳеч гоҳ танба намегузошт. Бо нияти ин ки «Худованд ба хонаамон барака медиҳад», ҳар шаб дари хурди дарвозаро нима боз мемонд. Бо қадам ранҷа фармудани Раҳима бошад, ҳар шом, ба маҳзи ин ки пардаи торикӣ атрофро фаро мегирифт, танбае ба пушти дарвоза мехобид. Боре ба танбеҳи падараш, ки гуфта буд: «Ин қадар метарсӣ, магар гург мехӯрад?!», модарандар ҷавоб дод: «Урусҳо мақоле доранд: худатро эҳтиёт кунӣ, Худо туро эҳтиёт кунад!» Йӯлдош он дам одати модарандарро фаромӯш карда, дари одамгузари дарвозаро кушоданӣ шуда буд...

Ҳарчанд он шаб аҷал ба ӯ даст наёфт, тамоми рӯз бо тарсу ваҳм гашт. Ранги парида ва ба хӯрдан майл накарданаш аз чашми хола дур намонд. Вай «беморӣ-чӣ?» гӯён, ба пешониаш даст гузошт, бо меҳрабонӣ аз гунаҳояш бӯсида монд.

Аз миён ду рӯз гузашту дубора ба кӯчаашон рафт. Ин дафъа зиёд натарсид. Аз Худо илтиҷо кард: «Илоҳӣ, дуои бади очаи ӯгаям маро бигирад!»

Дигар, ҳар шабе, ки хобаш мегурехт, аз ҷо хеста ба самти хонаашон мерафт ва ин кор барояш одати муқаррарӣ шуда монд. Як рӯз аз хола пурсид:

– Агар касеро дуои бад кунанд, он то чанд рӯз иҷобат мегардад?

Хола зани зирак буд. Манзури ӯро фаҳмида, сарашро навозиш карда гуфт:

– Намурдамонда – очаи ӯгаят дуои бад карда буд? Натарс, нафрини ӯ ҳеч каса намегирад.

Йӯлдош бо ҳайрат пурсид:

– Барои чӣ?

– Чунки ин гуна одамҳои бадхӯ ба Худо ҳам хуш намеоянд. Дуои бади онҳо худашона мегирад. Худо одамони баднията дӯст намедорад. Вале касоне, ки хушниятанд, дӯстони Худоянд. Ту, писарам, бузург шудӣ, лекин додаронат ҳанӯз хурд, намефаҳманд. Очаи ӯгаят инсони хуб набошад ҳам, ту ба вай бадӣ нахоҳ. Агар бадӣ накунӣ, Худо ба ту меҳрабон мешавад...

Модараш ҳам мудом мегуфт: «Касе, ки хубӣ кунад, Худо ӯро нек бинад». Ду ҳафта қабл аз маргаш либосвории як духтари тозаарӯсро дӯхта буд. Ҳарчанд дар деҳаашон дӯзандагӣ кори мардон набуд, Йӯлдош ҳар доим мехост дастёри модар бошад. Ҳатто дасту панҷааш ба баъзе корҳои дӯхтудӯз мепечид. Наварӯс омада либоси барояш дӯхтаро пӯшида имтиҳон кард ва ҳамон замон чашмонаш пури об шуд. Модар тааҷҷуб карда пурсид: «Оё домодро дӯст намедорӣ, бо зӯрӣ ба шавҳар медиҳанд?» Духтар лаби поинашро газида, бо чашмони ашколуд нигоҳ карда меистод. «Агар ҳозир маъқул набошад, бо гузашти вақт якдигарро мефаҳмед, нороҳат нашав. Тақдири духтар чунин сахтиҳоро дорад», гуфта дил дод модар. Сипас наварӯс боиси гиряашро арз карда изҳор намуд, ки аз ночорӣ наметавонад ҳаққи усторо диҳад. Он замон модар аз пешонии ӯ бӯса бардошта гуфт: «Хоҳарҷон, ин дӯхтудӯзи ман барои арӯсиат як хидмати холисона аст, аз ман тӯёна! Худо ин дафъа ба ман духтар диҳад ту низ барои савоб хидмате хоҳӣ кард». Наварӯс хурсанд шуда, такрор ба такрор изҳори ташаккур карда рафт ва модараш он дам афзуда буд: «Ризқи моро Худованд худаш медиҳад, агар нағзӣ кунӣ, ба муҳаббати Парвардигор сазовор хоҳӣ шуд».

«Чун ба ҳама хубӣ мекард, Худо ӯро писандида ба назди худ бурд?», бо бехабарӣ аз савдоҳои ин дунёву охират побанди чунин андеша буд писар.

Бе насиҳати хола ҳам, Йӯлдош ба модарандар нияти бад надошт. Ӯ фақат мехост падар аз ин зани шаддод ҷудо шавад ва якҷоя бо ваю додаронаш зиндагӣ кунад...

Завқи Йӯлдош ба илмомӯзӣ баланд буд. Аз пайи таърифҳои устодон холааш розӣ шуд ӯро ба яке аз литсейҳои шаҳр барад. Ҳарчанд харҷи таҳсил

ба харҷҳои оила сарборӣ мешуд, хола ёди руҳи хоҳар карда, ин корро низ ба дӯш гирифт. Хушбахтона, ин заҳмат ҳамагӣ се-чор ҳафта тӯл кашид. Одобу зеҳни расои Йӯлдош холаашро аз мушкилоти ба бор омада наҷот дод. Дар литсей дар паҳлуяш писари сарватманде менишаст. Чун бо ҳамдигар ҳусни дӯстӣ гирифтанд, пайваста ба дарсҳои ӯ ёрӣ мерасонд. Ҳатто «муаллим»-е гардид, ки ба ӯ дарсҳои иловагӣ мегузашт. Хулқу атвори Йӯлдош ба волидайни дӯсташ мақбул омаду як хонаро дар манзили худ ба ӯ ҷудо карданд. Мизбонҳо бо андешаи «ятимро соя бар сар фикан» бо мурувват пайваста ҳавои ӯро доштанд. Аз сӯйи дигар, дастгириҳои писари ягонаи хонавода барояш неру мебахшид. Ҳарчанд барои корубори манзили бузурги дӯсташ хидматкорон буданд, ӯ низ бисёр корҳоро анҷом медод ва соҳибони хонаро хурсанд месохт.

Аз миён ду сол гузашт. Йӯлдош дар ин оила то мақоми фарзандӣ иззат ёфт. Бо ин ки нозпарварди хонавода зеҳни тез надошт, саъй мекард дониш омӯзад. Каму костиҳои худро бо ёрии Йӯлдош рафъ мекард ва аз пайи ин талошҳо ҳар ду ба донишгоҳ дохил шуданд. Дар соли сеюми таҳсил ҳама шарту шароити озмуни дорулфунуни хориҷаро ба ҷо оварда, бо ҳам ба хондан рафтанд.

Йӯлдош забони инглисиро хуб медонист, аз ин рӯ, берун аз кишвар бо донишҷӯёни хориҷӣ зуд забон ёфт. Барои дӯсташ бошад, овозаи «дар хориҷа таҳсил карда омадааст» кифоя буд магар, ба донишомӯзӣ зиёд руҷуъ накард. Ба зебосанаме ошиқ шуда, аз дарсхонӣ ҳавсалааш гурехт, Йӯлдошро ба ҳоли худ гузошт...

Хобгоҳашон дар наздикии як бешазор буд. Йӯлдош вақтҳои фароғати худ, ба хусус, якшанбеҳоро дар зери дарахтон танҳо мегузаронд. Дар яке аз чунин рӯзҳо ногаҳон ҷангал оташ гирифт. Дар тасаввураш намегунҷид, ки рӯйи заминро чунин офате низ фаро мегирад. Бо дидани оташсӯзӣ ба як дуои куҳансолон имон овард, ки беҳуда нагуфта будаанд: «Худовандо! Аз балои обхезиву офати оташу туҳмати ноҳақ бандагонатро нигаҳ дор!» Балои обхезӣ – селҳои сахт дар кишвараш ҳам зиёд рух медиҳад. Бо ин ки худаш рӯ ба рӯ нашудааст, шунида ва хонда буд, ки туҳмати ноҳақ чӣ қадар фоҷиаю оқибати нангинро ба бор меоварад. Лекин ба ин гуна офат, ки гӯё кӯҳи оташе буду ҷангалро ба коми худ фурӯ мебурд, нахустин бор дучор омад. Ба назараш, аждаҳои садсарае дар бешазор макон дошту беист аз даҳонаш оташ пуф мекард. Насиму шаббодаи саҳарӣ аз кадом ҷое ҷоннок шуда, ба боди тезу тунд табдил меёфт ва забонаи оташро аз як шоха гирифта ба шохаҳои дигар мезад. Навдаҳои хомхушки дарахтоне, ки чандин ҳафта беоб монда буданд, ба алангаи оташ тоб наоварда босуръат месӯхтанд. Доманаи оташ паси ҳам кулбаҳои дар васати дарахтзор бударо печонида мегирифт. Одамони чобук фирор мекарданд, боқимонда зинда ба зинда месӯхтанд.

Аз ин даҳшати табиат Йӯлдоши парешону ошуфта низ бо роҳи омадаи худ ба қафо гурехт. Ҳамин ки аз назди як кулбаи оташгирифта мегузашт, садои доду фарёди духтаронаро шунид. Ҳарчанд ҷони худаш бар рӯйи қил буд, сари ҷо истод, лаҳзае гиҷ монд. Ҳамин ки аз пушти тиреза дар миёни забонаҳои аланга чашмони барҷастаю ваҳшатгирифтаи духтаракеро дид, бе истиҳола

худро ба он сӯй зад. Дари даромад, ки ба коми оташ фурӯ мерафт, қуфл дошт. Йӯлдош бо тамоми қувват зада-зада дарро кушод. Филфаврр ба дохил қадам ниҳода, духтари аз дуду оташ хафашудаи беҳушро рӯйи даст бардошт ва дарҳол ба ақиб баргашт. Баромадгоҳ дигар ба чашм наменамуд, аз ҳар сӯй дар ҳисори камонаи оташ мемонд. Фурсати чораҷӯйӣ наёфта, таваккул худро ба доми аланга зад. Ҳамин ки давидаю ҷаҳида ба берун баромад, ҳам сарутани худаш ва ҳам либосҳои духтар аз дами оташ дармегирифт. Чеҳрааш аз сӯзиш лаввас мезад, дилаш беҳузур гардида, фалак гӯё дар гирди сараш мечархид. Сояи касе ба дидааш тофт...

Йӯлдош дар бемористон ба ҳуш омада дарёфт, ки ҳамон лаҳзаи аз по афтидан соҳиби хона расида, оташи баданашро хомӯш карда, бо мошини худ ӯро аз дӯзахи бало наҷот додааст. Падаркалони духтар худро бо номи мистер Белден шиносонда, ба хотири наҷот додани ягона набераи ҳамрозу ҳамдардаш изҳори сипос кард. Мистер Белден рӯзе ду бор ба дармонгоҳ меомад, аз ҳоли Йӯлдош хабар гирифта, то дервақт ҳангома дода менишаст. Боре дар суҳбатҳои худ нақл кард, ки писарашу ҳамсари вай дар як тасодуми роҳ ҳалок шудаанд ва ӯ бо набераааш танҳо мондааст. Йӯлдош кори савоби хешро қаҳрамонӣ намеҳисобид, аз мӯйсафед ҳам тамаъе надошт. Ҳатто, вақте ки донист харҷҳои ин бемористони гаронқиматро бобо пардохт кардааст, хиҷолат кашид.

Пас аз шифо ёфтан мистер Белден Йӯлдошро ба маркази шаҳр, ба хонаи қасрмонанди худ бурд. Ба ӯ гуфт, ки барои аз байн бурдани доғҳои сӯхтагӣ бо шифокор суҳбат кардааст. Сипас Йӯлдошро ба шигифт оварда изҳор намуд, ки «ин ҳама молу мулкамро ба набераам бахшида будам, ту ҷони ӯро аз ҳалокат наҷот додӣ, аз ин рӯ, ту низ баробар шарики мерос ҳастӣ». Йӯлдош ҳарчанд аз ин илтифот саркашӣ кард, ӯ тасмими қатъӣ гирифтани худро гуфта, хоҳиш намуд, ки дар бораи худашу оилааш муфассал нақл кунад. Йӯлдош ҳар он чиро, ки аз сар гузаронда буд, бар рӯйи суфраи ҳасрат нарехт. «Пас аз даргузашти модар падарам зан гирифт, ману ду нафар додарам ба хонаи холаамон рафтем. Додаронам ҳанӯз ҳам бо холаам зиндагӣ мекунанд», гуфт ӯ сарнавишташро хулоса карда. Мистер Белден суроғаи холаашро пурсид ва афзуд: «Мехоҳам ба рамзи миннатдорӣ ба додаронат ҳадя фиристам». Йӯлдош суроғаро дод, вале ҳеҷ гумон накарда буд, ки мӯйсафед пули зиёде ирсол мекунад.

Шавҳари холаи Йӯлдош аз ҳошияи дашту саҳро берун нарафта, ҳеҷ гоҳ тасаввур намекард, ки дар дунё воситаҳои пулрасони тезкоре вуҷуд доштааст ва метавонанд дар як муддати кӯтоҳ чанд ҳазор доларро аз кишвари он сӯйи уқёнус ба ин деҳаи дурдаст расонанд. Вай хабари ба шаҳр рафта пул гирифтанро шунида, аввал бовар накард. Ба андеша фурӯ рафт. Ин хабарро як нафар дӯсти Йӯлдош, ки дар шаҳр бо ҳам мехонданд, расонда буд. Намедонист, ки ба чӣ сабаб ин қадар пулро барояш фиристодаанд. Шавҳари хола ба изтироб уфтод. Дар солҳои наврасию ҷавонӣ роҷеъ ба ҷосусони хориҷӣ бисёр шунида буд ва нахустин гумон ӯро ба ҳамин хаёлҳо бурд. Бо фикри ин, ки «Йӯлдош ҷосусӣ кардаасту барояш пул додаанд», аз рафтан ба шаҳр

худдорӣ намуд. Ин қарорашро ба ҳамсари худ гуфт, ӯ низ тасдиқ кард. Зану мард дар доми ҳавлу изтироб монданд. Дӯсти Йӯлдош аз хонаи онҳо баргашта, воқеаро аз тариқи интернет шарҳ дод. Сипас Йӯлдош дар хусуси оташсӯзӣ чизе нагуфта, кӯтоҳу мухтасар фаҳмонид, ки дар ин кишвар ба як одами ҳимматбаланд вохӯрдааст, пули фиристодааш ҳалол аст, натарсида ба таъмиру навсозии хонаашон ба кор баранд. Дӯсташ ин суханҳои ӯро ба диск нигошта, нотбукашро гирифта ба деҳа рафт. Дискро гузошту нишон дод. Дар ин як сафҳаи хурдак ба муъҷизае рӯ ба рӯ шуда, хола ва шавҳари ӯ дар тааҷҷуб монданд.

Ниҳоят, ба шаҳр рафта ҳадяро гирифтанд. Худи ҳамон рӯз овозаи пул дар деҳа паҳн шуд. Бешубҳа, то гӯши Раҳима низ расид. Ӯ норизо, бо лаҳни дилтангӣ гуфт:

– Оҳ, нобакор! Додояш зинда асту вай пула ба почааш мефиристад?!

Бо гуфтани ин сухан майнааш ба дард даромад. Дору хӯрд. Ба худ омада бо ғазаб талаб кард:

– Равед, латта барин поя ҷамъ карда нашинед ин ҷо! Ҳаққи худатона талаб кунед!

Чун ҳамсараш ба ҷону ҳолаш намонд, Эргаш дили хоҳу ноxоҳ аз ҷо хест. Рӯз торик нашуда буд. «Боҷа ҳанӯз аз саҳро наомадагист» гӯён ба чойхона даромад. Дар он ҷо низ сари суҳбатро аз пул оғоз карданд:

– Писарат пулёбу бадавлат шудаасту ту ҳанӯз биникашол мегардӣ?!

– Вай фақат ба паққос задани оши тайёр усто! Харҷи оши пагоҳ ба уҳдаи ҳамин!

– Боҷаат панҷоҳ ҳазор гирифтааст, ба ту чӣ қадр мерасад аз он пул?

Сухани охир ҳайратовар буд, чаро ки хабари ба хонаи вай расида дар хусуси бист ҳазор доллар мерафт. Вале барои Эргаш гуфтаи чойхонагиҳо рост менамуд, на сухани занаш. Нооаром шуд, даромадани торикиро мунтазир намонда, бо қасди гирифтани нисфи панҷоҳ ҳазор ба роҳ баромад. Боҷа ба рӯйи кати ҳавлиаш менишаст, аз ҷо хеста ба ӯ салом дод. Хоҳарарӯс низ аз ошпазхона ба наздашон омад. Дар ҳоле, ки нияти омадани ӯро дарҳол дарк карда буд, дастонашро бо дастпоккун хушк карда истода, ба кат наздик шуд. Салом гуфт, вале ба назди мардон набаромад. Ҳарчанд медонист суханчинӣ кори хуб нест, сари по ба суҳбаташон гӯш дод. Шавҳараш суханро ғоз надода гуфт:

– Ин бегоҳӣ худам ба хонаат гузаштанӣ будам, аз Йӯлдошбой пайғоми хуш гирифтем.

– Шунидам... Пул фиристодааст. Бачаи бааќл, писари ман...

Ин сухани ӯ ба хоҳарарӯс хуш наомад. Дастпоккуни дасташро ба нардаи кат партофта, қаҳролуд арз кард:

– Акнун бо фиристодани пул бароятон бачаи бааќл шуд-а? Занатон шумоя ба ин сӯй равон кард? Ҳаққи худа талаб кунед гуфтагист?

Эргаш забон хоид, намедонист «ҳа» гӯяд ё «на». Бо ин ҳол, базӯр лаб ҷунбонда гуфт:

– Ҳақ-ку талаб намекунам..., лекин як зарра камдаромад шудаем...

Хоҳарарӯс боз ҳам мехост чизе гӯяд, аммо шавҳараш гардан хорида ӯро боздошт ва гуфт:

– Боча, даромади кам дорӣ ё бисёр, ба ман аҳамияте надорад, аз ин пул ба ту намедиҳам.

Эргаш беихтиёр арз кард:

– Эҳ-ҳа, ҳамaаша танҳо хӯрданӣ ҳастӣ?

– Бо кадом забон чунин мегӯйӣ? Ман аз онҳое нестам, ки ба ҳаққи дигарон чашм ало кунам. Ба як сӯми ин пул хиёнат накарда нигаҳ медорам. Ҳар гоҳ Йӯлдошбой омад, худаш медонад ба чӣ харҷ мекунад. Агар хоҳад, ҳамаро ба ту диҳад, ба фикрам, ҳамин кори дуруст аст.

Дарҳол зан бо оҳанги норизо гуфт:

– Чӣ хел дуруст мешудааст?

– Ту нахӯди пеши ҳар қошуқ нашав, рав аз пайи корат! Дар ҳар сурат ҳаққи падар муқаддам аст. Ту тарбияи ба хоҳарзодаат додаро миннат накун. Аз ёдат набарояд, ки ҳар як кори мо барои савоб буду бас.

– Агар ҳаққи падар муқаддам бошад, чаро падарият намекунад?

– Рав, ба зиндагиат!

Суханҳои боча мантиқӣ буд, аммо пул надод.

Вақте ки шавҳар бо дасти холӣ баргашт, дарди сари Раҳима аз нав шиддат гирифт. Фардояш ҳам дард коҳиш наёфт. Пасфардо ҳам... маҷбур шуд ба назди духтур равад. Доруҳои нусхаро[36] хӯрд, бефоида. Ба сардухтури бемористони маркази шаҳр низ вохӯрд. Яке ба дигаре фиристод, озмоишу муоинаҳо чанд ҳафта тӯл кашид, аммо дармон намеёфт. Эргаш барои хариди дорую даво дубора ба назди бочааш рафт. Ин дафъа низ бочаи якрав на аз пули фиристодаи Йӯлдош, балки аз пасандози худ дод...

Дар ин мобайн Йӯлдош ба таътил баромаду роҳи хонаро пеш гирифт. Аз ҳадяву савғотиҳои мистер Белден, ки ҷомадони ӯро пур карда буд, тамоми хешу ақрабо баҳра бурданд. Меҳмонон рафтанд, Йӯлдош бо сари хам ба шавҳари холааш гуфт:

– Мебинам, ки хонаҳоро таъмир накардаед...

– Таъмири хонаҳо намегурезад, ту аввал ба ман гӯй, ин қадар пула аз куҷо ёфтӣ? Агар ҳаромкорӣ даст дорад, аз ту розӣ нестам.

Бо шунидани ин калом Йӯлдош воқеаи оташсӯзии ҷангалро нақл кард. Сипас пули нави дода фиристодаи мистер Белденро ба ӯ дароз карда гуфт:

– Мехоҳам хонаҳоро ба тартиб дароварем, акаамро хонадор кунем, арӯсии апаҳоямро гузаронем.

Бо шунидани қиссаи Йӯлдош шавҳари хола хотирҷамъ шуда гуфт:

– Ризқи акаю апаҳоят ба роҳи худаш. Бо ин пул ба туву додаронат хона меандозем. Худата хонадор мекунем, Худо хоҳад. Ту феълан хонагиҳоята танҳо нагузор. Мегӯянд, ҳоли модари ӯгаят хуб нест. Дасти падарат кӯтоҳ, ба ӯ бояд ёрӣ расонд.

Эргаш омадани писарашро шунида буд, лекин ба дидорбинӣ нарафт. Йӯлдош рӯзи дигар дар халтаяке чою қандуқурс гирифта рост ба чойхона омад.

---

[36] **Нусха** – дастури духтур, ретсепт

Дар ҳамин дам Эргаш аз номеҳрабонии писар нолида, ба ошноҳояш ҳасрат мекард. Аз дар даромада омадани писарро диду суханаш дар гулу монд. Йӯлдош салом гуфт, халтачаро ба чойхонадор дода, як-як бо ҳама пурсупос кард. Сипас ба соҳиби чойхона рӯ оварда гуфт:

– Амак, бе заҳмат, як ош дам кунед. Палави худамона хеле пазмон шудаам. То пухтани хӯрок бо дадоям ба бемористон рафта меоем.

Дар бемористон Раҳима гирифтори дарди сар дароз кашида мехобид. Ӯ Йӯлдошро диду чашмонашро баст. Маълум набуд чаро ин корро кард: ё аз дарди ноҳинҷор Йӯлдошро дидан нахост, ё ки аз ӯ хиҷолат кашид. Дар асл, ҳамин ки чашмонашро пӯшид, ҳар яки ин сабабҳо дар чеҳрааш муҷассам буд. Агар бемор аз забон намонда бошад, ҳангоми ҳолпурсӣ метавонист «Худоро шукр» гӯяд. Агар аз забон монда бошад ҳам, бемор бо ишораи чашм метавонист шукргузорӣ кунад. Ҳарчанд майнаи Раҳима дард дошт, бо он ҳама забондарозии худ ҷавоб надод, чашмонашро ҳам накушод. Йӯлдош чанд лаҳза хомӯш нишасту ба даҳлез баромад ва мустақим ба хонаи сардухтур рафт. Ба пурсишҳои ӯ сардухтур гуфт:

– Дар майнаи сараш ғудда пайдо шудааст ва торафт ба дохил шоха мезанад. Ягона роҳи наҷот – амал[37]. Аммо падару модарат – ҳар ду намехоҳанд.

Йӯлдош бо тааҷҷуб пурсид:

– Барои чӣ?

– Сад фоиз кафолат мехоҳанд. Ин гуна тазмин ғайримумкин аст.

– Метавонем ба хориҷа барем?

Аз ин савол табъи сардухтур хира шуд, абру боло кашид. Як дафтареро, ки муқоваи чармӣ дошт, аз рӯйи мизи кориаш гирифта ба ӯ дароз кард. Йӯлдош бо ҳайрат пурсид:

– Ин чӣ аст?

– Натиҷаи корҳоямон. Баръакс, аз ҳамон хориҷае, ки мегӯйӣ, беморон ба суроғи мо меоянд. Ҷавони таҳсилкарда менамоӣ, агар бихоҳӣ аз тариқи интернет ҳам бубин, – гуфт сардухтур ва торнамои бемористонро ёдовар шуда афзуд: – Ман намехоҳам туро ташвиқ кунам, вале барои зинда мондани касал на ин ки як рӯз, ҳатто ҳар як соат ғанимат аст. То ба хориҷа мебаред, ӯ тамом мешавад.

Йӯлдош дар хусуси ин суҳбат ба падар лом-мим нагуфт. Ба хонаи дӯсташ рафт ва аз тариқи интернет ҳар гуна иттилооти алоқамандро мутолиа кард. Ин дармонгоҳи шаҳрро дар радифи маъруфтарин клиникаҳои дунё дида, аз ранҷондани сардухтур афсӯс хӯрд. Бо қасди узрхоҳӣ дубора ба наздаш омад. Дар ин бора ба падараш ҳам гуфт. Анҷоми амали ҷарроҳӣ барои Эргаш аҳамияте надошт. Ӯ қатъан изҳор кард, ки «мурдан ҳам аз худашу зинда мондан ҳам, амал бишавад ё не, худаш ҳал кунад». Барои ӯ муҳимтар аз ҳама харҷи ин муолиҷа буд. Аз он нигаронӣ мекашид, ки Йӯлдош ҳатман хоҳад гуфт, «ин зан ба мо модарӣ накард, моро аз манзиламон берун андохт, акнун чаро ман бояд табобат кунонам?» Йӯлдош бошад, аслан ин гуна андеша

---

[37] **Амал** – *ин ҷо:* амали ҷарроҳӣ

надошт, на танҳо зулми ӯро ба ёд намеовард, ҳатто ба гӯшаи хаёл овардanӣ набуд, ки хотираҳои машъуми солҳои гузашта дубора зинда шаваду қалбашро озор диҳад. Бар хилофи ин, омода будани худро дар фароҳам овардани ҳар гуна чораи зарурӣ маълум сохт ва падарро ором кард. Агар духтурон раво донанд, метавонад ба хориҷа низ барад.

Эргаш худи ҳамон рӯз ин хабарро ба ҳамсараш расонд. Раҳима мебоист хурсанд шавад, аммо дилаш бадтар ғаш кард. Нахост, ки илтифоти писархондаро бипазирад. Ӯ нолаомез гуфт:

– Ба пеши боҷаат рав, қарор буд ҳаққи туро пас аз омадани Йӯлдош диҳад. Инак, омад, пули худата талаб кун. Ба ман садақаи касе лозим нест.

Қалби фақири ӯ наметавонист хубиеро, ки бар ивази бадӣ меомад, қабул кунад. Худаш бехабар, ба дарди сар вазнинии виҷдон низ сарборӣ шуд. Боз чанд рӯзи дигар бо таъсири доруҳо хоб рафт, умедвор буд ба худ ояд. Аммо, чун донист ин ҳама дорую дармон суд намебахшад, ба амали ҷарроҳӣ розӣ шуд. Охирин натиҷаи озмоишҳоро дида сардухтур сар ҷунбонд, дигар фоида надоштани амалро изҳор кард.

Гарчи аз шифо умеде набуд, аҷал низ наздик наменамуд. Раҳима мехост бимирад, ҳарчи зуд аз ин дардҳо фориғ шавад, вале охирати дунё ба майлу хоҳиши ӯ коре надошт...

Йӯлдош дидан нахостани модарандарро дониста худро дур кашид. Бо насиҳати шавҳари хола нисфи пулро ба падар дод. Нагуфт, ки «ҳамаашро обулой накунед, барои хона ҳам гузоред», балки пулро дода гуфт: «Ҳар коре мекунед – ихтиёратон». Фақат аз Худо хост, ба падараш инсоф диҳад. Албатта, дуо кардани фарзанд кори хуб аст, вале агар Худованд қалби бандаашро муҳр занаду дар худи банда саъю талоше барои раҳоӣ аз бунбаст набошад, бо дуо кушодани қуфли дил мушкил будааст. Эргаш аз зумраи шавҳарони меҳрабоне набуд, ки дар бағали бемор нишаста дарди ӯро боҳам бинад. Меҳру алоқаи ӯ бо овардани доруворӣ маҳдуд мешуду бас.

Раҳима аз бемористон баромад. Дар оғоз хешовандон бо навбат нигаҳбонӣ карданд. Гуфтаи нодоне – «мурдани бемор хубу роҳат шудани бемордор» беҳуда набудааст. Беморин Раҳима тӯлонӣ шуд, омаду рафти дигарон торафт камтар. Дар хона танҳо мондани ӯ ба одати маъмулӣ табдил ёфт. Аз ин хабар ёфта, Йӯлдош, ҳатто пинҳонӣ аз падар як ҳамсоязанро барои нигаҳбонии модарандар гузошт.

Давраи таътил ба поён расид, Йӯлдош қабл аз сафари хориҷа ба хонаашон омад. Ҳавои манзиле, ки хатту пайи модарашро дошт, дар зеҳни ӯ ҳам хотираҳои ширин ва ҳам айёми заҳрогинро зинда кард. Раҳима беҳушу бесадо буд, омадани ӯро, салом гуфтану саломатӣ хоста хайрухуш кардани ӯро пай набурд...

Лаҳзае, ки ҷомадони борашро аз боздиди гумрукиҳо мегузаронд, телефони ҳамроҳаш занг хӯрд. Дар дил ноҳинҷориеро ҳис кард, ба телефон гӯш андохт, ки дӯсташ мепурсид:

– Ҳанӯз парвоз накардаӣ?

– Не... амонист?

– Надонам... Додоят омаду рафт. Гуфт, «як-ду рӯз меистод, хуб мешуд». Ҳоли очаат вазнин барин. Чӣ кор мекунӣ?

Йӯлдош зиёд фикр накард. Борашро пас гирифту ба деҳа баргашт. Холааш ӯро дида бо лаҳни норизо гуфт:

– Дадоят чеғ зада овард? Бекор кардӣ, аз роҳи сафар гаштан хосияти хуб надорад. Агар занаш даргузарад, мо худамон гӯручӯб мекардем. Будани ту шарт набуд...

Ба хотири осудагии хола Йӯлдош дурӯғ гуфт:

– Ба ҷойи таҳсилам занг задам, гуфтанд, ки муддати таътилро дароз кардаанд.

Хола гӯиё бовар кард, «хуб шудааст» гуфта монд. Йӯлдош дар васати ҳавлӣ рост меистод. Холаи зирак нияти ӯро дарк карда гуфт:

– Биё, бо ҳам меравем, чун рӯзу соаташ пур мешавад, розигиашро мегирем. Ҳеч гап не, агар зани ганда ҳам буд, як бандаи Худо аст, – ва ба хона даромад, то худашро ба тартиб дароварад.

Дар хонае, ки Раҳима мехобид, ду нафар хеши ӯ бо овози паст суҳбат карда менишастанд. Раҳима беҷону беҳаракат мехобид, дар сураташ нишонаи ҳаёт дида намешуд. Танҳо гоҳу ногоҳ чашмонашро калон кушода ҳазён мегуфт. Вақте ки хола бо хешовандон ҳолпурсӣ мекард, Раҳима боз алоӣ гуфт:

– Лухтакам ку, бидеҳ лухтакама...

Бо шунидани нолиш  яке аз хешон кафи дасташро ба пешонии ӯ гузошт. Занаки дуюм гуфт:

– Аз саҳарӣ инҷониб лухтак мепурсад, зоҳиран бачагиашро ба ёд меоварад...

Ҳазёни Раҳимаро Йӯлдош дарк кард. Ба ёдаш омад, ки чанд сол пеш дар ҳамин кулба Раҳима ба сари лухтаки дасту покандае сӯзанҳо зада буд. Дар зери гӯшҳояш гӯё суханҳои ӯ акси садо доданд: «Бачаҳоятона ана ҳамин хел ҷоду мекунам. Агар холаашон пагоҳ омада набарад, ҳар се пасу пеш дам назада ҷон медиҳанд. Дигар мумкин нест бачаҳоятон дар ин хона бимонанд, ҳатто аз кӯчаи пушти хона гузаранд мемиранд...» Чашмонашро сиёҳӣ зер кард, сараш гиҷ шуду дасту пояш суст. Ҳис кард, агар як лаҳзаи дигар дар ин кулба бимонад, аз ҳуш хоҳад рафт, ба берун шитофт. Ба таври амонат ба гӯшаи кати оҳанини зангзада нишаст. Воқеаҳои пешин аз сафҳаи хотираш гузаштанд...

Аз дохил садои баланди нолаомез шунида шуд:

– Лухтакам канӣ, лухтакама деҳ!.. – мисли ин ки баромадани Йӯлдошро ҳис карда буд, дод мезад Раҳима.

Йӯлдош каме ҳавои тоза нафас кашида ба хона даромад. Занҳо барои бастани чағу пойҳояш, ки мабодо ҷон таслим кунад, рӯмоли сафедеро омода карда буданд. Бо чӣ сабабе холааш дар самти поҳояш менишаст.

Раҳима бори дигар алоӣ гуфта лухтакашро хост. Хола саволомез ба Йӯлдош нигоҳ кард. Дар замони зинда будани модараш ҳамаашон дар ҳамин хона менишастанд, хобухез мекарданд. Раҳима омаду барои се фарзанд кулбаи бағалӣ ҷойи зист шуд. Йӯлдош парерӯз барои хайрухуш даромада, беихтиёр дари он кулбаро кушода назар афканда буд. Ҳар гуна чизучорае, ки  айёми

бачагиро ба хотир меовард, дар он ҷо бетартибу чошу пареш мехобид. Дубора ба сӯйи он кулба сар зад. Ба дохил даромада аз байни ашёи беназму парешон лухтакро кофт. Бо ин ки чандин сол гузаштааст, бовар дошт, ки сари лухтак бояд дар ҳамин ҷо бошад. Бовараш рост баромад. Сари кандаи онро аз зери латтаю либосҳои куҳна-кола берун кашид. Бар сари лухтак сето сӯзан халида меистод. Надонист сӯзанҳоро гирифта партояд ё не, хаёломез ба сӯйи хола дида дӯхт. Нахост асли қазияро ба хола гӯяд, ӯ аз ҳаракатҳои вай чизеро нафаҳмида, ду чашм монда менишаст. Аз ҷо хеста ба наздаш омад ва сӯзанҳои ба сари лухтак халидаро диду пай бурд, ки чӣ ба чист. Сари «ҷодудор»-ро аз дасти ӯ гирифт. Йӯлдош бо овози кам пурсид:

– Канда партоям?

Хола амромез гуфт:

– Ту даст назан. Рав, дадота ёфта биё!

Ба маҳзи ин ки Йӯлдош баромад, сӯзанҳоро аз сари лухтак кашида партофт. Ҳамин дам яке аз хешони зан ӯро садо зад:

– Хоҳар, биё, ҷон дод барин...

Дувумӣ илова кард:

– Шукри Худо, аз азоби дунё роҳат шуд.

# ТОҒАЙ МУРОД
# (1948 – 2003)



*Тоғай Мурод (Менгноров Тоғаймурод) 3-юми феврали соли 1948 дар деҳаи Хӯҷасоати ноҳияи Деҳнави вилояти Сурхондарё ба дунё меояд. Дар факултаи журналистикаи Донишгоҳи давлатии Тошканд таҳсилоти олиро фаро мегирад (1972).*

*Фаъолияти кории Тоғай Мурод дар Кумитаи радио ва телевизиони ҷумҳурӣ (муҳаррир, 1972 – 1975), рӯзномаи «Ўзбекистон физкултурачиси» (1976 – 1978) ва маҷаллаи «Фан ва турмуш» (корманди шуъбаи адабӣ, 1982 – 1984) сурат гирифтааст. Солҳои 1984 – 1986 дар шаҳри Маскав курси олии адабиётро хатм мекунад. Соли 1999 ба унвони ифтихории Нависандаи мардумии Ўзбекистон сазовор мегардад.*

*Адиб нахуст бо ҳикоя ва очеркҳои худ ба адабиёт ворид мешавад. Аввалин қиссаи нисбатан калони ӯ «Ситораҳо то абад медурахшанд» (1976) аст. «Шабе, ки асп шиҳа кашид» (1979), «Соликини шаби маҳтобӣ» (1980), «Таронаи Момо Замин» (1985) аз ҷумлаи қиссаҳое мебошанд, ки дар кул манзараҳои мухталифи алоқаманд бо зиндагии деҳотиёнро мунъакис мекунанд.*

*Асари бузурги Тоғай Мурод – романи «Саҳроҳои монда аз падарам» (1993) ба зиндагии пур аз мушкилоту азиятовари мардуми ӯзбек дар замони ҳукмронии салтанати Шуравии собиқ бахшида шудааст. Дар ин асар образи заҳматкашони ӯзбек дар симои Деҳқонқул муҷассам меёбад. Бар заминаи ин роман филми бадеӣ низ ба навор гирифта шудааст (2001). Нависанда соли 1994 ба муносибати нашри китоби мазкур ба Ҷоизаи давлатии ба номи Абдулло Қодирӣ сазовор мешавад. Романи дигари нависанда «Дар ин ҷаҳон намешавад ҷон дод» (2003) аст. Пас аз вафоти адиб «Асарҳои мунтахаб»-и ӯ дар ду ҷилд (ҷ.1 – 2008; ҷ.2 – 2012) ба табъ мерасад.*

*Тоғай Мурод чанд ҳикоя, драмаи «Духтари бой»-и Ҷек Лондон ва қиссаи «Аспи ваҳшии йӯрғадав»-и Эрнест Сетон-Томпсонро ба ӯзбекӣ тарҷума кардааст.*

*Таърихи даргузашти адиб 27-уми майи соли 2003 аст. Ӯро дар зодгоҳаш ба хок супурдаанд.*

# МАРДУ ҲАМСАРИ Ӯ
***(ҳикоя)***

Не, онҳо дар соҳили Анҳор мулоқот накарданд. Шеъреро ҳам аз китобҳо ба коғаз нафуроварданд, то ки дар вохӯрӣ аз номи худ бихонанд. Ҳатто суханҳои маъмулие ба монанди «ман туро дӯст медорам», «бе ту зиндагиам ҳаром аст» дар миёнашон радду бадал нашуд. Ҳатто, вақте ки лабҳо якдигарро ёфтанд, пошнаи баланди духтар ҳам заррае боло нашуд. Не, ҷавон духтарро аз авбошҳо низ наҷот надод...

Шоирпеша Ӯролбой кӯрпаро ба сар кашида шеъри ишқӣ бофт. Ҳар як мисраъро чун фарзанд навозиш дода ба камол расонд. Беихтиёр, муҳаббати нахустини худ – ҳамсинфаш Холбувиро ба ёд овард...

Торикӣ дар бағал гумон кард, ки Холбувиро дар оғӯш дорад. Дилаш чун шаби тор маъюс шуд. Базӯр аз бистар хест, даст-дасткунон чароғро ёфта равшан кард. Китоби аввали худро варақ зад. Шеърҳояш ба назар хеле сода намуданд. Рӯй турш кард, китобро ба рӯйи кат ҳаво дод.

Не, пеш аз ҳама мебояд асари бебаҳои худро офарид. Синну солаш ба сӣ дакка хӯрдааст, аммо ҳанӯз ҳам дар хусуси ин гуна асар андеша намекунад. Чунин як кори муҳимро як сӯ монда аз пайи осори дуюмдараҷа овора аст...

Ӯролбой бо ҳазор пушаймонӣ ба кофтукови арӯс уфтод. Хушбахтона, духтаре ба тӯраш омад – як дӯзандаи одӣ ба исми Барчиной. Бо духтар, ҳарчанд аз таҳи дил набуд, хандаю суҳбаткунон ба истироҳатгоҳи шаҳр рафт. Нимкилоӣ яхмос хӯрданд. Ӯролбой ба чашмони дӯстдухтар дида дӯхта... ҳеч гармиеро ҳис накард. Дар дил андешид: «Бояд сарамон ҷуфт шавад, дигар илоҷе нест». Сипас, сухани худро маъқул карда саре такон дод.

Барчиной, аз сӯйи худ, ба шоирии ӯ бовараш наомад: «Шеърият як навъ нафосат аст, ҷозиба аст, вале ин мардро кӣ шоир мегӯяд, нишасти ӯро бубинед...» Духтар бетафовутии ҷавонро дида, ҳатто гумон бурд, ки вайро писанд намекунад. Бо ин ҳол, ба арӯсӣ ризоят дод. Зеро айёми ҷавонии ӯ ҳам мегузашт.

Ҷашни арӯсӣ дар тарабхона баргузор шуд...

Ниҳоят, асари бебаҳо ба бор омад! Навзодро аз тиреза нишон доданд. Ӯролбой шоду масрур ба кӯдак зеҳн монд: «Ана, ин асари бузург! «Анна Каренина»! Не, «Хамса»! Ӯ ба мисли адибе, ки ба асари беҳамтои худ нуқтаи охирро мегузорад, бо хушҳолӣ ширин хамёза кашид.

Ӯролбой дар яке аз рӯзҳои хуш то дервақт нишаста шеър навишт ва нисфи шаб ба хоб рафт. Рӯзи дигар хоб дида бедор шуд. Ба айвонак баромад. Ҳаво поку мусаффо ва боби сайругашт буд. Ӯ каме ба хаёл рафта, ба ёд овард,

ки филми «Будоғи[38] қирмиз»-и Василий Шукшинро ҳанӯз надидааст. Ба ҳамсараш Барчиной рӯ оварда гуфт:

– Либосатро пӯш, ба кино меравем.

Зан аз ин даъват хушҳол шуд ва камзӯлу шалвори нави худро, ки аз мӯдҳои охир буд, ба бар карда баромад.

Ӯролбой абру дарҳам кашид, «уф-ф» гӯён даст ба зону зад:

– Барчиной, ман мехоҳам завҷаамро бо либоси атлас бубинам!

– Ба шоир гузорем, бисёр чизро мехоҳанд.

– Зан бояд занвор бошад, гуфтаамро кун.

– Роҳ афтед, дер мешавад.

– Агар нахоҳӣ, худам танҳо меравам.

– Хеле хуб, нахоҳед набаред.

– Чӣ, гапро тоб медиҳӣ! Ба ту мегӯям, зуд бош!

– Аҷаб марде ҳастед, магар фақат ман чунин либос мепӯшам? Ҳама занҳои бомаданият ҳамин хел мегарданд, намебинед?

– Магар матои атлас ба маданият бегона аст? Дар кадом кишваре чунин матоъро дидаӣ? Шумо – ношукрҳо, назокати дар пешонӣ бударо намебинед!

– Гапатон фақат ҳамин: атласи ӯзбек дар тамоми ҷаҳон харидоргир, ёдгориҳои Самарқанд дар ҷаҳон ягона, ин хел, он хел...

– Бас!

– Ҳо-о, бас накунам, чӣ меояд аз дастатон?

– Намеояд, ҳеч чиз намеояд аз дастам?

Ӯролбой кашидаю кушода як торсакӣ ба чеҳраи Барчиной, ки ҳавоспарешон дар муқобилаш меистод, фуровард. Зан парида ба рӯйи диван уфтод. Аз алам рухсорашро бо даст пӯшида ба гиря даромад.

Ӯролбой каме гаранг шуд, ба ӯ чашм дӯхта монд. Сипас ба ошпазхонаи тору танг гузашта, ҷуссаашро ба рӯйи курсӣ партофт. Ангуштонро ба лойи мӯйҳои сар фурӯ равонда чашмонашро пӯшид. Ӯ бори аввал ба сари зан даст мебардошт...

Барчиной бо хӯрӣ оби дида рехт. Бача аз хоб бедор шуда ба гиря даромад. Ноилоҷ аз ҷо хест, рухсорашро шуста пок кард. Ба оина дида андохту як қад парид. Рухи чапаш суп-сурх шуда буд. Ӯ бо алам лабҳояшро бурма карда дубора ба ҳиқ-ҳиқ даромад. Писарро дар бағал гирифт. Кӯдак хомӯш шуда, бо лабу лунҷи мулоими худ ба ҷустани сари дили модар пардохт. Ӯ ба худ омад. Гӯё дарди рухи сурхшуда аз байн рафт. Мӯйҳои тунуки писарро молид, аз пешониаш бӯсида нимовоз ба сухан омад: «Эҳ писарҷон, гуфта будам-а бе ишқ ҳамсарӣ намешавад. Акнун ҷабрашро мекашем».

Барчиной аз тиреза ба осмон чашм дӯхт, хаёломез дар ҷо нишаста монд. Аз пайи писар худашро ҳам пинак бурд. Таксарии шавҳарашро дар мушт ғиҷим карда ба андеша рафт: «Танҳо намехобад, аздусар ба паҳлуям меояд, барои дилбардорӣ дар бағал мегирад, навозиш мекунад...»

Ӯ бо чунин хаёлҳо ба китфи дигар гашта ба хоб рафт.

---

[38] **Будоғ** – номи гиёҳ, калин

Субҳ бедор шуда дарёфт, ки шавҳар дар паҳлуяш нест. «Ҳадди ақал дар канорам дароз накашидааст, яқинан, чашми дидан надорад. Шуд, ҳамааш тамом. Меравем, бачаҷон, меравем. Зиндагии бе муҳаббат ҳеч гоҳ зиндагӣ намешавад», зери лаб гуфт ӯ.

Дар ҳоле ки сар мегирифт, бо таассуфу алам нигоҳе ба қафо андохта аз дил гузаронд: «Ҳатто аз хонааш намебарояд, барои дилам шуда як даҳан «нарав» намегӯяд-е. Деҳотӣ буданашро нишон медиҳад... Ақаллан, бо писараш хайрухуш карданӣ нест, шаҳбоз! То ин ҳад ҷонаш ба сер омадааст, ки то имрӯз надониста будаам».

Яке занги дар баланд шуд. Барчиной бо дудилагӣ дарро боз кард. Дар дами остона тағои Ӯролбой, ки дар деҳа зиндагӣ мекард, бо ду марди ношинос меистод. Барчиной базӯр лабханде зада меҳмонҳоро ба дохил фаро хонд.

Ӯролбой низ ба пешвоз баромад. Меҳмонон нишастанд. Тағояш суҳбатро оғоз кард:

– Фардо ҷамъомад будааст, ба ҳамон омадем. Гуфтам, сари роҳ шумоёнро як дида гузарам.

Ӯролбой бо сахтӣ худро хушҳол нишон дода гуфт:

– Нағз, нағз.

– Хуб, аз корҳоят гап зан, шоир! Барномаҳои шеър чӣ хел, барзиёд ба сомон мерасонӣ ё не? Ин дафъа мо нақшаи пахтасупориро яксаду панҷоҳ фоиз анҷом додем! Акнун дар шеърҳоят моро ҳам ситоиш кунӣ меарзад.

Вақте ки тағо дар хусуси корҳои саҳро сухан мегуфт, чашми Ӯролбой ҳангоми паҳн кардани дасторхон ба рухи кабудшудаи ҳамсараш уфтод. Гунаи занро тағо ҳам диду дар миёни суҳбат пурсид:

– Э, ба рӯят чӣ шуд, келин?

Дили Ӯролбой таҳ зад. Ба акси сагбачаи коғази ирис чашм дӯхта, як лаҳза нафас накашида истод. Барчиной чеҳра боз кард, ҷойи кабудшударо бо даст молида гуфт:

– Гӯед ки, ба кафи хонаҳо линолиум гуфтагӣ фаршеро меандозанд. Ин, нобуда монда, баъд аз шустан лағжонак мешудааст. Ҳамин, дирӯз вақти шустан лағжида рафтанамро нафаҳмида мондаму рӯямро ба замин зада гирифтам.

– Э вой, худро эҳтиёт кунед-е, кори дунё тамом намешавад...

Ӯролбой бо нафаси гирифта дар худ ларзид. Сарашро бештар хам кард, чеҳрааш лолагун шуд. Ба рӯйи Барчиной ҳам сурхӣ дамид. Аз ҷо хеста ба меҳмонон илтифот кард:

– Гиред, гирифта истед. Дадояш, чой резед.

Ӯролбой ба худ омад. Дар пиёлаҳои холӣ чой рехта, «ку, марҳамат, ба дасторхон меҳрубон шавед» гуфта монд.

Меҳмонон ҳангомаро тафсонданд. Суҳбаташон дар хусуси ҳар гуна ҳодисаҳое, ки аз беэҳтиётию воқеаҳои назарногир сар мезанад, қӯр гирифт.

Барчиной хӯрок овард. Як коняки булғорӣ ва як шиша шароби «шампан» низ гузошт. Сипас ба шавҳар рӯ оварда гуфт:

– Гиред, таоруф кунед, дадояш.

Ӯролбой дар қадаҳҳо коняк рехт. Тағо бо сар ӯро нишон дода аз Барчиной пурсид:

– Шоир чӣ хел, келин?

– Нағз, хеле хуб.

– Агар аз худ равад, гӯед, танобашро кашида мемонем.

– Не-е, чиҳо мегӯед?! Аз шон ҳеч гилае надорем, модарам ҳам фақат таъриф мекунад...

Ӯролбой ба давру бараш дида андохт. Ба меҳмонон нигоҳ накарда, қадаҳи дасташро бардошт. Барчиной ба ӯ бодиринги шӯр дод. Ӯролбой аз таъсири коняк чашмонашро пӯшида газакро ба даҳон бурд.

Меҳмонон то дервақт монданд ва ниҳоят, онҳоро ба деҳа даъват карда, аз пайи кори худ рафтанд. Ӯролбой тағо ва ҳамраҳони ӯро гусел карда ба хонаи кори худ гузашт. Ба рӯйи тахтхоби сафарӣ рӯ ба боло дароз кашид. Дастонашро чорчиллик карда ба зери сар гузошт. Воқеаи ба вуқуъ пайвастаро бо назари шоирона мурур кард. Ба чеҳрааш табассум дамид. Аз ҷо хеста аз тиреза ба берун назар афканд. Ду кафи дасташро бо завқ ба ҳам соида монд. Сигоркашон лабханд зад, дандонҳои зардшудааш ҷилое надоштанд. Як он ба қафо гашту вориди меҳмонхона шуд, зан дар ҷояш набуд. Ба самти роҳрав қадам ниҳод. Барчиной дар назди дар бо чеҳраи турш лабонашро ғунча карда, бачаи дар аробача нишастаро дар парпеч мепечонд.

Ӯролбой дасти ӯро гирифт ва узромез гуфт:

– Биё, бас, қаҳри одам ояд чиҳо намекунад.

Барчиной ба ӯ нигоҳ накарда дасташро тела дод.

Ӯролбой афзуд:

– Магар намедонӣ, асаби шоир-мардум нозук меояд...

Барчиной сухане нагуфта аз дастаки дар дошт. Ҳамин дам Ӯролбой дубора аз банди дасти ӯ дошта ба сӯйи худ гардонд ва муҳкам ба оғӯш кашиду... аз гунаи кабудкардааш бӯса бардошт. Лабҳояш чанд муддат бо лабони зан қуфлу калид шуд.

Барчиной овезон ба гардани шавҳар домани гиряро раҳо кард. Чанд лаҳза бо ҳамин ҳол монд, аз шашқатор ашки чашмонаш сару гардани шавҳар тар мешуд...

Бегоҳӣ рӯ ба рӯйи ҳамдигар нишастанд. Ӯролбой аз коняки боқимонда як қадаҳ бардошт. Ба Барчиной бо диққат зеҳн монд, дуру дароз чашм дӯхта истод. Зан сар хам кард... Дубора нигоҳҳо бо ҳам хӯрданд, як лаҳза чашмҳо якдигарро хонданд. Ӯролбой ҳис кард, ки дар қалбаш як олам ҳиссиёти гарму мулоим нисбат ба Барчиной ҷӯш мезанад. Ин гӯё ҳамон ҳиссиёте аст, ки як замон бо дидани ҳамсинфаш ҳис мекард. Оре, оре, ҳамон ангезае, ки он замон дар қаъри вуҷудаш ҳосил шуда буд...

# ОТАУЛИ
# (1949)



*Отаули (Раҳимҷон Отаев) 3-юми апрели соли 1949 дар Қазоқистон, дар деҳаи Чипони ноҳияи Туркистони вилояти Чимкент ба дунё омадааст. Ӯ таҳсилоти олиро дар факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Тошканд фаро мегирад (1973). Ҳамзамон дар Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти Фарҳангистони улуми Ӯзбекистон ба унвони корманди илмӣ кор мекунад. Сипас, дар мактаби миёна омӯзгор мешавад (1971 – 1976, 1979 – 1981). Солҳои 1976 – 1979 дар Вазорати таълими халқ услубшинос буд. Минбаъд ба унвони мушовири таҳрирӣ дар Агентии матбуоту иттилоот (1981 – 1983), ба ҳайси мушовири адабӣ (1983 – 2010) ва котиби масъул (1992 – 2009) дар Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон фаъолият мекунад.*

*Асарҳои адиб таҳти номҳои «Осмони пурситора» (эссеи фалсафӣ, 1983), «Оҳанги сурнай» (маҷмӯаи ҳикоя ва қиссаҳо, 1991), «Сирри розҳо (Достони Туркистон)» (роман, 1994), «Сафир (Хоҷа Насриддин Афандӣ зинда аст)» (роман, 1999), «Улус (Дӯсти Форобӣ)» (роман, 2000), «Ҳукми замон» (роман, 2003), «Каманди асп» (маҷмӯаи ҳикояҳо, 2011), «Омӯзиши ҳунари адабиёт» (маҷмӯаи мақолаҳо, 2013), «Сирри нависанда» (маҷмӯаи тарҷумаҳо аз забонҳои русӣ, қазоқӣ ва қароқалпоқӣ, 2012), «Иборoти илоҳӣ» (маҷмӯаи мақолаҳо, 2013) ба табъ расидаанд.*

*Гузашта аз ин, дар рӯзномаю маҷаллаҳои мухталиф тарҷумаҳои Отаули, аз қабили «Шӯробод» (қиссаҳои нависандаи эронӣ Муҳаммад Алӣ Ҷамолзода, 1988), «Таронаи зиндагӣ» (қиссаи нависандаи қазоқ Мухтор Моҳоуин, 1998), эссе-романи «Қароқалпоқнома» (1990, 1997), эссеи «Нома ба модаркалонам» (1993), драмаи «Булбули саҳро» (2002) аз осори Тулепберген Каипбергенов ба ба табъ расидааст.*

*Адиб соли 1984 барои мақолаи «Мармузтарин ҳиссиёт», ки дар маҷаллаи «Шарқ юлдузи» чоп шуда буд, ва соли 1995 барои асари «Сирри розҳо (Достони Туркистон)» аз сӯйи Иттифоқи нависандагон сазовор ба ҷоизаҳои пулӣ мегардад. Нависанда Отаули соҳиби медали «Шуҳрат» (2000) аст.*

## ДАСТУР
*(ҳикоя)*

Ҳусайнсӯфӣ писари Муҳаммадсӯфӣ охирин понздаҳ соли ҳаёти худро дар деҳаи Янгиқӯрғон, ки дар наздикии ҳисори қадимаи Ясси воқеъ буд, гузаронда, ногаҳон дар авҷи умри чиҳилсолааш ба бемории мармузе дучор шуд ва бистарӣ гардид. Табибу ҳакимон аз ҳар роҳ саъй карданд ба дарди ӯ даво ёбанд, вале ҳар гуна талошашон барабас рафт. Дар асл, ҳамон дарде, ки ӯро гиребонгир шуда буд, вуҷуд надошт! Худи бемор низ наметавонист сареҳу равшан бигӯяд, ки «фалон ҷойи ман дард мекунад»...

Тахминан як моҳ пеш, ҳамон тавре ки одат дошт, саҳарии барвақт таҳорат гирифта аз хона хориҷ шуд ва ба маъзанаи[39] масҷиди ҳамсояи девордармиён баромада, ба ҷойи муаззин азон гуфт. Дар ин ҳангом худро хеле солиму сари ҳол ва овозашро ҷарангдор ҳис кард. Чун рӯзи ҷумъа буд, пас аз адои намози ҷамоат дар ҳуҷраи мобайни ҳалимхонаю зикрхона бо имом-хатиби масҷид, мутаваллӣ ва дигар муштариёни ҳамешагӣ нишаста субҳона хӯрд. Сипас ба қироатхона гузашт, чанд муддат бо тамоми вуҷуд ба мутолиа андармон шуд. Чор-панҷ саҳифа хонд ё не, барояш ҳолати аҷибе рух дод, ҳарфҳо дар мадди назар чаппаю роста ба бозӣ даромаданд. Монда шудаам гӯён, бо ҳоли гирифта ба хонаи худ гузашту то намози пешин дароз кашида хоб рафт. Чӣ қадар пинак бурд намедонад, ногаҳон хоби ҳавлноке дида, ҳазёнгӯён аз ҷо хест. Ба хестан хесту... беихтиёр сари ҷо калавида дубора ба замин уфтод.

Инак, наздики як моҳ аст, ки рӯзе ду-се бор бо ёрии ягона писараш Маҳмуд ба ҳоҷат баромада медарояд. Кошки акнун он ҳама тӯмору дудаю дамлама ва иму дими табибон заррае суд бахшад! Ҳеч ҷояш дард намекунад, вале майли хӯрдану нӯшидан надорад, иштиҳояш билкул гум шудааст! Агар аз ҷо хестанӣ мешуд, сараш гиҷ мерафт, аз афтидан тарсида, тамоми рӯз дароз кашида мехобид. «Ҳамин қимизро хӯред, асп барин шуда ба по мехезед», мегуфт ҳамсари парвонааш Бибиойша, аммо аз ин гуна суханҳо ҳеч хушаш намеомад. Хулласи калом, касолаташ на як бемории маъмулӣ, балки ким-чи хел дардисаре буд! Табибон ранги рӯйи ӯро дида тааҷҷуб мекарданд. «Дар чеҳраатон ҳеч гуна нишонаи касолат нест, шумо сиҳҳату саломат ҳастед, – мегуфтанд онҳо ва барояш дил медоданд: – Дорую даворо ки гирифтед, иштиҳоятон боз мешавад, ба мисли ҷавонҳо давида мегардед». Баъзан шӯхиомез мегуфтанд: «охир, ин сари шумо чӣ гуна сарест, ки ҳудаю беҳуда мегаштааст?»

---

[39] **Маъзана** – ҷойи азон, манор

Бо вуҷуди ин, натиҷа... Эй фалак! Аз куҷо печид ин балои ногаҳон?! Наход ки бо ҳамин ҳол дунёро тарк кунад? Дар айни нашъу нумуви чилсолагияш-а! Касе, ки ҳамин дирӯзакак хушҳолу сари по буд..., писари ба синни балоғат расидаи худро хонадор накарда, бахту саодаташро надида, ӯро ятим монда... Ё Худоё! Наход ки дар ин ҳастии равшан дидаю зистааш ҳамин бошад?!

Не, Ҳусайнсӯфӣ аз бандаҳои муъмину дӯстдоштаи Худованд аст, ба ҳеч ваҷҳ ношукрӣ нахоҳад кард, албатта. Месазад ҳазорон бор Худоро ҳамду сано гуфт, ки ӯ дар хонаводаи ҳалолу покизарӯзгори Муҳаммадсӯфӣ дида ба олами равшан кушодааст. Аз ин рӯ ҳам, ҳанӯз дар айёми кӯдакӣ хатми Қуръон карда, ба мартабаи қоригӣ мушарраф гардид. Месазад беҳисоб шукрона гуфт, ки овони наврасиашро дар Бухорои шариф гузаронда, дар мадрасаи машҳур омӯзиш дида, ба мударриси обрӯманди ҳамин донишсаро, ба шайх-ул-исломи маъруф дар дунёи мусалмонӣ ҳазрати Баҳриддин Бухорӣ домод шуд. Ба унвони як нафар падари хуштолеъ тавонист ягона фарзанди худ, мардумаки чашмаш Маҳмудро тарбият диҳад, ки ӯ дар синни ҳафдаҳсолагӣ мадрасаи қалъаи Савронро хатм намуд, дар канори забонҳои арабию форсӣ забони модариашро низ ҳамаҷониба омӯхт, қории бозаковат шуд. Ин бахти бузургест, ки ба бандаҳои дӯстдоштаи Худованд насиб мегардад! Халлоқи беҳамто, ҳазор бор шукрат, ки чунин фарзанди оқил ато кардаӣ! Лекин... Агар худи ӯ ба ин минвол фардо-пасфардо бандагиро ба ҷо оварад... ҳоли дилбандаш, ки ғайр аз Худо на такягоҳе дораду на ҳамрозе, чӣ мешавад? Акнун мехост роҳати фарзандро бубинад, э вой, ин чӣ сарнавиште?!

Ҳусайнсӯфӣ тазоҳури қалби хешро базӯр фурӯ нишонда, аз таҳи дил зикри истиғфор кард: «Астағфуриллоҳ! Тавба кардам, ин бандаи ношукратро афв кун, Парвардигоро! Бо итоат ба иродаи Ту, месазад аз будани чунин зурряте, ки қодир аст тамоми орзую армони чиҳилсолаам, забони ифодаи ин орзую армонҳо ва асрори диламро бихонад, ҳазорон бор шукр гузорам. Фақат роҳ надеҳ, ки вопасин каломамро нагуфта бо армон даргузарам. Аё, эй Худои алиму ҳаким, ба ин бандаи гунаҳкорат имкон бидеҳ, ки аз забон намонда, хостаҳои диламро, васиятҳоямро, ки тайи муддати чил сол дар умқи қалбам нигаҳ доштаам, ба нури дидаам расонам!»...

Дирӯз бегоҳӣ «насиб кунад, фардо субҳи барвақт ҳамаашро мегӯям» гӯён ният карда буд, ки охирин суханҳои худро ба писараш арз кунад, вале имрӯз саҳарӣ...

Ғайричашмдошт, ба қавли «ранг бину ҳол пурс», имоми масҷид бо як ҷавони ношинос даромада омад. Баъд аз такаллуфу илтифот имом муддаои дилашро гуфт:

– Ин бародари мо омода аст аз имрӯз ба ҷойи ҷанобашон сӯфии масҷид шавад, – имом ба ҷавони ношинос ишора кард ва афзуд: – Хабар доред, ки хеле вақт аст амри маъруф дар масҷидамон ба забони арабӣ сурат мегирад. Дар миёни мо ягона касе, ки ба арабӣ озод ҳарф мезад, шумо будед, тақсир, аммо... Худо ба шумо шифо диҳад! Ҳамин ки сиҳат шудед, китобхонаи масҷиду шуғли хаттотӣ дар ихтиёратон хоҳад буд! Ба ҳамин... тақсир... чӣ мегӯед?

Пас аз гусел кардани меҳмонҳо дубора ба рӯйи бистару болин дароз кашид. Худро боз ҳам беҳолу бемадор ҳис кард. Дар қаъри вуҷудаш гӯё тӯфоне ба ҷӯш меомад. Хуб, ҳадафи инҳо чӣ буд? Ҳасби ҳол пурсидан аз бемор ё ... донистани ин, ки вай кай мемирад?

Ташрифи нохонда ба болои сӯхта намакоб шуд. Тасмими васият кардан ба ягона писари муътамадаш қатъитар гардид. Ӯ ба нури дидаи худ, ки рӯзҳои ахир ба ҳар як каломи ӯ бо алоқаи зиёд маътал шуда менишаст, бо меҳр рӯ оварда гуфт:

– Писарам! Ба он чӣ мегӯям бо диққат гӯш диҳед. Боиси хушҳолии ман аст, ки дар ҳафдаҳсолагӣ дар канори забонҳои арабию форсӣ забони модариамонро низ амиқ омӯхтед, ҳатто ҳазор бор пухтатар аз ин бандаи оҷиз. Акнун..., алҳамдулиллоҳ, ману шумо бандаҳои мусалмонем, аммо набояд фаромӯш кард, ки ба забони арабӣ нозил шудани Қуръони Карим маънии имтиёз додан ба ин миллату забонро надорад. Баръакс, ин миллату ин забон мебояд ба рушду шукуфоӣ ва пешрафти халқу забонҳои дигари курраи хокӣ шароит ва имконоти мусоид фароҳам оварад! Қудрати беинтиҳои дини Ислому Каломуллоҳ, пеш аз ҳама, дар ҳамин аст, писарам. Агар чунин бошад, пас чаро баъзеҳо худро чун саидзода мутакаббир намоиш медиҳанду ба забони модарии мо нописандона назар мекунанд? Чаро дар канори мо баъзе сарҳои «боҳуш» ба забони аслии худ ҳамчун бегонагон бархӯрд мекунанд? Бо ин ҳол дардамонро ба кӣ бояд гӯем?

Худатон каме ҷиддитар андеша кунед. Медонед, ки сарвари илми ҳадиси дунёи мусалмонҳо Ҳазрати Имом Бухорӣ дар куҳансолӣ қадр наёфта, аз пайи таҳдиду тааддиҳо аз хоке, ки хуни нофаш рехта буд, фирор кард. Ҳазрати Абӯнасри Форобӣ, ки дар фалсафаю мантиқ ва забони арабӣ ба дараҷаи волои «Муаллими аввал» расидааст, дар айёми солхӯрдагӣ дар Халаф бо хорию зорӣ умр ба сар бурда, бо тарк кардани дунё аз дасти камгириҳо раҳоӣ ёфт!... Ин чӣ бедодгарие?! Ҳоло низ як гӯшаи ин дунёи бевафо дар пеши чашматон ба намоиш меояд. Мани фақир низ дар диёри бобоӣ ҷон дар каф базӯр рӯзгор дидам, чӣ айбе доштам, ки ба ин ҷо омада ҳам худам рӯшноиро ва ҳам пуштам офтобро надид! Намедонам, бо ин ҳол сарнавишти авлоди оянда, забони модариамон ва дар кул, Туркистонамон бо чӣ меанҷомида бошад... Хулласи калом, писарам, пеш аз он ки ба назди Парвардигори ҳақ бо чеҳраи кушод равам, аз шумо илтиҷои ягонаам ва ҳам васиятам бароятон ин аст, ки ҷамъи зару нуқраҳои хазинаи забони модариамонро ба дидаҳои худ тӯтиё карда, гирди ҳам оварда, ҳифз намуда, дар як китоб фароҳам биёваред. Худо кунад, ки ба забонамон, ба ин забоне, ки аз нутқи хаттӣ маҳрум асту дар остонаи бой додани нутқи шифоҳӣ ва рӯз то рӯз аз байн рафтани асолати худ қарор дорад, ҷони нав ато фармоед. Бо ин умедворӣ модару хоҳаронатонро ба шумо ва шуморо ба Худо супурда, ҷонканон аз Офаридгор илтиҷо дорам: Парвардигоро, худат бузургиву меҳрабон ҳастӣ, ба ин нури дидаам муяссар гардон, ки сарвати беинтиҳои забонамон ва ганҷинаи маъниҳои алфози пурҳикмати моро ба сони ҷиҳози арӯсон ҷило дода китобат намоянд ва ин ганҷинаро возеҳу равшан ба чашми аҳли ҷаҳон намоён созанд!

Дар ҳоле ки ин суханон аз қаъри дил берун омада то мағзи ҷон менишаст, Маҳмуди навхат бештар ба ташвиш омад. Ӯ дастони чун чӯби хушк қоқу лоғари падарро бо меҳр молиш дода, ба кафи устухониаш лабонашро расонд. Вуҷудаш ба раъша уфтод, бо дили сӯхтаю пухта арз кард:

– Шуд, бас, дилатонро ин қадар вайрон накунед, падари бузургвор! Ба васият гуфтан шитоб накунед, шумо умри баланд хоҳед дид, бо ҳам бахту шодмонии набераҳоятонро хоҳем дид! Ин суханҳоро ба ҷойи дастуре қабул мекунам, ки ба шогирди худ додаед, падарҷон!

Ҳусайнсӯфии бемадор дасташро бо меҳр ба сару сурати писар бурд ва изҳор кард:

– Бошад, ҳамон тавре ки мефармоед, писарам!

...Барҳақ, ин дастури бебаҳое буд, ки дар ҳофизаи донишманди забоншинос, муаллифи асари ҷаҳоншумули «Девони луғати турк» Маҳмуди Қошғарӣ мухр баста буд ва роҳу равиши забоншиноси маъруфро дар тӯли умраш возеҳу мунаввар сохтааст!

# НУРАЛӢ ҚОБУЛ
# (1950)



*Нуралӣ Қобул 2-юми январи соли 1950 дар деҳаи Ӯсмати ноҳияи Бахмали вилояти Дизах зода шудааст. Ӯ пас аз мактаби миёна дар факултаи таърихи Донишгоҳи давлатии Фарғона таҳсил мегирад ва донишгоҳро соли 1974 хатм мекунад.*

*Солҳои 1969 – 1970 дар мактаби миёнаи рақами 22-и шаҳри Дизах омӯзгор буд. Сипас дар идораи рӯзномаҳои «Ғалаба Байроғи» (Парчами пирӯзӣ: сармуҳаррир, 1971–1973), «Жиззах ҳақиқати» (хабарнигор: 1973–1976), маҷаллаи «Искусство Советского Узбекистана» (Ҳунари Ӯзбекистони Советӣ: муовини сармуҳаррир ва сармуҳаррир, 1977–1986) ва муассисаи табъу нашри «Юлдузча» (Ситорача: сармуҳаррир ва мудири омил, 1987–1996) ифои вазифа мекунад.*

*Нахустин китоби адиб соли 1978 бо номи «Ойқор» ба табъ мерасад, ки қисса ва ҳикояҳои ӯро фаро мегирад. Аз он пас китобҳои «Салом кӯҳҳо» (1979), «Афсонаи Одам, Ойқоркӯҳ ва Шамоли дайду» (1980), «Осмони бепоён» (1981), «Шабе, ки кабӯтарон барнагаштанд» (1984), «Деркард дар зиндагӣ» (1985), «Соҳилҳои фаромӯшшуда» (1988), «Кабӯтарони сапед» (1990), «Касоне, ки ба гандумпазӣ нарасидаанд» (1992), «Ишқи ман, ватан» (1994), «Ёре беҳтар аз ватан нест» (1995), «Хоқони ҳафт иқлим ё худ аҳд ва тахт» (2013), «Дар мамлакати маймунҳо ё худ дар байни ваҳшиҳо» (2017), «Ҷоҳилӣ ва куштор» (2017), «Шикори гург» (2017), «Амир Темур» (2018), «Тамғаи тавқи лаънат ё худ аз Трумен то Трамп ва аз Тараки то Туркманбоши» (2018), «Сӯиқасди сукут ё худ, аз Истолин то Саддом» (2019)  ва ғайра бо навбат аз чоп мебарояд.*

*Нуралӣ Қобул аз ҷумлаи мутарҷимини борикназар аст. Ҳикояи Чингиз Айтматов «Бачагии ман» (2017), романи Гарсиа Маркес «Сад соли танҳоӣ» (2019)-ро ба ӯзбекӣ тарҷума кардааст. Осори худи ӯро низ ба забонҳои туркӣ, русӣ ва ғайра баргардондаанд.*

*Адиб муаллифи ҳамоса (эпопея)-и 25-ҷилдаи «Темуриён» аст. Сенарияҳои чанд оҳанги Шералӣ Ҷӯраев («Шаршара», «Офарида», «Тӯси сапед», «Бузургворед шумо») ва филми «Муноҷот»-ро дар бораи Муноҷот Йӯлчиева офаридааст.*

*Нуралӣ Қобул бар замми ҳунари нависандагӣ ҳамчун донандаи таърих, мақоланигори шореҳ ва мутарҷим дар адабиёти ӯзбек нақши намоён дорад. Дар бисёр маврид фикру андешаҳои бикри худро ошкоро баён мекунад.*

*Чунончи, ӯ гуфтааст: «Мутассифона, мо темуршиносиро ба оҳангарӣ табдил додаем. Мо аз Темур набояд Ленин созем. Агар ҳар он чиро, ки нест, ба Темур бичаспонем, обрӯи ӯ аз байн меравад. Ҳар чӣ ҳаст, аз ҳақиқат дур нарафта, навиштан лозим. Дар ин хусус Сервантес – аввалин касе, ки роман эҷод кардааст, мегӯяд: «Таърихдонҳои қаллобро ба мисли касоне, ки пули ҷаълӣ месозанд, бояд ба қатл расонд». Дар таърихи Испониё фақат ба афроде, ки пули қалбакӣ месозанд, ҳукми қатл ҷорист. Аз ин рӯ, таърихро бояд дуруст ба қалам дод. Таърих на бо супориш ва ё ҳавас, балки ҳамчун таърих ба тарзи воқеӣ навишта мешавад. Ҳар гуна қавму миллате, ки аз пешинаи худ рӯ мегардонад, ҷавонмардӣ надорад. Ҳақиқати таърихро нодида гирифтани мо ба ҳукми он аст, ки бар номи бобою бобокалонҳоямон хатти бутлон кашида бошем».*

## БОЗГАШТ

*(ҳикоя)*

*Одам пеш аз фидо кардани ҷони худ, бояд аз баҳри чизҳои зиёдатие барояд, ки онҳоро аз дигарон барои рифоҳи зиндагиаш мегирад...*

*Лев Толстой*

Аввалҳои моҳи март. Баҳор дар дашту саҳроҳо нишеман гузида, ба ҷониби дараю кӯҳсор доман паҳн мекард. Ҳар ҷо-ҳар ҷо аз пайи барф гули баҳман пардаи нозуки заминро дарида, неш зада мебаромад, вале ҳанӯз нашукуфта буд. Ба маҳзи тафсидани офтоб ҳамроҳ бо ҳаври замин бӯйи намиву сабза ба машом мерасид. Бо фаро расидани вақти пешин бачаҳои Саидқулака ва як мошин пур аз лавозими кӯчбастаи ӯ пасу пеш ба деҳа даромада омаданд...

Саидқулака миёни ду оташ месӯхт. Аз ин рӯ, қалбаш ноором буд, гоҳ-гоҳе халиш мезад. Аҳёнан хаёлаш мегурехт. Ӯ бо саҳрое, ки бист соли тамом дар он заҳмат кашида буд, хайрбод гуфта, барои ҳамеша ба деҳаи худ, ба зодгоҳи айёми бачагиаш бармегашт. Гарчи парешонҳол менамуд, дам дар дарун гиря мекард. Ӯ ба зодбуми хеш бо ҳоле бармегашт, ки аллакай ба ришу мӯйсараш ранги сапедӣ зада, се-чор дандони ҷоғаш уфтода, нерую тавонаш костааст. Суханҳои ҳамсараш, ки дар курсии қафои «Жигули» нишаста аз зери буногӯш ҳарф мезад, ба гӯшаш намедаромад. Ҳар чӣ мегуфт, бо такон додани сар тасдиқ карда меомад. Занаш аз одамгурезу хилватнишин шудани ӯ дар хавотир буд. Аз ҳар сӯ саъй мекард ба дилаш роҳ ёбад. Азбаски дервақт издивоҷ карда буданд, бачаҳояшон ҳанӯз хурдсол, ба фарқи гармию сардиҳои рӯзгор намераванд. Чун мудом хомӯшу хаёлманд мегашт, ба назар мерасид, ки духтари калонӣ ҳам ба чизе пай бурдааст...

Шояд беҳтар буд, ки пеш аз асбобкашӣ худаш омада бо мудири хоҷагӣ суҳбат кунад, аммо тоқат накард. «Ба диёри бегона намеравам-у», аз хаёл гузаронд ӯ. Боғи падар ва хонаи беайвон ба ҳоле уфтода, ҳама ҷо аз дасти иқомати чӯпонҳои бодиягард зери по шудааст. Аз токзори боғ танҳо реша монда, ба ҷуз се-чор буттаи санҷид ва як бех дӯлонаи хазоншудаи пир дигар дарахте соядор ба назар намерасад.

Ронандаи мошини боркаш аз рафтори муштарии худ, ки ҳавлию ҷойи ободеро гузошта ба ин манзили нимавайрон кӯч мебаст, ба ҳайрат омада, иҷорапулиашро гирифту хайрухуш карда рафт. Бачаҳо шоду хурсанд ба ҷониби рӯд шитофтанд. Ҳамсараш бо кӯдаки ширмак вазнин дар паҳлуи бӯғча нишаст.

Ҳанӯз бачаҳояш хурдсоланд. Чизеро дарк намекунанд. Дар ин дунё аз онҳо дида инсони хушбахттар нест. Бе шак, зуд калон мешаванд, ҳаётро мефаҳманд. Он гоҳ дар хусуси падар ба чӣ хаёл мераванд? То ба синни дарк омадани онҳо бояд ба ҳама кор расид. Дар акси ҳол, ин дунё барояш ҳаром...

Ӯ ба писараш, ки дартоз ба ҷониби рӯд мерафт, чашм дӯхта ин хаёлро аз сар гузаронд. Ҳамсараш низ бо қиёфае ҳамонанди ҳоли маъюсу руҳуфтодаи ӯ менишаст. Ҳама чизро мефаҳмид вай. Ба дарди дил гуфтани шавҳар мунтазир намонда, ба ӯ дил доданӣ мешуд. Аммо чӣ ҳам мегуфт? Аз он чӣ ба забонаш меомад, буғзе гулуяшро мегирифт. Умедвор гуфт:

– Дар ҳар сурат, ба бахти бачаҳо саратон дар амон бошад. Ин рӯзҳо ҳам мегузарад. Понздаҳ рӯзи моҳ тира бошад, понздаҳи дигараш рӯшан...

Саидқул ба хотири расидан ба ҳамон рӯзҳои равшан, барои некӣ кардан ба одамон ва обод сохтани зодгоҳи худ ба ин ҷо баргашт. Ба бахти ӯ дар канораш ёвари босадоқат – ҳамсараш ҳаст. Мешавад ба ӯ такя кард. Доиман ба ҳарчи дорад афзуда, каму костиро пинҳон мекунад. Бо ин андеша аст, ки марде набояд бо сари хам аз остонааш барояд...

Ҳафтае дару тирезаи харобшударо ба тартиб дароварда, ба андоваи сатҳи деворҳои хонаи меросӣ машғул шуд. Баробари расидани пою қадами одам дару ҳавлӣ ва боғе, ки бесаробон монда, ба маҳалли хобухези молҳо табдил ёфта буд, рангу нури тоза гирифт. Ин гуна хонаҳои харобу нимавайрон дар деҳа бисёр буд. Қисме аз аҳолии деҳа барои обод кардани заминҳои Мирзочӯл кӯчида рафтаанд. Пас аз он, ки оби рӯди деҳаро бо лӯлакашӣ ба маркази ноҳия мебаранд, одамони боқимонда низ умедашонро аз деҳа бармекананд. Дар натиҷа, боғҳо пайи ҳам хушк шуда ба хазонӣ рӯ мениҳад.

...Одамон кӯҳу дараҳоро фаромӯш мекунанд! Аз касоне, ки зодгоҳи худро ба ин ҳол афканда мераванд, чиро метавон интизор шуд? Агар ҳамин кӯҳҳо набошад, ба дашту саҳро аз куҷо об меояд? Барои сероб шудани чашмаҳо дарахтзор лозим! Мо ба саҳроҳо часпида аз гиребони замин гирифтем. Намедонам, вақте ки замин аз гулуи мо бигирад чӣ ҳодиса рух медиҳад?! Мехоҳем ғизои хушмаза тановул кунему либоси хуб бипӯшем. Дар саҳро, албатта, барои ин имкони бештар мавҷуд аст. Бағали он васеъ ва саховати беинтиҳо дорад. Ҳар қадар хоҳӣ, деҳқонӣ бикун! Аммо дар кӯҳ... бояд соҳибкор шавӣ, вагарна доманакӯҳҳо ба осонӣ ҳақ намедиҳад.

Набояд фаромӯш кард, ки ҳикмати олам дар кӯҳ аст. Инро одами фаҳмида медонад. Ба доманакӯҳҳову дараҳое, ки дарахт надоранд, бояд ҷон бахшид. Саратон надаромада файзи чарогоҳҳо мепарад. Ҳатто барои парвои гӯсфандон гиёҳе ёфт намешавад. Молҳои хурду калонро ба қисми муҳофизатшудаи кӯҳҳо, ба мамнуъгоҳҳо меронанд. Дар сурате ки, агар доманаҳои кӯҳию дараҳо боғ бошаду сабз, об меояд. Аз оби ҷоришуда чарогоҳҳо шодоб мешавад...

Саидқул дар ин бора андеша ронда, дубора аз рӯйи ҳавлӣ ба сӯйи Барлостеппа, ки мисли кафи даст ба назар мерасид, дида дӯхт. Аз фикри ба майнааш заҳида дилаш ба фараҳ омад.

«Бояд ниҳоли чормағз шинонд, – овоз бароварда гуфт бо худ. – Оре, дар Барлостеппа мебояд чормағз кошт. Дар доманаҳои сар ба нишеби теппа рамаи бузу гӯсфанд бисёр хобухез кардагист. Ба ин замин гӯянд, замин! Дар канори чормағз метавон шафтолую себ ҳам сабзонд. То ба ҳосил даромадани чормағз шафтолу пир мешавад. Агар чунин боғе бисозӣ, аз дунё бе армон меравӣ... Аммо, армони ӯ ҳаст. Бо офаридани чунин боғе ҳам ӯ наметавонад дасту пояшро осон дароз карда ҷон диҳад. Ин армон охир надорад...» Бо хаёли бисёр сари Саидқулака вазнин шуд, як қурс нону як мушт парварда дар миёнбанд баста, ба ҷониби доманакӯҳ роҳ пеш гирифт. Қабл аз баромадан ба ҳамсараш таъйин кард:

– Агар Тилабов маро пурсад, бигӯ ба Барлостеппа рафт. Шом нашуда бармегардам.

Қалби ӯ нооров буд. Пас аз дидани ҳаводиси бисёр ба ташвишу нобасомониҳои охир доман афшонда, аз бозгашт ба оғӯши кӯҳсор ва расидан ба армонҳои рӯйи ҳам хобидаи қаъри дилаш хурсанд мешуд, аз ҳузури худ дар саргаҳи пурмашаққати манзили кӯҳӣ бедасту по шодмонӣ мекард.

Гарчи Барлостеппа ба ҳавлиаш наздик менамуд, роҳаш хеле дур буд. Дар овони бачагӣ ба ин ҷо бе аспу ароба баромадан машаққатовар менамуд. Акнун бошад, бо ёди он айём, мисли бачаҳои хурдсол бо иштиёқ мерафт. Барфҳои мобайни ҷару доманаҳои соядор об шуда, дар замин таҳшин мешуд. Ҳарчанд гармии хуршед зиёд мегардид, қуллаҳои барфӣ ҳанӯз дар хоб буданд. Гӯё баҳор ба онҳо билкул бегона аст. Бо вуҷуди ин, насими баҳорона бархоста дилҳоро бедор мекард, ба ҳаяҷон меовард, умедвор месохт. Аз ҷониби доманаи шарқии кӯҳ боди сард мевазид, аз тарафи рӯди самти чап садои тапар-тупур роҳгардии хукҳои ваҳшӣ шунида мешуд. Беихтиёр сухани падараш ба ёд омад, ки ҳангоми коштани нахӯд мегуфт: «Хукҳо рӯз намедиҳанд, ҳар чӣ мекорӣ ба замин яксон мекунанд...»

...Ҳамон сол зимистони қаҳратун ҳукми худро ронд. Азбаски замин ба худ намеомад, мавсими базрпошӣ то бист рӯз ба таъхир уфтод. Тавре ки мегӯянд, «камбағал рӯза гирад рӯз дароз мешавад», бар заммн он ҳавои тобистон ҳам сард омад. Танҳо дар охирҳои тирамоҳ пояи нахӯд хушк шуд. Зарфи як ҳафта бо падар нахӯдро эҳтиёткорона канда ҷамъ оварданд. Барои нигаҳбонии ҳосил аз дасти хукҳои ваҳшӣ, бастаҳои нахӯдро дар атрофи хайма дарчиданд. Ҳосил барои кӯфтан омода шуда буд.

– Ман ба деҳа фуромада бармегардам. Ту чой хӯрда дам гирифта ист. Агар таҳи оташдонро равшан кунӣ хукҳо наздик намешаванд, – гуфта буд падар ҳангоми рафтан, – ба ҳар ҳол, эҳтиёт бош. Ман субҳ надаромада бармегардам.

Азбаски тамоми рӯз кор карда монда шуда буд, танҳо тавонист дар оби чашма нон тар карда хӯрад. Дар ҷое, ки хайма бо хирман мепайваст, аз дастаҳои нахӯд барои худ «тахт»-и хоб сохт ва ба рӯйи он кӯрпа партофта дароз кашид. Аз дасти хастагии рӯз пинак рафтани худро дар ёд дораду бас...

Вақте ки аз ҳавои сарди субҳгоҳӣ дар худ ларзида бедор шуд, падараш дар атрофи хайма давр мезад. Бо хаёли «чаро падар маро бедор накард», яке

ба худ омад. Чашмонашро калон-калон кушода, дар хобам аст ё дар бедорӣ гӯён, ба андеша рафт. Дастаҳои нахӯд, ки дирӯз то бегоҳӣ ҷамъ оварда буданд, сари ҷо нест, он сӯтар аспи падар чарида мегашт. Аз тарс чанд муддат натавонист аз ҷо хезад. Ба ғайр аз панҷ-шаш даста пояҳои нахӯд, ки барояш вазифаи ҷойи хобро адо мекард, нахӯдпояҳои боқимондаро хукҳо хӯрда, поймол карда рафта буданд. Нахӯдҳои дар замин поймолшударо дида аз чашмонаш оби дида рехт. Ба мисли ҳайкал шах шуд, намедонад чанд муддат сари ҷо нишаста монд. Бо суханҳои аламомези падар ба худ омад.

– Ба ту бовар карда рафтаам! Ҳайфи одам шавӣ! Бо ин беғамӣ дар зиндагӣ якеат ду намешавад, доиман думи саг шуда ҳаётатро мегузаронӣ!

Ин суханҳо то ҳол дар пушти гӯшҳояш садо медиҳад. Синнаш аз синни онвақтаи падараш, ки ин дашномро дода буд, мегузарад, вале сарзаниши ӯ рӯз то рӯз бештар ба хотираш меояд. Ин барояш нахустин доғе аз замони бачагӣ буд, ки ба муддати тулонӣ дар дилаш муҳр бастааст. Ӯ пас аз он воқеа хеле вақт, то замони фаровон гардидани нону неъматҳои рӯзгузаронӣ натавонист ба чашми падару модар ва бародаронаш нигарад. Дар пеши онҳо худро гуноҳкор меҳисобид. Падараш одами рӯзгордида буд, ҳар гуна хаторо мебахшид, дар баробари сахтиҳо сабру таҳаммулро пеша мекард. Ҳамчун падар сахттарин танбеҳи ӯ танҳо ҳамин сухан буд.

Дар ҳар сурат, рӯзҳо даргузаранд. Аммо тоқат кардан ба навмедӣ ва доғу ҳасрате, ки пас аз худро шинохтан ба кас чира мешавад, бениҳоят сахт будааст. Баъзан ҳодисаҳое рух медодааст, ки онҳо ба тақдири одам тавъам шуда, то поёни умр ба мисли шамъи нимҷоне дар зеҳн гоҳ аёну гоҳе ноаён ламъа зада меистад. Ин шамъ то чӣ вақте месӯзад, дуд мекунад ё намекунад – ҳеч ба саъю ҳаракоти ту вобаста набудааст. Берун аз иродаи ту, одамони атроф сарнавиштатро таъйин мекардаанд. Кош умр беохир мебуд, ки барои ислоҳи хатоҳо ва нокомиҳо фурсат медоштӣ. Дар нисфи роҳ монда, расидани фарзандатро ба манзилҳое, ки худат нарасидаӣ, мунтазир мешудӣ. Ба зинда буданат шукр гузошта, ба зарабони қалби фарзандат, ки ғаму хурсандиҳои як замон аз сар гузарондаи туро ҳис мекунад, гӯш меандохтӣ. Дар муқобили фарзандат ҳам кӯҳҳо ҳасту ҳам дарёҳо. Барои гузаштан аз дарё бояд шиновариро донист. Шиновариро бошад, яке медонаду дигаре на. Ҳар кӣ шино карда метавонад, осон аз дарё гузашта, дар ҷониби дигар ба кӯҳҳову қуллаҳои беғубори барфпӯш даст медиҳад. Касе, ки шиноро намедонад, аз мазаи оббозӣ дар дарё низ маҳрум мемонад. Мо чи хоҳему чи на, ҳаёт чунин аст.

Саидкулака ба Барлостеппа баромад. Ҳамон тавре ки фикр мекард, он маҳалли хобухези гӯсфандон буд. Ҳатто аз хобгоҳи чандинсолаи гӯсфандон дарак медод. Ӯ ба мисли бачаҳо аз хурсандӣ базӯр нафас мекашид. Ҳавои софу сард ба димоғаш форам мерасид. Баҳоре, ки ба кулли ҷонварон ҷону хун ато мекунад, қалби зиқи ӯро нарм месохт. Арчаҳои ҳазорсола, ки ба Ойқор сабзу хуррамии абадӣ мебахшиданд, гулҳои баҳмани ҳанӯз нашукуфта, чарогоҳҳои ба сабзиш рӯ оварда, осмони каб-кабуд ва садои шар-шари рӯди доманакӯҳ бо ӯ ҳамдард буданд. Дар қалби хеш ҳиссиёти гармеро пай бурду чашмонаш пур

аз ашк шуд. Чунин ҳис кард, ки гӯё чизе аз поин то гулуяш омада дармемонад. Барои он ки бидонад доманакӯҳ чанд ҳектар аст, ба қадамзанӣ даромад. Ҳарчи роҳ мерафт, аз насими боди хунаки баҳорӣ чашмонаш бештар об меовард...

Дар соҳили рӯд саворае ба чашм хӯрд. Лаҳзае нагузашта ӯ аспашро кашолакунон дар гӯшаи доманакӯҳ пайдо шуд – мудири хоҷагии ҷангалдорӣ Тилабов буд. Беихтиёр аз дил гузаронд: «Наход ки ба гуфтаам розӣ нашавад...» Акнун ҳарчи бодобод, чи розӣ шаваду чи на. Ба қафо роҳ нест. Ин ҷо зодгоҳи ман аст. Ман ҳақ дорам дар ин ҷо дарахт бикорам.

Тилабов ба ӯ наздик шуда бо шитоб ба сухан гуфтан пардохт:

– Саидқулака, монда набошед! Э, ман қоил ба ғайрати шумо! Бепарво пиёда омадед-а? То ин ҷо бо асп дусоата роҳ аст!

Саидқулака бо садои кам ҷавоб дод:

– Э додар, айёми гӯсфандпойиро пазмон шудам! То замоне, ки қувват ҳаст, мегардӣ. Ҳар кӣ роҳ мегардад, зиндагӣ мекунад.

– Бо кадом шамол ба ин теппаҳо омадед? Нақшаҳоеро дар дил пухта кардаед барин!

Тилабов аспашро раҳо карда ба ихтиёри худ гузошт. Аз сари зин хӯрҷину ҷомаашро гирифта, ба ҷониби Саидқулака шитофт. Ҷомаро дар замин паҳн кард. Ба болои қабо миёнбандашро густурд. Аз хӯрҷин нону қанду қурс гирифт. Саидқулака низ аз миёнбанди худ нону парвардаи овардаашро дар миён гузошт. Тилабов даҳонбанди термосро боз кард. Дар ҳоле, ки нон шикаста, сарпӯши термосро бо чой пур карда ба Саидқулака медод, гуфт:

– Аз саҳарӣ инҷониб ҳеч чиз ба даҳан набурдаам. Ниҳоят, маза карда чой мехӯрдаем-дия! Барлостеппа ҷойи боҳаво, сол – дувоздаҳ моҳ аз самти шимол шаббодаи сарди форам вазида меистад.

Саидқулака чойи гармро нӯшида пурсид:

– Сатҳи Барлостеппа чанд ҳектар мебурояд?

– Наздик ба ҳазор ҳектар. Ду сол пеш андоза гирифта будем. Мехостем боғе барпо кунем. Аз кадом як донишкадаи илмӣ рухсат надоданд.

– Барои чӣ?

– Ҳаво сард будааст. Дарахтонро хунук мезадааст.

– Дурӯғ!

– Надонам.

– Ин кӯҳро нисбат ба ман даҳ баробар беҳтар медонед. Дар байни ҳамин арчазори боло чанд хел дарахти мева мерӯяд? Себи ваҳшӣ, олуча, дӯлона... Чаро онҳоро хунук намезанад? Дарахтон низ ба мисли инсонҳо аст. Бо мурури замон ба ҳама чиз одат карда, мусоид шуда мераванд.

– Ин олим не, шилм будааст. Ба як чиз часпида гирад – тамом, раҳо намекардааст. Ба ҳар тараф нома навишта, корҳои кардаатро ҳам ба нестӣ мебарорад. Ба Худо, ғайр аз худаш касе намефаҳмад, ки қоидаҳои дар коғаз навиштааш чӣ маънӣ дорад. Пештар котиби мо оби сардро ҳам пуф карда мехӯрд. Аз тарс корашро фақат аз рӯйи коғаз анҷом медод, одамҳоро намешунид. Ба наздаш даромада, дард гуфта, ҳеч гуна кореро ҳал накардаам. Агар ҳамон вақт ниҳол мешинондем то имрӯз сесола мешуд.

– Котиби имрӯз чӣ хел аст?

– Сӯхтаю пухта мегардад, бо вуҷуди ин, маҳсули кораш хуб нест...

– Дар ҳар сурат, аз дасташ коре меояд?

– Намедонам.

– Худи ҳамин сол дар Барлостеппа чормағз мекорем!

– Чӣ хел? Бе нақша, бе бароварди корӣ, ҳазор ҳектар...

– Акнун шарт нест корро ба нақша ё ба қолаб андозем. Ин тарафи кор ба уҳдаи ман! Агар дарахт шинонем, фикр намекунам касе омада онро канда партояд. Шумо мамониат накунед – шуд. Мо коре бикунем, ки то имрӯз касе анҷом надодааст. Бо ин икдом обрӯи шумо ҳамчун раҳбари чашмикордон боло меравад. Ман... ман ҳам аз гуноҳ пок мешавам...

Тилабов сар хам кард. «Шунидааст», аз хаёл гузаронд Саидқулака. Накунад ки, пӯстинашро чаппа пӯшад...

– Шояд ба гӯшатон расида бошад. Дар ҳар сурат, бояд ҳама чизро бидонед. Шумо маро аз бачагиам мешиносед. Аз ин хотир, ба рӯям сиёҳӣ кашида, сар хам карда ба наздатон омадам. Ним сол пеш маро аз партия заданд. Ман ба хато роҳ дода будам. Набахшиданд. Барои намуна шудан ба дигарон, набахшиданд. Аз як сӯ, кори дуруст карданд. Агар гуноҳи ҳамаро бибахшанд, эътиқоди мо, ки барои он талош мекунем, аз байн меравад. Аз ман беҳтар медонед, ки роҳи ҳаёт ҳамеша ҳамвор нест, ҳамеша аз шодию хурсандиҳо иборат намебошад. Аз дасти азоби виҷдон шабҳо хобам намебарад. Дар айни ҳол бачаҳоям хурданд, аз ҳама калонаш дувоздаҳ сол дорад. Онҳо низ бо як чашмпӯшӣ калон шуда ба қатори одамон медароянд. Як рӯз не, як рӯз ҳатман мефаҳманд, ки ман аз сафи партия ихроҷ шудаам. Аз байни онҳо якеаш ҳатман сабаби инро мепурсад. Он вақт чӣ ҷавоб медиҳам? Дар назди онҳо чӣ гуна одам мешавам? Ин хаёлотро аз зеҳнам гузарондаму сарам ба дард омад. Додар, ана ҳамин Барлостеппаро ба ман супоред. Хиргаҳ зада кӯчида меоям. Дар як ҷо ниҳолҳои чормағзро гапзанон карда мондаам. Шумо ҳангоми тасдиқи ҳуҷҷатҳо ёрӣ диҳеду ҷонибдорӣ кунед бас. Боқимондаи корро ба худам гузоред. Тақдир бо мо бихонад, баъд аз ба ҳосил даромадани чормағззор барои номзадӣ ба узвияти партия ариза медиҳам...

Чашмони Саидқулака пур аз оби дида шуд, суханаш дар гулуяш дармонд. Бо остини камзӯли рангпаридааш ашки чашмонашро пок кард. Ба сатҳи пешониаш ҳубобчаҳои арақ заҳида баромад. Ба худ симои ҷиддӣ гирифт.

– Додарам, маро бубахшед! Ба оби дида рехтани ман таваҷҷуҳ накунед, ин аломати заъф нест. Ман худ инсони дилнарм ҳастам. Ҳам бахти ман, ҳам бадбахтиам аз ҳамин. Аммо ин одат пас аз роҳбар шудан аслан ба дард намехӯрад. Акнун то гуфтаамро анҷом надиҳам, раҳо намекунам. Ман пеш аз мурдан бояд хатоҳоямро ислоҳ кунам, худамро аз гуноҳон фориғ созам. Ҷони гап ҳамин. Ба ман ёрӣ диҳед, аз дасти шумо меояд. Агар ба сари одам кору ташвиш уфтад роҳашро гум мекардааст, касоне, ки бо онҳо аз як лаган ош мехӯрдӣ, худро дур мегирифтаанд. Одамони ба боғу дарахтзор ихлосманд ростгӯ ва самимитар мешудаанд. Маро мефаҳмед, бароям ҳеч чиз лозим нест. Ман агроном ҳастам, дар совхуз сарагроном будам. Пешаам акнун ба дард

мехӯрад. Дар мобайни чормағззор дарахтони меваи зудрас мешинонем. Дар пуштакӯҳ нахӯд, тарбузи лалмӣ, юнучқа мекорем. Чунон кор кунем, ки...

...Дубора аз чашмони Саидқулака ашк ҷорӣ шуд. Сураташ нуронӣ гардид. Сипас нури рухсораш тамоми вуҷудашро фаро гирифт. Пас аз сукути тулонӣ ҳамсуҳбати ӯ оҳе кашида гуфт:

– Ба шумо ҳавасам меояд.

Саидқулака сухани ӯро нашунид. Дар ин лаҳза аз кадом сӯ ба Барлостеппа расондани обро аз хаёл мегузаронд.

Рӯзи дигар барои ба фарози теппа баровардани трактор роҳ дуруст карданд. Фардои он рӯз бо расидани шом дар Барлостеппа нахустин шиёрҳои сиёҳгун аз пайи трактори шудгор ба чашм хӯрд. Он гӯё аз доманаи Барлостеппа оғоз ёфта то қуллаҳои сафедпӯшу нурзойи Ойқор тӯл мекашид...

# ЭРКИН АЪЗАМ
# (1950)



*Эркин Аъзам 10-уми августи соли 1950 дар ноҳияи Бойсуни вилояти Сурхондарё дида ба ҷаҳони ҳастӣ кушодааст. Донишомӯхтаи факултаи журналистикаи Донишгоҳи давлатии Тошканд мебошад (1972).*

*Фаъолияти кории Эркин Аъзам дар Кумитаи радиои Ӯзбекистон (муҳаррир, 1972 – 1976), маҷаллаи «Гулистон» (муҳаррир, котиби адабӣ, 1976 – 1981), маҷаллаи «Ёшлик» (Ҷавонӣ: мудири шуъба, 1981 – 1986), нашриёти адабиёт ва санъати ба номи Ғафур Ғулом (мудири таҳририят, раҳбари гурӯҳи эҷодӣ, 1986 – 1992), Агентии миллии иттилоотии Ӯзбекистон (муовини мудири омил, 1992 – 1994), Маркази иҷтимоии «Маънавият ва маърифат»-и ҷумҳурӣ (муовини раис) ва маҷаллаи «Тафаккур» (сармуҳаррир, аз соли 1994) сурат гирифтааст.*

*Пайи ҳам асарҳои Эркин Аъзам бо номҳои «Шабе, ки чароғҳо хомӯш нашудаанд» (1977), «Соли таваллуди Отойи» (1981), «Ҷаҳони сарсабз» (1984), «Ҷавоб» (1986), «Рӯзҳои ғайр аз ҷашн» (1988), «Қалби ошиқи пакана» (2001), «Одами дермонда» (2002), «Ҷаннат дар куҷост» (2007), «Ҳаёҳу» (2011), «Заврақи танҳо» (қиссаҳои синамоӣ, 2017) ба чоп расидаанд. Дар заминаи намоишномаҳои ӯ филмҳои ҳунарии «Чантрэморе», «Дилхироҷ», «Мард», «Қарздор», «Забарҷад» ва «Паризода» ба навор гирифта шудааст.*

*Осори Эркин Аъзам бо ҳусни баёни мутоибавӣ, забони кинояомез, корбурди мафҳумҳои бадеии муассир мутафовит аст. Нависанда бо маҳорати хос баъзе ҷиҳатҳои печидаи инсонҳоро бо имову ишора ифода мекунад. Дар ҳикоя ва қиссаҳои ӯ фалсафаи хӯю хислат ва хаёлангезию таассуроти шахсӣ ба таври сода ва возеҳ мунъакис меёбад. Адиб дар баробари нависандагӣ ҷиҳатҳои равоншиносии худро низ аз тариқи персонажҳояш ошкор месозад. Аз ин рӯ, ҳар як асари ӯ бо банду басти қавӣ ва бадеияти равон бар руҳияти хонанда таъсиргузор аст.*

*Чанде аз қаламиҳои нависандаро ба забонҳои хориҷӣ баргардондаанд. Чунончи, маҷмуаи қиссаю ҳикояҳои ӯ бо номи «Ворисони бузургвор Шайх Санъони осӣ» ба забонҳои фаронсавӣ ва инглисӣ тарҷума ва чоп шудааст.*

*Эркин Аъзам аз соли 1998 Журналисти шоистаи Ӯзбекистон ва аз соли 2016 инҷониб Нависандаи мардумии Ӯзбекистон мебошад.*

## СТУПКА

*(ҳикоя)*

Янгаамон Марина ин одати худро, ки бетоқатона рӯзи меҳмонравиро мунтазир мешуд, пас аз даргузашти Арслонака пайдо кард. Аввалҳо гоҳ-гоҳ мерафт, акнун ҳар моҳ як бор ба роҳ набарояд хотираш ҷамъ намешавад. Тараддуди сафарро се-чор рӯз зудтар мебинад. Ба марказ рафта савғотӣ мегирад, ба хонаи Ленаи серфарзанд бо дасти хушку холӣ – ду даст дар бинӣ рафта даромадан аз рӯйи одоб нест. Ба худи Лена ягон атри хушбӯй ва ё марҳаме барои рухсораш мехарад, ба бачаҳо бошад, ширинию қанду қурс. Чун навбат ба шавҳари орому хиҷолатии дугонааш – Саъдуллобой мерасид, ҳар гоҳ дудила мешуд: арақ гирад ё ки ду-се шиша обҷав? Дафъаи пеш арақро дида, «Маринабону, мо ки бо ин чизҳо хайру хуш кардаем» гуфта буд ӯ, ба одати маъмул чашмонашро аз замин наканда. Ба мард боз чӣ дастовез метавон гирифт? «Э, нахӯрад, санга хӯрад! Шуфер[40] будааст вай! – дар дил ғурунгид янга як шишаи мусалласро дар кӯлбораш ҷой карда. – Аз худаш донад, агар нахоҳад бо Лена дукаса нӯши ҷон мекунем!»

Ҳамин ки янгаамон Марина ба ёди сафар меуфтод, азоби роҳ ӯро нигарон месохт[41]. Хонаи Лена дур, дар деҳаи ҳамсоя аст. Барои рафтан ба он ҷо бояд аз ҷӯйбору теппаю адирҳо давр зада гузашт. Солҳои пеш бештар барои либос дӯзондан мерафт ва он замон Арслонакаамон бо мототсикли беҳамтои худ мебурд: худаш мисли дев дар пеш менишаст ва янгаамон дар пас миёнашро муҳкам дошта мегирифт ва... ба пеш! Дар бозгашт бошад, танҳо, бо пойи худ меомад. Акнун сахт мерасад, азияти роҳ малол меояд, манзиле, ки ҷойи работаш буд, дар назар хеле дур менамояд. Нишаста-нишаста афсӯс мехӯрд, ки ҳамин рондани, зормонда, мототсиклро ёд нагирифтааст. Ӯ дар солҳои бачагӣ бо дӯстонаш дучархасаворӣ карда, гарду хоки кӯчаҳои Николро ба осмон баровардa мегашт. Оё намешуд инро ҳам ёд бигирад? Метавонист, аммо хиҷолат кашид, аз гапу калочаи мардум тарсид. «Эҳ-ҳа, ин ҷо ба ту Воронеж аст магар? Ба сари заниат, ҷойи ин ки муаллимиатро кунию ба бачаҳо дарс диҳӣ, аз ин кӯй ба он кӯй тар-тур мототсикл ронданат чӣ маънӣ дорад?! Магар шавҳарат мурдааст, ки ин шайтонаробаро миёни ду пойи худ бигирад?»

Мурд ҳам. Ана, ӯ дар ҳаёт нест. Аз ин пас чӣ кор кунад, янгаамон Марина? Он ҳайкали бесоҳибро, ки дар анбори пастаки рӯ ба рӯ зери гард монда занг задааст, баровардa савор шавад? Дар ин пиригарӣ, бо ин ҷуссаи халтамонанд, муаллими бознишаста? Бубинед, ҳой мардум, нигоҳ кунед, ҳӯ ана, он пиразани сари шавҳархӯрда мототсиклсавор ба кӯча баромадаст!.. Мурданат беҳ, ғарибаи шарманда!

---

[40] **Шуфер** *(дар з.м. шофёр)* – ронанда

[41] **Нигарон сохтан (кардан)** – ба ташвиш андохтан, дар хавотир монондан

Арслонакаамон «той»-и худро ба ивази корҳои сохтмониаш ҳамчун подош гирифта буд. Он ҳам мототсикли одӣ не, метавон гуфт як мошини ихчам. Ин навъаш дар атроф ёфт намешавад. Рикобе надорад, ки гаштаю баргашта ба он по занӣ, фақат савор шуда ба монанди худрав калидашро тоб диҳӣ кофист – вангас зада бо суръат ба роҳ меуфтад. Нуқсоне надорад, «рӯдаю шикамбааш» накандааст, аз сар то по сираш сари ҷо, ҷило медиҳад. Роҳашро намегӯед – чунон мулоим, чунон равон! Арслонакаамон беҳуда «ин «Чайка»-и мост!» гуфта дар худ намеболид.

Пас аз хаёлангезиҳои дуру дароз янгаамон Марина аз айвон берун омада, писари Зайнаббеваи ҳамсоя Абдуро, ки тӯббозӣ мекард, садо зад. Медонад, ҳамин писарбача ошиқи техника аст, дар замони зинда будани Арслонакаамон аз канораш дур намерафт, гоҳу бегоҳ мототсиклро тоза карда ялтирос мезанонд, ҳар гуна кори хурду резро анҷом медод ва ба ивази ёриҳояш як-ду бор ғиррос занонда рӯйи ҳавлиро давр мезад.

Бо шунидани хоҳиши янгаамон чашмони Абду барқ зад:

– Хуб шудаст, муаллим-янга! Кай?

– Пагоҳ, – гуфт кадбону ва хаёломез ба қафо гашта аз дохил бо як даста калид, ки омехта бо шабаҳои чашм[42] буд, берун омад ва ду кафи бози навҷавонро, ки дар зери айвон бо завқ меистод, мӯлҷар карда ҳаво дод, – фардо, Абдубой, ҳангоми пешин ба роҳ мебароем, хуб?

Абду ба маҳзи гирифтани калид ба самти анбор тохт. Мототсиклро кашола карда ба берун баровард ва ба таври худ ин сӯ он сӯяшро аз назар гузаронд. Сипас равшан кард ва ҳавлиро ду бор давр зад, хотирҷамъ шуда, аз рӯйи одат ба ялтиросӣ кардани он пардохт. Аҳёнан сар боло карда ба самти айвон дида медӯхт ва ниҳоят, бо садои баланд гуфт:

– Ба «Чайка»-амон гап нест, муаллим-янга! Кори имрӯзро чаро ба фардо гузорем?

Янгаамон ба канори панҷара такя карда, парешонҳол ҷавоб дод:

– Пагоҳ, пагоҳ меравем, Абдуҷон.

Ҳамин шаб ба хоби янгаамон Марина медонед кӣ даромад? Федка! Федкаи чусту чолоки чил сол пеш! Дар синфашон духтаре набуд, ки ба ӯ пинҳонӣ ё ошкоро ошиқ нашуда бошад. Охир, худаш ҳам хеле ҳушёр буд. Ҳар як духтар кулоҳи яклабаи сараш, қадди ғозмонанд ва дучархасаворecho ӯро, ки фармонашро озод гузошта меронд, дида адои тамом мешуд. Бозиҳояш дар турникро намегӯед?! То поёни танаффуси калон ба ангуштони поҳояш чаппа овезон меистод. Ҳамон Федкаи чобукро хоб дид. Дунафарӣ савори дучарха аз канори ҷавдорзор мерафтанд. Федка аз таҳи дил доду бедод мекард: «Агар мегуфтӣ, худам бурда мегузоштам, Марин».

Даҳ-понздаҳ сол пештар, ҳанӯз дар замони зинда будани падару модараш, дар таътили тобистона янгаамон ба Никол рафта, бо Федка дар назди обҷавфурӯшӣ вохӯрда буд. Бо чашмони хунгирифтаи ало-ало ҳоли пасте дошт

[42] **Шабаи чашм** – шаддаи сиёҳранг, ки чакраю холҳои сафедранг дорад; эътиқоди мардум бар ин аст, ки ин гуна шаддаҳо касро аз захми чашм эмин нигаҳ медоранд

ӯ. Аз ниҳояти мастӣ наметавонист рӯйи по биистад. Салом доду дар бало монд. «Биё, зани ман шав, Люска! – ба касе монанд карда часпид нокас. – Медонӣ, Зойкаам дигар нест».

Базӯр раҳой ёфта гурехта буд... Ҳамон Федка! Ҳазор сол мешавад, ки фаромӯш кардааст, чаро ба хобаш медарояд? Янгаамон бо хаёли парешон бедор шуд. Дид, рӯз дамидааст. Ҳаш-паш нагуфта нисфирӯз мешавад, бояд ба сафар барояд. «Ҳанӯз торт ҳам напухтай, хез, Марин!»

* * *

«Акаамон» ва «янгаамон» гуфта қисса мекунам. Дар асл, чӣ бисёр дорем – акаю ука! Лекин Арслонакаамон якто буд, ягона. Ӯ тағои ошноям Маҳмуд аст, ба ман дар мақоми амак. Дуруст, хешованди як буғум дуртар. Ману Маҳмуд аз хурдӣ ба ӯ ҳавас карда, мисли дум аз қафояш мегаштем. Ҳам рондани дучарха ва ҳам оббозӣ дар рӯдро ҳамин одам омӯзонда буд. Ба навъе, бо ҳам пайвастану дӯст шудани мо ду нафар ба шарофати Арслонакаамон аст. Ҳар гоҳ аз таҳсил меомад, ба ҳар як ҳаракати ӯ – шона задани мӯҳояш дар назди оина, дарзмол кардани шалвору курта ва ҳоказо маҳлиё будем ва ҳеч гоҳ аз тақлидкорӣ ба рафтори ӯ хаста намешудем. Баъдан касе, ки моро ба қатор нишонда то Тошканд бурд, пас аз донишҷӯ шудан нахустин бор ба ресторан дароварда ҳар гуна ғизову шарбату яхмос гирифта дод, ҳамин Арслонакаамон мебошад. Агар дидораш ба Тошканд меуфтод, моро бо дӯстонамон ба чойхона даъват карда зиёфат медод, ба кафи мо – донишҷӯён пул мехалонд. Дар айёми таътил бошад, ҳама харҷу маишат, албатта, аз ҳисоби акаамон буд.

* * *

Ин ҷо хостам воқеаеро нақл кунам.

Духтарам қарор кард ба рассомӣ хонад. Шабҳои дароз нахобида бо тарсими ангораҳо машғул мешуд. Як шаб дервақтӣ ба хонаам даромад, чашмонаш дар косахона нишаста.

– Додоҷон, ёд доред, дар хурдсолиам ба деҳа рафта, дар хонаи хӯ он як акаи калонҷуссаатон меҳмон шуда будем? Дар девори хонаашон як расм дида будам, хеле аҷибу ғалатӣ менамуд.

Чаро ёдам набошад! Лавҳарасме буд, ки шояд дар ҳазорон нусха пахш шудааст. Шафтолуи бузурге аз як сӯ бо намои гулгун ва шохаки сабзе рост ба он халида. Ин шафтолуро се-чор нафар писараки луб-лучи чашмкаҷ ба мисли тӯб ба куҷое ғелонида мебурданд. Дар канораш катибае ҳаст бо ҳарфҳои рост-рост, ба монанди хати чиноӣ... Чанд сол пеш ба ин сурати рангкоҳида, ки дар девори муҷаррадхонаи Арслонакаамон овезон меистод, чашмам афтида буд. Намедонам чаро, аз он хушам намеомад, сабабашро ҳам фикр накардаам.

– Хуб?

Духтари кап-калон бо хӯриву ноз хоҳиш кард:

– Ҳамон расмро дидан мехоҳам.

Ман бо шигифт гуфтам:

– Хайр, ҳар вақт ба деҳа равем, мебинӣ, гап нест!

– Агар дода истанд, як нусха мекӯчондам.

– Оббо, ба як плакати одӣ ин қадар! Ба хондан дароӣ, асли нусхаашро оварда медиҳам.

– Рост мегӯед?..

Духтарам ба хондан даромад. Ба деҳа ки рафтам, ваъдаи додаам ба ёд омад ва ҳамон ангораро аз Арслонакаамон пурсидам. «Агар ҷонам лозим аст, бифармо, моли туст, фақат инро намедиҳам», ғайри мунтазира гуфта монд ӯ бо дилтангӣ. Хеле ба шигифт омадам, ӯро бо ин ҳол аслан надида будам.

Намедонам барои чӣ, духтарам низ дар хусуси расм дигар дам назад. Ман ҳам ҳеч чиз нагуфтам. Аммо, то ба ҳол дар тааҷҷубам.

* * *

Арслонакаамон, дар воқеъ, одаме буд мисли «арслон»[43], девқомат, бо сари синаи баланд, мағруру бебок. Мегӯянд, ӯ ба духтари аммааш гаҳворабахш будааст, аммо амма намедиҳад. Рости гап, духтар дар Тошканд ба духтурӣ мехондааст ва ба як ҷавони хоразмӣ, ки шояд ба шевааш маҳлиё шуда бошад, издивоҷ мекунад. Ана ҳамон вақт қалби Арслонакаи шердиламон мешиканад. Маълум мегардад, ки ӯ низ дар ҷавонӣ ба одатҳои куҳнаи мардум бовар карда, ба дили касе роҳ наёфта будааст. Аз он пас дигарон ҳам «ягон нуқсон доштагист, ки аммаи ҷонҷонаш духтари худро раво надид» гӯён, ба ӯ забони хуш намедиҳанд.

Дар он миён аз ҷойҳои мухталифи Русия панҷ-даҳ нафарӣ шуда, духтарони таҳсилкарда барои омӯзгорӣ ба мактабҳо меоянд. Дар маркази ноҳия, дар мусофирхонае, ки чанд бинои сапедранг дошт ва ҳавлиаш, чуноне ки дар қиссаҳои ишқии Тургенев тасвир шудааст, пур аз дарахти азим буду чорбоғҳои куҳнаи партовро ба хотир меовард, ба онҳо ҷойи зист медиҳанд. Арслонакаамон, ки бесару бехуд дар ин муҷаррадхона мегашт, пас аз хонадор шудану хонаи падариро соҳиб шудани додаронаш, бар замми бепарвоӣ ба шаробхорӣ низ даст медиҳад (шояд яке аз сабабҳои духтар надодани одамон ҳамин одаташ буд?). Ӯ дар базмҳои худҷӯши ин чорбоғи пур аз роз ба яке аз духтарони озодбол, ки ба вай майл дошт, алоқа пайдо мекунад ва бо ӯ ба ҳамзистӣ руҷуъ мекунад. Падар аз дасти нангу ор онҳоро бо як лаган ош никоҳи мусалмонӣ мебандад. Ва аз он пас дар амал зану шавҳар мешаванд. Янгаамон Марина низ, рӯ турш накарда, хоҳ зебад хоҳ на, аз атласи зард пероҳану эзор дӯзонида мепӯшад ва ба мисли янгаҳои маъмулӣ даромада мемонад. Касе набуд, ки ӯро таъриф накунаду ба вай ҳавасаш наояд. Зани сариштакору босаранҷом, дилсӯзи шавҳар, ширинсухан, дидадаро буд ӯ. Охир, барои як рӯзгор аз ин бештар чӣ лозим?!

Лекин дар ин дунёи бевафо акаамон боз ба як сарнавишти шум пеш меояд: маълум мешавад, ки чунин як марди қавиҳайкал бепушт будааст. Аз дасти он «роҳати ҷон» буд ё ки асари чандинсолаи дарди бедавои аз овони ҷавониаш бардошта – танҳо ба Худо аён. Ноилоҷ, зану шавҳар аз ятимхона як духтари сағирро ба фарзандӣ мегиранд. Ӯ ҳам дурага буд магар, чеҳраи

[43] **Арслон** – шер

гандумгун дошту чашмони пистаранг – ба навъе муносиби ҳар ду, касе намегуфт, ки чаро ин тавр. Меҳр дода, поку покиза бузург мекунанд. Афсӯс ки, духтари нозпарварда ҳангоми дар Тошканд хондан ину онро баҳона карда, ба тарафҳои Русия сар мегирад. Падари ба суроғ баромада фақат ҳаминро мефаҳмад, ки ё ба хотири товон андохтан ба модари тарбиятдодааш, ё ки хуни бегонаи чашмони пистарангаш ба асли худ кашида буд, ки духтар ҷавонеро бо исми Андрей дӯст медорад ва аз дунболаш меравад. Ӯ падарро дида, «папа, я его люблю!» мегӯяд, вассалом.

Падар аз Самара бо ҳоли пакару руҳафтода бармегардад. Вақти зиёде нагузашта аз бемадорӣ сар ба болин мениҳад. Ҳамон марди қавиҳайкал зарфи муддати се-чор моҳ ба мисли чӯби қоқ лоғар шуда, ранги рӯяш заъфарон мегардад. Хунаш гандида, испурз аз кор меуфтад. Ин ҷо гиреҳи муаммо боз мешавад: вуҷуди акаамон ҳанӯз дар солҳои ҷавонӣ, ҳангоми хидмат дар парвозгоҳҳои фазонавардӣ вайрон шуда будааст.

Қариб ду сол янгаамон шабу рӯз ба ӯ нигоҳубинӣ мекунад, мисли як кӯдак аз ӯ мувозибат менамояд. Бо вуҷуди ин, ҳама ҳаракатҳо зоеъ рафта, акаамон аз дунё чашм мепӯшад. Оре, аз ин ҷаҳони пурҳасрат ба олами беормон роҳ меёбад!

Аз он дам инҷониб янгаамон Марина яккаву танҳо аст. Ҷое, ки дилаш об мехӯрад – хонаи дугонааш Лена, дар деҳаи ҳамсоя. Бо ӯ солҳое дар бозор вохӯрда, обашон аз як ҷӯй омадааст. Ленаи моделер зани «ба тӯр уфтода» аз айёми сарбозӣ буд. Ҷону дили духтару бонувони деҳа, куртаҳои бозу нимабозро бо маҳорат медӯзад – хайёт. Бе муҳобо, ӯзбеки гузаро шудааст. Ба хусус, агар медидед бачаҳояшро бо чӣ ҳарфҳое дуои бад мекард!

* * *

Янгаамон Абдуро дар доманаи роҳи баромад монда, кӯлбори савғотиҳояшро ба китф кашид ва ҳаму ростшавон ба самти теппагӣ қадам ниҳода гуфт:

– Ту як-ду соат дар ҳамин атроф давр зада гард, хуб?

Абду аз Худо хоста, хурсанду сари ҳол мототсиклро хомӯш кард ва пеш аз он ки ба поён ғелонад, ҷавоб дод:

– Қабул, муаллим-янга, шумо ҳар қадар хоҳед!

Ҳамин ки янгаамон ба ҳавлии васеи боғу боғчадоре, ки дар фарози нишебӣ қарор дошт, дохил шуд, Ленаи моделер дар танӯр нон мепухт. Росташ, нонпазиро ба поён расонда, нонҳои паҳни рӯйи хонтахтаро ҷамъ карда, дар дастархон мепечонд. Ҳарчанд рӯз торафт метафсид, ҳанӯз куртаи чун халта васеи танаш, куҳналаттаи ба сару сурат бастаю рӯмоли доғолудашро дарнаоварда буд. Аз гунаи хурдаки бо ҳаври танӯр сурхшудааш, ки дар асл хушк буд, дуто нуқтаи фурӯрафтаи сабзтоб ялтирос мезад – ба мисли ду қатра оби вусма!

– Биё, биё, Марин!

– Ҳастӣ, Ленахон, камдидор шуда рафтӣ?

Дугонаҳо ҳамдигарро ба оғӯш кашида ҳолпурсӣ карданд. Мизбон дарҳол ба дохил даромада, сарутани тозаи худро пӯшида баромад. Бо чобукӣ ба рӯйи чорпояи зери дарахти тут ҷой дуруст кард. Сипас туҳфаҳои овардаи дугонаашро як-як кушода, бо арзи миннатдорӣ ӯро ба оғӯш кашида монд. Худаш ҳам ба хона даробаро карда, ҳар чӣ дошт ба рӯйи дастархон рехт.

Лена духтари хурдии худро, ки халтачаеро ба дӯш гузошта, аз хеле вақт дар рӯйи ҳавлӣ давуғеҷ дошт, навозиш кард, ба дасташ як тикка торт бурида дод. Ӯро ба мактаб гусел карда дубора ба назди меҳмони азиз баргашт. Дар хона каси дигар наменамуд, падар ҳамроҳи ду писар барои ҷамъоварии коҳ ба саҳро баромада буд, духтари миёнгин мебоист пас аз дарсҳояш ба хабаргирии модаркалон равад. Аз ин хотир, ду нафар ҳамзабон, ду ғариб рӯ ба рӯ нишаста, бо лафзи худ ба суҳбат пардохтанд. Касе нест, аҳадунносе намешунавад, бемалол. Ҳар кӣ аз қафо бубинад, ба хусус, занеро, ки бо қиёфаи комилан маҳаллӣ тез-тез ба русӣ гап мезад, лол монданаш аҷаб набуд. Ленаи моделер бо руҳбаландӣ гуфт:

– Биё, Маринаҷон, имрӯз одам барин бафурҷа бишинем! – ва беист атри дугонаашро кушода ба пушти гӯшҳояш заду аз марҳами подошӣ низ ба рухсораш молида монд.

Марина бо лабханд ба сухан омад:

– Мо ки нишастаем, аз ин бештар мешавад?

Мизбон ба сараки часпдори мусалласи қирмиз, ки аз гӯшаи кӯлбори рӯйи чорпоя ба чашм мехӯрд, нигоҳе афканда гуфт:

– Дигар хел, табъи дил бошад мегӯям, бо маданият!

– Лекин, инро ба шавҳарат гирифтаам...

– Заҳра хӯрад! – як он ба ӯзбекӣ гуфт, Ленаи моделер аз ҷо хеста. – Ҳар қадар лозим буд, то имрӯз нӯшидааст вай!

Ҳамин ки мизбон аз хона дар ду даст дуто қадаҳи дарозрӯя гирифта мебаромад, духтарчаи ҳамсоя аз дарвоза сар халонда овоз дод:

– Холаи чашмобӣ, аз хамирмояатон медодаед, очаам гуфт.

Кадбону қадаҳҳои дасташро дар гӯшаи айвон гузошта ба сӯйи танӯрхона шитофт ва бо шавқ изҳор кард:

– Илоҳӣ, холаи чашмобиат қурбон шавад, хамирмояаш ҳам бесоҳиб!

Духтаракро гусел карда занҷири дарвозаро гузаронд ва баргашту шӯхиомез ба дугонааш чашм зер кард:

– Хуб, чӣ гуфтӣ? Худамон ҳастем, касе ба мо халал намерасонад!

Янгаамон китф парронда мулоим ҷавоб дод:

– Ихтиёрат.

Мусалласро ба қадаҳҳо рехта бо ҳам ҷанг андохтанд ва ногоҳ ба зеҳни Лена фикре омад ки, пурсид:

– Дарвоқеъ, ба чӣ муносибат менӯшем? Ягон чизе гӯй-охир!

– Худат гӯй.

Лена-моделер қадаҳро баланд бардошта каме ба хаёл рафт.

– Биё, ин қадаҳҳоро барои ҳар дуямон, ба хотири ҳамин ду шӯрпешонӣ мебардорем!

– Намехӯрам! – ғайри чашмдошт қадаҳро гузошта гуфт янгаамон. – Куҷои ту шӯрпешонӣ будааст? – ӯ ба ҳавлии ободу ороста, ба самти боғе, ки бо воишҳои на он қадар баланд сарсабзу хуррам ба назар мерасид, рӯ оварда афзуд: – Бубин, ҳама чизат ҳаст! Шавҳар соябонат, бачаҳо дар канорат, боз чӣ мехоҳӣ?!

– Тавба кардам, тавба! – боз ҳам ба ӯзбекӣ забон кушод Лена-моделер дасташро ба рӯйи сина гузошта. – Рост мегӯйӣ, дугонаҷон, ҳақ асту рост. Худоро шукр, ҳазор бор шукр!

– Пас, барои ту, барои шавҳару бачаҳоят мегирем!

– Сипос, азизи ман, ташаккури зиёд, – гуфт Лена-моделер бо дидаҳои ашколуд ва мусалласро қулт-қулт то охир нӯшид. Таъмашро дар даҳон ҳис кард магар, қадаҳашро дубора пур кард: – Акнун барои ту менӯшем! Арслонат аҷаб одаме буд! Дар он дунё роҳат бихобад. Ҷанг намезанем, чӣ аз ёдат баромад?

Ин суханҳои дугонааш ба янгаамон аз ҳарзагӯйӣ беш нанамуд. Ӯ бо чашмони намолуд лабханд карда гуфт:

– Ту – худ барои ман менӯшӣ ё ба хотири марҳум?

– Чӣ фарқе дорад, Арслон аз они ту буд, ту аз Арслон! – гуфт мизбон ва ҳарисона қадаҳро холӣ кард. – Худат дасти танҳо, зиқ мешавӣ-а, Марин?

– Не, чаро зиқ шавам? Ба назди ҳамсояҳо мегузарам, ба хонаи хусур рафта меоям ё рӯйи диван дароз кашида китоб-питоб мехонам, ё ки телевизор мебинам. Аз сӯйи дигар, корҳои рӯзгор.

– Воронежро ёд мекунӣ? Зодгоҳатро диданиат намеояд? Аз духтарат чӣ хабар?

– Аз кадом саволат сар кунам? – гуфт янгаамон ва чанд лаҳза ба фикр фурӯ рафт.

Зодгоҳашро кӣ ҳам ёд намекунад? Лекин пазмон шуда, ба он ҷо равӣ чӣ меёбӣ? Чолу кампир аллакай пой дароз кардаанд; ягона хоҳараш буд – Настя, вай ҳам аз шавҳар ҷудо шуда, бо як хориҷӣ баромада рафтааст. Акнун дар Португалия зиндагӣ мекунад, ба навъе, ӯ ҳам нест. Вақте ки падару модар зинда буданд, қариб ҳар тобистон бо шавҳараш ба меҳмонӣ мерафт. Дар чаманзори канораҳои Николсой аҳли оила ҷамъ шуда моҳихӯрӣ мекарданд. Бо баҳонаи моҳӣ ба падари бодапараст Худо медод: ду домодро дар ду бар гирифта хушҳолӣ мекард; агар писари хурдии бадрашк моҷаро роҳ намеандохт, онҳо аҳёнан дар соҳили рӯд гулхан афрӯхта, дар ҳамон ҷо тамоми шаб низ мемонданд.

Маъмулан, шароб ба касе, ки муддати мадид нахӯрдааст, як он таъсир мегузорад. Лена-моделер хуморолуд, дар ҳоле, ки аз даҳонаш об мерафту чашмонаш пури ҳалқаоб мешуд, аз ҷо хест ва дар паҳлуи дугонааш нишаста лаб ба сухан кушод:

– Мани бечора бошам, манзиле ҳам, одаме ҳам надорам, ки пазмон шавам. Як бенавое ҳастам, ки дар ятимхона калон шудаам! – ӯ худро ба даст гирифта беихтиёр гуфт: – Биё, азизам, суруд мехонем.

Ҳар ду муддате дар интихоби суруд талош карданд ва охирсар ҳамон таронаи машҳури «Подмосковные вечера» интихоб шуд.

– Хуб, сар кун!

– Не, аввал ту!

Ду нафар ғариб даст ба рӯйи кафҳои ҳамдигар гузошта, оҳиста-оҳиста ба хиргоҳӣ кардани таронаи ҳазин, ки ёдоварӣ аз диёру макони дуродур, моломол аз ёди нафасҳои сарзамини дурдаст буд, оғоз намуданд. Як дам гирду атроф гӯё намои хосе ба худ гирифт, мисли ин ки сукунати шомгоҳии боармоне фаро расида, гӯяндаҳо ба Марфушаҳои ҳамрозу ҳамҷон, сафедорҳои қадафрохтаи сар-сари девор, ба тӯсҳои сапедранг бадал шуда рафтанд.

Фарзанди ятимхона, ки то дараҷае худро ёфтааст ва чун ин ҳавлию ҷо ҳам моли худаш аст, яке бо садои шунаво овоз дод:

*Не-е-е за-абудь и ты-ы эти летние-е-е*
*Подмоско-овные ве-че-ра-а-а…*

Нола аз пайи нола мепайвандад:

*От этих мест куда мне деться?*
*С любой травинкой хочется дружить.*
*Ведь здесь моё осталось сердце,*
*А как на свете без любви прожить?*

Оҳанги маҳзун чанд муддат дар зеҳни дугонаҳо, ки аз таронахонӣ хаста шуда ба гардани ҳам печидаанд, нишаста мемонад.

– Вой, мани фаромӯшхотир мурам! – мизбон беихтиёр аз ҷояш ҷаста хесту ба хона даромад ва аз он ҷо як қуттича дар даст баргашт: – Қаҳва мехӯрем! – Ба чорпоя наздикшавон гуфт ӯ ва бо шитоб қуттичаро боз карду ҳавсалааш пир шуд: – Эҳ, ин сабил донадораш будааст! Порсол ба марказ рафта харида будам, нақд ба панҷ ҳазор сӯм! Хуб нигоҳ накарда будаам, ҳайф...

Янгаамон каме бо таассуф пурсид:

– Қаҳвасо надорӣ?

– Он гуна чизҳо чӣ кор мекунад дар ин хона! – худ аз худ оташин шуда гуфт Ленаи моделер. – Э-ҳа-а, ёфтам, кӯфта-кӯфта хурд мекунем!

– Бо чӣ? Бо чӣ мехоҳӣ бикӯбӣ?

– Ҳаст-ку, он як чизи мезадагӣ. Чӣ буд исмаш? Ҳаҳ, номаш дар гӯр, дар нӯки забонам чарх мезанаду ба ёдам намеояд-е! – Лена-моделер исми василаро наёфта дар идома ба ӯзбекӣ гузашт: – Э, чулдир-чулдири маллабойҳоро як сӯ мон, ҳованча ҳаст-ку, ҳованчаи худамон!

– Ҳованча?! – такрор кард янгаамон каме суст шуда ва мисли ин ки пае дар вуҷудаш чирс канда бошад, ҳамин ҳозир аз ин ҷо фирор карданӣ шуд. – Чӣ аст, ҳованчаат?

– Оре, ҷувозак-чи, ҷувоз? Ҳоло меоварам, мебинӣ! – Лена-моделер баргашту ба тарафи ошпазхона рафт.

– Куҷо меравӣ?! Ман қаҳва намехӯрам, ҷигарам дард мекунад.

Мизбон каме саросема шуд, сари ҷо истод.

– Ман мехезам, Ленаҷон, ба ман рухсат. Дар хона як олам кор дорам.

Баҳонаи хушку холӣ! Аз он ҷо янгаамон ба манзили ҳайҳоти худ меояду ангушт мегазад: ҳеч як кори муҳим надорад. Аз дилтангӣ ба хонаи ҳамсояҳо мегузарад, ба ин ё он корашон менигарад. Боз ҳам дилаш бетоқат шуда, аз рӯйи одат мегӯяд: «Дар хона як олам кор дорам!»

– Э, мон-е, Марин! Бо як азоб омадию боз мегардӣ? Ош-чи, ҳоло бо ҳам ош мепазем, охир!

– Баъд, дафъаи дигар, – гуфт янгаамон, дар ҳоле ки аз дил мегузаронд дигар ба гумон аст остонаи ин хонаро зер кунад. «Барои чӣ ба пеши ҳамин зани содалавҳ омадам?», яке дар худ андешид ӯ.

Ленаи бечора ҳангу манг шуда, гарчи натавонист меҳмонро нигаҳ дорад, давида аз танӯрхона чор қурс нон оварду дар кӯлбори ӯ андохт ва сипас безобита ба ин сӯву он сӯ чашм давонда, аз воиши ток се-чаҳор сар ангур канд...

Хулласи калом, ё аз таъсири мусаллас буд, ё ки аз хурсанд омадану ногаҳон ба хеста рафтан аҳд кардани дугонааш, Лена дилтанг шуд, бо чашмони ашколуд сару китфи ӯро бо кафи даст молида-молида гусел кард.

Янгаамон Марина бошад, ҳангоми баромадан аз дарвоза сабаби ташрифи худро ба ин манзил аз хатти хаёл гузаронд ва ба хубӣ дарк намуд, ки дар оянда ҳам бисёр хоҳад омад.

* * *

Абду чорзону зада кадом як ҷоҳои мототсиклро дасткорӣ мекард. Янгаамонро дида гуфт:

– Ин қадар зуд баромадед, муаллим-янга? Фикр кардам ба майли хотир мешинед, ҳанӯз ду соат нашуд-ку?

– Шуд, Абдубой, аз он ҳам бештар шуд. Рафтем.

Ба роҳ баромаданд.

Ҳамин ки аз сой гузашта хамгашти теппагии қабристонро давр мезаданд, банохост ғилдиракҳои мототсикл дар роҳи хокӣ лағжиду дастгоҳ мувозанатро гум кард ва качу яклаба роҳравон яке ба паҳлу афтида монд. Абду бо талвосаи ҷон аз ҷойи афтидааш ҷаҳида хест ва ба мототсикл часпида, бо як ҳаракат онро рост кард. Янгаамон зонуи ба замин хӯрдаи худро даст-дасткунон он сӯтар рафт ва ба як гӯшаи баромадаи харсанге нишаст.

Абду бо ранги парида бахшиш пурсид:

– Узр, муаллим-янга, надониста мондам.

Янгаамон ин сӯ он сӯйи пояшро молида гуфт:

– Узри бадтар аз гуноҳ! – Ба назар мерасид, ки пӯсти соқаи пояш каме ронда шудааст, дигар бешикаст. – Набахшам-чӣ?

– Хоҳиш мекунам, маро бубахшед, янгаҷон!

– Ёфтам! – баногоҳ сарашро бардошта садо дод янгаамон. – Ёфтам, ступка[44] аст, ступка!

Абду бо даҳони боз суол кард:

– Ёфтед? Чиро? Уступка? Чӣ аст он?

– Уступка не, калтафаҳм, ступка! Фаҳмидӣ, ступка. Ҳаст-ку он як васила, зада-зада майда мекунад, хурд карда мепартояд, ана ҳамон. Ӯзбекиаш чӣ буд-а, ҳамин пештарак мегуфт...

– Чиро мезанад? Чиро хурду майда мекунад?

Янгаамон бетоқатона ҷавоб дод:

– Ҳар чӣ бошад! Масалан, қаҳваи кӯфтанашуда ё мисли ҳамин ҳар чизи сахту дурушт бошад. Ҳатто, агар зоти одам ҳам! – бо гуфтани ин сухан каме андешаманд маъюс монд ва афзуд: – Он чӣ ту мегӯйӣ – «уступка» , ба дигар маънӣ аст.

– Ба чӣ маънӣ?

– Бубин, фурсате пеш ту мототсиклро чаппа карда маро захмдор намудӣ, дуруст? Акнун бахшиш мепурсӣ. Ман ҳам ин рафтори туро бахшида истодаам, чунки ту маро ба чанд ҷойи дигар бояд бибарӣ! Ана ба ин мегӯянд, «уступка», фаҳмидӣ?

– Уступка, уступка, ступка, – гӯён чанд бор зери лаб такрор кард Абдубой, аммо маъние ба зеҳнаш наомад.

Янгаамон хаёлангез гуфт:

– Агар дар ин дунё ба уступка наравӣ, ба ступка ғизо мешавӣ, додарҷон. Ба чӣ қадар додуситад тоб меоварад, ин одамизод! Хуб, ту акнун бирав.

– Ба куҷо равам? Шумо чӣ, шумо?

– Корат набошад, ман худам меравам.

Янгаамон таваккул, ланг-лангон ба самти теппаи гӯрхона роҳ пеш гирифт. Ба назди дарвозаи қабристон расида, як он бесаранҷом шуда монд. Ҷое, ки ҳар замон омада меистод, намешуд ба сараш рӯмол-пӯмол бибандад? Касе бинад чӣ мегӯяд?.. Эҳ, ҳар чӣ гӯянд, Марин, даро!

* * *

Янгаамон аз қабристон баромада, сарнишеб мерафт, ки чашмаш ба «Чайка» афтид. Дар ҳамон ҷойи пештара меистод. Ронандааш наменамуд. Каме аз канор гузашта дид, ки ӯ дар сояи мототсикл ҷамъ шуда ба ғанаб меравад.

– Чӣ хобҳое дида истодаӣ, уступкабой? Хез, рафтем.

Писар чашмонашро кушода сар бардошт:

– Ҳамон гапҳои гуфтаатонро ҳеч нафаҳмидам, муаллим-янга!

– Э мон, худам ҳам намефаҳмам, Абдубой. Хез акнун, дер шуд!

---

[44] **Ступка** – ҳованча, ҷувозак

## САРЧАШМАҲОИ АДАБӢ ВА ИТТИЛОӢ:


1. Вожаҷӯ – Фарҳанги бархатти тоҷикӣ: фарҳанги тафсирии забони форсии тоҷикӣ [манбаи электронӣ] – Наҳваи дастрасӣ: https://vazhaju.com/

2. Портали «ziyouz.com»: шарҳи ҳол ва осори баргузидаи адибони ӯзбек [манбаи электронӣ] – Наҳваи дастрасӣ: http://www.ziyouz.com

3. Торнамои «saviya.uz»: шарҳи ҳол ва осори баргузидаи адибони ӯзбек [манбаи электронӣ] – Наҳваи дастрасӣ: https://saviya.uz

4. Торнамои «Ўзбекистон Ёзувчилар уюшмаси»: шарҳи ҳол ва осори баргузидаи адибони ӯзбек/насри ӯзбек [манбаи электронӣ] – Наҳваи дастрасӣ: http://ijod.uz

5. Ўзбек адиблари: XX аср ўзбек адабиёти (намунаҳо аз осори адибони ӯзбек, асри XX) / Собир Мирвалиев, Рихсия Шокирова. Т.: Нашриёти адабиёт ва санъати ба номи Ғафур Ғулом, 2016.

6. Ўзбек тилининг изоҳли луғати: фарҳанги тафсирии забони ӯзбекӣ /дар зери таҳрири А. Мадвалиев (2006-2008); [манбаи электронӣ] – Наҳваи дастрасӣ: http://www.ziyouz.com

7. Фарҳанги (луғатномаи) ӯзбекӣ-русӣ: шарҳи маънии калимаҳо ва истилоҳоти ӯзбекӣ ба русӣ [манбаи электронӣ] – Наҳваи дастрасӣ: http://www.translatos.com/ru/uz-ru/

8. Хуршид Даврон кутубхонаси: намунаҳо аз адабиёти ӯзбек ва ҷаҳон [манбаи электронӣ] – Наҳваи дастрасӣ: http://kh-davron.uz

# МУНДАРИҶА


**Худойбердӣ Тӯхтабоев**
Бузҳои ваҳшӣ *(афсона)*.................................................................. 4

**Фарҳод Мусоҷон**
Сабақ *(ҳикоя)* .............................................................................. 14

**Ӯлмас Умарбеков**
Амонат *(ҳикоя)* ........................................................................... 23

**Эркин Самандар**
Мурғони олами ғайб *(ҳикоя)* ..................................................... 31

**Неъмат Аминов**
Саги бобои қассоб *(ҳикояи ҳаҷвӣ)* ............................................ 39
Ҳикояти як қарн *(намунаҳо аз рисола)* ……………………………….. 42

**Шукур Холмирзоев**
Дарвеш *(ҳикоя)* ........................................................................... 46

**Асад Асил**
Паҳлавони хирсафкан *(ҳикоя)* .................................................... 58

**Амон Мухтор**
Муаллими адабиёт *(ҳикоя)* ......................................................... 63
Шайтонароба *(ҳикоя)* ................................................................. 67

**Ӯткур Ҳошимов**
Янга *(ҳикоя)* ................................................................................ 70

**Муҳаммад Алӣ**
Ситораи Насри Тоир *(ҳикояи таърихӣ)* ..................................... 78

**Тоҳир Малик**
Дуои бад *(ҳикоя)* ……………………………………………………… 87

**Тоғай Мурод**
Марду ҳамсари ӯ *(ҳикоя)* ........................................................... 103

**Отаули**
Дастур *(ҳико таърихӣ)* ............................................................... 108

**Нуралӣ Қобул**
Бозгашт*(ҳикоя)*........................................................................... 113

**Эркин Аъзам**
Ступка *(ҳикоя)* .......................................................................... 122

**Сарчашмаҳои адабӣ ва иттилоӣ** ........................................................ 133

Адабий-бадиий нашр

**СӮЗ ХИРМОНИ**
(Ӯзбек адибларининг танланган ҳикоялари)
(ИККИНЧИ КИТОБ)

*Таржимон ва нашрга тайёрловчи*
**Юнуси ИМОМНАЗАР**

*Муҳаррир*
**Насиба ЗАЙНИДДИНОВА**

*Мусаҳҳиҳ:*
**Саодати РӮЗӢ**

*Саҳифаловчи дизайнер*
**Акмал ФПАРМОНОВ**

«TUBO NASHR» нашриёти
100029, Тошкент шаҳри,
Юнусобод тумани 7 мавзеси, 7-уй
Тасдиқнома № 031371 (2022.01.07)
2024.15.01 да босишга рухсат этилди. Бичими 60*84 1/16*
«Cambria» гарнитураси. Шартли босма табоғи 12.9.
Нашриёт табоғи 12.8. Адади 1000 нусха


Номи некӯ гар бимонад з-одамӣ,
Беҳ, к-аз ӯ монад саройи зарнигор.
Ганҷ хоҳӣ дар талаб ранҷе бибар,
Хирмане мебоядат тухме бикор.
Саъдии Шерозӣ
ISBN 978-9910-9928-4-1
9 789910 992841